ДОНИШКАДАИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ИМОМИ АЪЗАМ

Курбонов Абдулвадуд



# 1025
# САВОЛУ ҶАВОБ ДАР БОРАИ АҲКОМИ ҲАҶ ВА УМРА

ДУШАНБЕ

**ББК 86.38**

**К-93**

Бо қарори Кумитаи оид ба корҳои дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2013 таҳти ташхиси диншиносии рақами № 37 ба чоп тавсия карда шудааст

Гирдоваранда:
Қурбонов Абдулвадуд
Муҳаррир: Курбонов Абдулмаҷид
Ҳуруфчин:
Изатуллоҳи Абдулвадуд

Дар матбааи «__________________» бо теъдоди 500 нусха нашр шуд
Замони чоп июни 2013. Суроға __________________

ISBN 978-99947-957-4-1 © Қурбонов А.

## **Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим**

### Пешгуфтор

Ҳаҷ маҷмӯае аз амалҳои ибодатист, занҷираест нисбатан тӯлонӣ ва аз ҳалқаҳои ба ҳам пайвастаи аъмолӣ ташкил шуда, ки ҳар кадом бояд дар вақти худ ба шакли муносиб иҷро шавад ва агар як ҳалқа, дар ҷои худ устувор нашаваду як амал ба дурустӣ иҷро нашавад, ин занҷир аз ҳам ҷудо ва гусаста мешавад ва ранҷу заҳмати ҳоҷӣ беҳосил мемонад.

Ҳоҷиёне, ки аз кишварҳои дуру наздик ба ҳаҷ ба сарзамини ваҳй, сарзамини нузули малоик ва нузули Қуръону қадамгоҳи Паёмбарон шарафёб мешаванд, отифаашон таҳрик хоҳад шуда ва зуд ба ҳақ мерасанд, модоме ки сарпарасти ҳоҷиён ва зоирини хонаи Худо олимон ва соҳибдилоне бошанд, ки мафҳум, ҳикмат ва сирру асрори ҳаҷро ба ҳоҷиён ва меҳмонони хони Худо гуфта дода тавонанд. Бисёрии ҳоҷиён тайёранд, ки дар ин сафари бузургу тағйирдиҳандаи руҳу равон аз гуноҳон ва аъмоли зишти гузаштаи худ ба даргоҳи Худои таоло бо ихлоси том тавбаву омурзиш намуда аз ҳаҷ ба монанди тифли навзод бегуноҳ ба ватанашон баргарданд.

Мутаассифона бархе аз ҳоҷиён аз ҳадаф ва ҳикмати асоси ва аслии ҳаҷ баҳра набурда аз ин сафари руҳонӣ бенасиб бармегарданд.

Эй бародари динӣ! Худои таборак ва таоло неъмати бузурге ба шумо ато фармудааст, ки иродаи ба хонаи муқаддаси худ ва зиёрати шаҳри мубораки

Расули худро дар дилатон андохта ва васоили расидан ба онҷоро низ бароятон муяссар гардонидааст, қадру қимат ва азамати ин неъмати бузургро бидонед ва шукри Худоро ба ҷо оваред. Ва бузургтарин шукри неъматҳо ин аст, ки пеш аз озими сафари ҳаҷ, дар омодагӣ ва омӯхтани аъмоли ҳаҷ ва тариқаи адои он машғул шавед. Дар даврони сафари ҳаҷ бояд чанд китоби диниро ҳамроҳ дошта бошед. Ҳадди ақал яке аз онҳо китобе бошад, ки дар ҳангоми зарурат битавонед масоили ҳаҷро аз рӯи он донист.

Барои ба ҷо овардани яке аз фарзҳои Худовандӣ китобҳои зиёде мавҷуданд. Азбаски барои дуруст фаҳмидану дарк кардани масъалаҳои зикршуда бисёр одамон, ҳоҷиён азоб мекашанд ва баъзе масъалаҳоро нодуруст мефаҳманд. Ман бо кӯмаку ёрии Худованди мутаол кӯшиш ба харҷ додам, ки як китобе бо усули бисёр сода ва омафаҳм ба тариқи саволу ҷавоб таълиф ва ҷамъоварӣ намоям, то ки ҳоҷиёни муҳтарам барои баҷо овардани маносик ва аркони ҳаҷ азоб накашанд ва ба душворӣ гирифтор нашаванд. Ман ҳамаи маросимҳои ҳаҷро бо тартиб бо тариқи саволу ҷавоб барои хонандагон пешниҳод намудам. Аз Худованди мутаол умедворем ки инро қабул бифармояд ва мавриди қабули мусулмонон бигардонад.

**Қурбонов Абдулвадуд**

## Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим

## Аҳкоми ҳаҷ

Савол 1: Ҳаҷ дар луғат ва дар истилоҳи шаръ чист?

Ҷавоб 1: Ҳаҷ дар луғат ба маънои қасди амри бузург ва азимеро гӯянд. Дар истилоҳи шаръ иборат аз зиёрати ҷои махсус, дар замони махсус, бо амалҳои махсус аст. Иншоаллоҳ тамоми ин (истилоҳот)-ро машруҳ хоҳӣ донист.

Савол 2: Ҳукми ҳаҷ дар ислом чист?

Ҷавоб 2: Ҳаҷ яке аз аркони ислом буда, касе, ки фарзияти онро инкор намояд аз миллати ислом хориҷ мегардад. Худои мутаол дар мавриди ҳаҷ мефармояд: ***«Ва лиллоҳи ала- н-носи ҳиҷҷу-л- байти манистатоа илайҳи сабило».*** Яъне: « Ва Худорост бар мардум ҳаққи ҳаҷ кардани Хона ҳар ки ба сӯи он роҳ ёфта тавонад». (сураи Оли Имрон, ояи 97)

Савол 3. Ҳаҷ бар чӣ касе фарз мешавад?

Ҷавоб 3: Ҳаҷ бар касе фарз мегардад, ки мусулмон, оқил, болиғ ва сиҳатманд буда, амнияти роҳ ва қудрат ба доштани тӯша, роҳу маркаб, агарчи моли шахсияш бувад ё ба кироя гирад, шарт гардидааст. Ҳамчунон шарт гузоштаанд, ки ин моли зиёд аз эҳтиёҷоти лозимиаш бувад то замони баргаштани вай бештар аз нафақаи аҳлу авлодаш бошад.

Савол 4: Оё дар мавриди ҳаҷи занон шарти бештар аз он чӣ зикр намудед вуҷуд дорад?

Ҷавоб 4: Агар дар миёни зану Макка фосилаи қаср ва ё бештар аз он вуҷуд дошта бошад, вуҷуди маҳрам ё шавҳараш бо вай шарт аст. Бидуни шавҳар ё маҳрам ҳаҷ  барояш ҷоиз нест.

## Фарзҳо, воҷибот ва сунатҳои ҳаҷ

Савол 5: Фарзҳои ҳаҷ чист ва чӣ теъдоданд?

Ҷавоб 5: Фарзҳои ҳаҷ  се чиз аст:

1 – Эҳром

2 – Вуқуф (истодан ба Арафот)

3 – Тавофи зиёрат

Савол 6: Воҷиботи ҳаҷ кадомҳоянд?

Ҷавоб 6: Воҷиботи ҳаҷ иборатанд аз:

1 – Вуқуф дар Муздалифа баъд аз тулӯи фаҷри рӯзи наҳр (рӯзи ид)

2 – Саъй байни Сафо ва Марва

3 – Рамй ҷимор (сангзанӣ)

4 – Тавофи видоъ ё тавофи садар барои касоне, ки аз хориҷи миқот меоянд

5 – Тарошидани сар ва ё кӯтоҳ кардани мӯй

6 – Истимрор (давом ёфтани) вуқуф дар Арафот то ғуруби офтоб

7 – Забҳ намудани қурбонӣ барои қорин ва мутаматтиъ

8 – Тартиб барои муфрид, миёни рамй ва ҳалқ ва барои қорин ва мутаматиъ миёни рамй, забҳ ва ҳалқ

9 – Адо кардани тавофи зиёрат дар айёми наҳр (се рӯзи ид)

10 – Тарошидани сар ва ё паст кардани муй дар Ҳарам

11 – Ҳалқ ё қаср дар айёми наҳр

Савол 7: Суннатҳои ҳаҷ кадомҳо ҳастанд?

Ҷавоб 7: Суннатҳои ҳаҷ қарори зайланд:

1 – Тавофи қудум барои шахсоне, ки аз хориҷи миқот меоянд ва ҳам барои қорин

2 – Рамал ва изтибоъ (китфи рост луч) дар тавофе, ки баъд аз он иродаи саъй миёни Сафо ва Марва дошта бошанд

3 – Рафтан ба сӯи Мино дар рӯзи ҳаштум, ки онро «явми тарвия» гӯянд. Сипари намудани шаби оянда дар Мино.

4 – Берун шудан аз Мино ва ҳаракат ба сӯи Арафот баъд аз баланд шудани рӯзи арафа.

5 – Сипари кардани шаби ид ё шаби явми наҳр дар Муздалифа

6 – Ғусл намудан дар Арафот

7 – Сипари кардани шабҳои айёми наҳр рӯзҳои ид дар Мино

## Миқотҳо ва Эҳром

Савол 8: Миқотҳоеро тавзеҳ диҳед, ки убур (гузаштан) аз он бидуни эҳром барои ҳеҷ инсоне ҷоиз нест?

Ҷавоб 8: Миқотҳое, ки расули Худо (с) таъйин намудаанд панҷ миқот аст:

1 – Зулҳулайфа, миқоти аҳли Мадина аст

2 – Зоти ирқ, миқоти аҳли  Ироқ аст
3 – Ҷуҳфа, миқоти аҳли Шом аст
4 – Қарнулманозил, миқоти аҳли Наҷд аст
5 – Яламлам, миқоти аҳли Яман аст

Ин нуқтаҳо барои мардуми манотиқи мазкур ва ҳар касе, ки аз онҳо убур кунанд, миқот аст.

Савол 9: Ин миқотҳо барои касоне таъйин ва нишондиҳи шудааст, ки хориҷ аз онҳо буда ва бихоҳанд аз он убур намоянд. Савол дар мавриди касоне аст, ки ё дар миқотҳо сукунат доранд ё дар минтақаҳои миёни миқот ва Ҳарам зиндаги доранд ё дар худи Ҳарам маскан гузинанд?

Ҷавоб 9: Касоне, ки дар миқот сукунат доранд, эшон аз ҳамон ҷо эҳром мебанданд. Касоне, ки дар миёни миқот ва Ҳарам сокинанд, миқоти онҳо минтақаи Ҳил (миёни миқот ва Ҳарам) аст. Касоне, ки дар Ҳарам зиндагӣ мекунанд миқоташон дар ҳангоми ҳаҷ Ҳарам буда ва дар умра Ҳил аст.

Савол 10: Оё ҷоиз аст, ки қабл аз миқотҳо эҳром баст?

Ҷавоб 10: Оре, ҷоиз буда ва тақдими он беҳтар аст. Агар дар моҳҳои ҳаҷ эҳром баст ва аз иртикоби амалҳое, ки дар эҳром мамнуъ аст, итминон дошт, беҳтар аст.

Савол 11: Агар эҳромро аз миқот  таъхир намуд, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 11: Ин кор ҷоиз нест, агар баъд аз убур (гузаштан) аз миқот эҳром баст, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

Савол 12: Шахсе ба Макка сафар менамояд дар роҳаш яке аз ин миқотҳо мавқеият надорад, аз куҷо эҳром мебандад?

Ҷавоб 12: Вай аз наздики ҳар миқоте, ки мегузарад, аз муқобил ва баробари он эҳром мебандад.

Савол 13: Эҳром чист?

Ҷавоб 13: Эҳром нияти ҳаҷ ё умра ҳамроҳ бо талбия аст.

Савол 14: Оё дар эҳром тариқаи маснунае (суннат) вуҷуд дорад?

Ҷавоб 14: Ҳар гоҳ шахсе хост эҳром бибандад, ғусл ва ё таҳорат намояд, ки ғусл беҳтар аст. Ду қитъа либоси ҷадид (нав) ва ё шусташуда, ки дӯхта нашуда бошад, бипӯшад. Якеи онро ба ҷои изор истеъмол кунад ва бо дигараш худро бипечад, агар хушбӯи дошт худро хушбуй намояд, сари худро пӯшонида ва ду ракъат намоз бихонад, пас аз адои намоз сари худро бараҳна намуда ҳаҷро ният карда ва бигӯя: ***Аллоҳума инни уридул ҳаҷҷа фаясирҳу ли ва тақабалҳу минни.*** Яъне, Парвардигоро иродаи ҳаҷ дорам пас ӯро бар ман осон гардон ва ӯро аз ман бипазир. Сипас чунин талбия гӯяд: ***Лабайка ллоҳума лаббайк, лабайка ло шарика лака лаббайк иннал ҳамда ва неъмата лака ва-л- мулк ло шарика лак.*** Ҳеҷ як аз ин калимотро кам накунад, агар чизе бад он меафзояд, ҷоиз аст. Ҳар гоҳ талбия гуфт дигар муҳрим шудааст. Бояд аз ҷизҳое, ки дар эҳром мамнуъ аст, ҳазар намояд.

Савол 15: Агар зан дар ҳолати ҳайз ва ё нифос бошад, оё ба хотири ҳаҷ эҳром мебандад ё интизор мебарад, то ҳайз ба поён расад?

Ҷавоб 15: Инқитои (манъ) ҳайзро интизор намекашад агар ҷои ғусл биёбад ба хотири назофат (тозагӣ) ғусл намуда ва сарашро шона мезанад, сипас эҳром мебандад. Намози дугонаи эҳромро намехонад. Ҳаҷ ва ё умраро ният намуда ва талбия мегӯяд. Ҳар гоҳ ният намуд ва талбия гуфт вай муҳрим аст. Ҳангоме, ки ба Макка дохил гардид, интизор мебарад, то ҳайз ба поён расад вақте, ки ҳайз ба поён расида ва тоҳир (пок) гардид, ғусл намуда ва тавоф кунад.

## Он чӣ дар эҳром манъ шудааст

Савол 16: Он чӣ дар эҳром манъ гардидааст, чист?

Ҷавоб 16: Ончӣ дар эҳром манъ гардидааст, ба шарҳи зер аст:

1- Лаҳву беҳуда нагӯяд.

2- Фисқ накунад.

3- Ҷангу ҷидол нанамояд.

4- Сайдро накушад.

5- Ба сӯи сайд ишорат накунад.

6- Касеро ба сӯи сайд раҳнамоӣ накунад.

7- Пероҳан, изор, тоқӣ ва қубо напӯшад. Ҳамчунон ҳар чизе, ки мутобиқи аъзои бадан сохта, дӯхта ва ё бофта шудааст, напӯшад.

8- Дасткаш ва мӯза напӯшад, дар сурате, ки наълайн набошад, мӯзаашро то поёнтар аз шитолинг (буҷулак) қатъ намуда ва бипӯшад.

9- Сару рӯи худро напӯшонад, кулоҳ ва амома (салла) напӯшад.

10- Хӯшбӯӣ истеъмол нанамояд.

11- Нохунашро қатъ накунад.

12- Либосеро, ки бо заъфарон ва асфар (номи гиёҳи хӯшбуй) ранг шуда бошад, напӯшад, магар он ки ӯро шуста ва бӯяш зоҳир нашавад.

13- Сарашро натарошад ва мӯй ва ришашро қатъ накунад, мӯи баданашро ба ҳар ҳолате, ки бошад дур накунад.

Савол 17: Ончӣ баён намудед дар эҳроми ҳаҷ мамнуъ шудаанд ё дар эҳроми умра ҳам?

Ҷавоб 17: Ин чизҳо дар эҳроми ҳаҷ ва умра мамнуъ ҳастанд.

Савол 18: Дар ин масоил  ҳукми зан ва мард яксон аст ва ё дар бархе аҳком фарқ мекунанд?

Ҷавоб 18: Инҳо мамнуъоти омманд, ки барои зану мард яксон ҳастанд, танҳо ин ки занҳо либоси дӯхташуда монанди либоси қабл аз эҳром мепӯшанд. Ҳамчунон сарашонро пӯшонида ва рӯяшонро намепӯшонанд.

Савол 19: Оё барои муҳрим ғусл намудан ҷоиз аст?

Ҷавоб 19: Оре, ғусл барояш ҷоиз аст, вале хӯшбӯӣ истеъмол накарда, чирки вуҷудашро дур намекунад ва сару ришашро бо собун ва ё чизи дигаре намешуяд.

Савол 20: Касе, ки муҳрим буда ва бихоҳад ба василаи ашёе монанди хона, мошин, хайма ва дигар чизҳо барои худ соябон гирад, чӣ ҳукме дорад?

Ҷавоб 20: Ҳамаи ин умур ҷоиз аст.

Савол 21: Касе  ки бисёр талбия бигӯяд ҳукмаш чист?

Ҷавоб 21: Талбияи бисёр мустаҳаб аст. Талбияи баъд аз намозҳо, субҳгоҳон ва дар тағйири авқот ва ҳолот: Яъне, субҳу шом ва дар ҳолати боло шудан ба баландӣ ва фурӯд омадан ба водӣ ва ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо саворони дигар, ки дар тамоми ин авқот ва ҳолатҳо мустаҳаби таъкидкарда  шудааст.

## Дохил шудан ба Макка ва тавофи қудум

Савол 22: Ҳар гоҳ шахсе қасди ҳаҷи ифрод дошта ва ба Макка дохил шавад, аз куҷо оғоз кунад?

Ҷавоб 22: Ҳангоме  ки ба Макка дохил шуд, бо вузӯ ва таҳорат аз масҷиди Ҳаром оғоз менамояд ва вақте, ки ба хонаи Каъба нигоҳ намуд, такбир ва таҳлил мегӯяд, сипас тавоф мекунад. Ин нахустин тавофи шахси муфрид аст. Ин тавоф ба шахсе, ки аз хориҷи миқотҳо меояд суннат буда ва «тавофи қудум» номида мешавад. Ин тавоф бар аҳли Макка ва аҳли Ҳил лозим нест.

Савол 23: Кайфияти тавоф, оғоз ва анҷоми онро баён намоед?

Ҷавоб 23: Ҳар гоҳ шахсе бихоҳад тавоф намояд, нахуст аз Ҳаҷару-л-асвад оғоз намуда,  рӯ ба рӯяш истода такбир ва таҳлил мегӯяд. Дар сурате, ки ба

мардум озор ва азият нарасад, Ҳаҷару-л-асвадро бӯса мезанад ё дастҳои худро ё дасти рости худро ба Ҳаҷару-л-асвад мениҳад. Баъд дасти худро мебӯсад. Агар ба дасти хеш натавонист, асо ва ё чизи дигаре, ки дар дасташ бошад Ҳаҷару-л-асвадро тавассути вай масҳ намуда, сипас онро мебӯсад.

Агар ба ин кор низ муваффақ нагардид, рӯ ба рӯи Ҳаҷару-л-асвад меистад ва дастҳои худро ба сӯи гӯшҳояш баланд мекунад ва такбир мегӯяд. Зоҳири дастҳояшро ба тарафи рӯяш бурда ва бо ботини дастҳояш ба тарафи Ҳаҷару-л-асвад ишора мекунад. Монанди он, ки дастҳояшро дар Ҳаҷару-л-асвад гузоштааст. Баъд аз ишора дастҳои худро мебӯсад. Сипас ба тарафи рости Ҳаҷару-л-асвад, ки дарвоза аст, ҳаракат намуда ва хонаро ба тарафи чапи худ қарор дода ва аз ақиби ҳатим мегузарад. Баъдан агар аз рукни ямони мурур кард, онро масҳ мекунад. Чун ба Ҳаҷару-л-асвад расид, онро масҳ намуда ва мебӯсад ва ё расидан ба Ҳаҷару-л-асвад як даври тавоф такмил меёбад. Ба ҳамин гуна ҳафт давр ба атрофи Каъба тавоф мекунад. Ҳар боре, ки ба Ҳаҷару-л-асвад мерасад тавре, ки зикр гардид, онро масҳ намуда ва мебӯсад. Тавофашро бо масҳи Ҳаҷару-л-асвад оғоз намуда ва бо масҳи он ба поён мерасонад. (Агар издиҳом набошад).

## Рамал ва изтибоъ

Савол 24: Касонеро, ки дар ҳоли тавоф мебинем, ки бо оҳистагӣ медаванд, як гӯшаи эҳроми худро аз зери дасти росташон гузаронида ва болои шонаи чапашон андохта ва шонаи росташон  бараҳна мондааст, ҳукми ин амал чӣ гуна аст?

Ҷавоб 24: Касоне  ки мехоҳанд баъд аз тавофашон дар миёни Сафо ва Марва саъй намоянд «рамал ва изтибоъ» барои онҳо суннат аст. Рамал дар се давраи аввали тавоф машрӯъ  ва суннат аст, вале изтибоъ дар ҳамаи давраҳои ҳафтгонаи тавоф суннат аст.

Агар касе мехоҳад баъд аз тавофи қудумаш дар миёни Сафо ва Марва саъй намояд, дар тавофаш саъй ва рамал намояд. Агар баъд аз тавофаш саъй намекард, рамал ва изтибоъ наменамояд. Аммо касе, ки дар тавофи умра аст, рамал ва изтибоъ намояд, зеро баъд аз тавофаш дар миёни Сафо ва Марва саъй мекунад.

Савол 25: Кайфияти рамали маснуна чӣ гуна аст?

Ҷавоб 25: Рамали маснун он аст, ки тавофкунанда дар рафтори хеш шонаҳои худро чунон ҳаракат медиҳад, ки ҷангҷӯе дар миёни сафҳои ҷанг худнамоӣ мекунад ва рафторашро тунд (тез)  месозад.

Савол 26: Кайфияти изтибоъ чӣ гуна аст?

Ҷавоб 26: Изтибоъ он аст, ки як гӯшаи эҳромашро аз зери бағали росташ гузаронида ва болои шонаи чапаш  бар гӯшаи дигари эҳромаш меандозад ва шонаи росташ бараҳна мебошад.

## Намози тавоф

Савол 27: Оё баъд аз тавоф чизи дигаре бар тавофкунанда воҷиб аст?

Ҷавоб 27: Оре, бар ҳар тавофкунанда ду ракъат намози тавоф воҷиб аст.

Савол 28: Ин ду ракъат намозро дар куҷо мехонанд?

Ҷавоб 28: Беҳтар он аст, ки намози тавофро дар мақоми Иброҳим бихонанд. Тавре, ки мақом дар миёни ӯ ва Каъба қарор гирад ё дар ҳар ҷои масҷид, ки адои намоз барояш муяссар гардид, низ ҷоиз аст.

Савол 29: Оё дар ин намози дугона қироати баъзе сураҳо суннат аст?

Ҷавоб 29: Муслим аз Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) дар ин ду ракат намоз сураҳои Кофирун ва Ихлосро хондаанд.

## Саъй дар миёни Сафо ва Марва

Савол 30: Кайфияти саъй дар миёни Сафо ва Марва чӣ гуна аст?

Ҷавоб 30: Ҳар гоҳ шахсе мехоҳад дар миёни Сафо ва Марва саъй намояд баъд аз поёни намози дугонаи тавоф Ҳаҷару-л-асвадро масҳ намуда сипас ба кӯҳи Сафо боло мешавад ва ин оятро мехонад: ***Инна-с-сафо ва-л-марвата мин шаъоири-л-Лоҳи…*** Ва баъд рӯи худро ба тарафи Каъба намуда такбир ва таҳлил гуфта ва ба Расули Худо (с) дуруд мегӯяд. Аз Худои

мутаол ҳоҷати худро металабад. Се бор хондани ин дуо суннат аст: ***Ло илоҳа илла-л-Лоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ало кулли шайин қадир, садақа-л-Лоҳу ваъдаҳу ва насара абдаҳу ва ҳазама-л-аҳзоба ваҳдаҳу.***

Пас аз он ба сӯи Марва ҳаракат карда ва ба таври оддӣ роҳ меравад. Баъдан дар як нишонаи сабз мерасад, ки аз он ҷо то нишонаи сабзи дигар давида ва ин дуоро мехонад. ***Рабби-г-фир варҳам ва анта-л-аъаззу-л-акрам ва таҷоваз аммо таълам.***

Ҳаргоҳ аз нишонаи сабзи дуввум убур намуд дубора оддӣ роҳ меравад, то он, ки ба Марва мерасад ва ба он боло мешавад. Ҳамон корҳоеро анҷом медиҳад, ки дар Сафо анҷом дода буд. Ин рафтораш аз Сафо то Марва як давр ҳисоб мешавад. Ба ҳамин гуна ҳафт давр саъй менамояд. Аз Сафо оғоз карда ва ба Марва поён меёбад. Дар ҷараёни саъйяш зикри Худоро идома медиҳад ва дар вақти баргаштанаш дар ҳамон ду нишонаи сабз медавад. Занҳо дар миёни нишонаҳои сабз надавида ва дар ҳамаи давраҳои саъй ба сурати оддӣ роҳ меравroutes.

## Рафтан ба Мино ва Арафот

Савол 31: Ҳар гоҳ ҳаҷкунанда аз тавофи қудум ва саъй миёни Сафо ва Марва фориғ гардид, агар то ҳангоми ҳаҷ рӯзҳои кам ва ё зиёд боқӣ монда бошад, чӣ мекунад?

Ҷавоб 31: Вай бо эҳроми хеш (муҳрим) дар Макка иқомат менамояд. Ҳар гоҳ ба масҷид омад, дар атрофи хонаи  Каъба тавоф мекунад, дар намозҳои панҷгонаи масҷиди Ҳаром ҳозир шуда, ҷамоатро тарк намекунад; зеро як намоз дар масҷиди ҳаром беҳтар аз сад ҳазор намоз дар ҷои дигар аст. Ҳар гоҳ явми тарвия фаро расид, як руз пештар имом хутба хонда ва масъалаҳои чун рафтан ба Мино, намоз дар Арафот, вуқуф дар Арафот ва тавофи ифозаро барои мардум меомӯзонад. Вақте, ки дар рӯзи тарвия  (рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа) имом ва мардум намози фаҷрро адо намуданд, мардум ба сӯи Мино ҳаракат мекунанд.

Савол 32: Ҳар гоҳ ба Мино бирасед чӣ мекунед?

Ҷавоб 32: Дар Мино то ҳангоми тулӯи хуршеди рӯзи Арафа иқомат менамояд. Панҷ вақт намозро дар Мино адо менамояд ва ҷамоатро тарк намекунад.

Савол 33: Ҳангоме, ки хуршеди рӯзи Арафа тулӯъ кард чӣ мекунад?

Ҷавоб 33: Ҳангоме, ки хуршеди рӯзи Арафа тулӯъ намуда ва дар Сабир (куҳе дар Мино) партав афканад, он вақт ба сӯи Арафот ҳаракат намуда дар он ҷо то ғуруби хуршед иқомат менамояд. Ҳаргоҳ хуршед завол намуд, имом намози пешин ва асрро бо мардум хонда қабл аз намоз ду хутба медиҳад, ки дар онҳо барои мардум аҳкоми намоз, вуқуф дар Арафа, Муздалифа, рамй ҷамарот, қурбонӣ, тарошидани сару тавофу зиёратро  меомӯзонад.

Намози пешин ва аср дар вақти пешин бо як азону ду иқомат хонда мешавад, ки онро «ҷамъи

тақдим» мегӯянд. Дар назди Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) аз шурути ҷамъи намоз дар Арафот вуҷуди имоми муслимин ва ё ноиби имом, бо вуҷуди эҳроми ҳаҷ ва вақти пешин аст. Касе ки дар хаймааш ба танҳоӣ намози пешинро бихонад ё дар ҷамоат ақиби имоми дигаре ғайр аз имоми ҳаҷ иқтидо кунад, вай ҳар намозро ба вақти худаш бихонад. Абӯюсуф (р.ҳ) мегӯяд: Агар намозҳояшро танҳо хонд низ дар миёнашон ҷамъ кунад.

Савол 34. Баъд аз намоз ба чӣ чизе машғул мешавад?

Ҷавоб 34: Баъд аз намоз ба тарафи мавқиф (ҷои истодан) меравад (ба ҷуз батни Урана) Арафот ҳамааш мавқиф аст. Мустаҳаб он аст, ки ғусл намояд то ғуруби хуршед дар дуо ва тазаррӯъ бикӯшад. Агар намози асрро бо имом якҷо нахонда буд, дар инҷо намози асрашро бихонад.

Истодан дар наздикии «ҷабали Раҳмат» мустаҳаб аст, ба ҳар андозае, ки метавонад истода шавад, ба дуо бипардозад агар дар хаймааш ба дуо машғул шуд ҷоиз аст. Ба имоми ҳаҷ мустаҳаб аст то дар Арафот болои маркабаш истода дуо намояд ва маносики ҳаҷро ба мардум таълим диҳад.

## Ҳаркат ба сӯи Муздалифа

Савол 35: Дар рӯзи Арафа баъд аз ғуруби хуршед ҳоҷӣ ба чӣ чизе машғул мешавад?

Ҷавоб 35: Ҳар гоҳ офтоб ғуруб намуд, Арафотро ба қасди Муздалифа тарк мегӯяд. Намози шом дар Арафот ва ё роҳи Муздалифа хонда намешавад. Ҳангоме  ки ба Муздалифа расид намози шом ва хуфтанро ба як азону иқомат якҷо бо амири ҳаҷ ва ё каси дигаре мехонад ва онро «ҷамъи таъхир» мегӯянд.

Савол 36: Агар намозашро ба танҳоӣ хонад, оё дар миёни ин ду намоз ҷамъ мекунад?

Ҷавоб 36: Оре, агар ба танҳоӣ бихонад низ дар миёни намозҳояш ҷамъ мекунад, зеро дар ҷамъи ин намозҳо ҷамоат шарт нест.

Савол 37: Агар намози шомро дар Арафот ё роҳи Муздалифа хонад чӣ ҳукме дорад?

Ҷавоб 37: Намозаш  ҷоиз набуда ва онро аз  сари нав  хонад.

Савол 38: Дар Муздалифа баъд аз намози шом ва хуфтан ба чӣ чизе машғул мегардад?

Ҷавоб 38: Дар Муздалифа то ҳангоми тулӯи фаҷри сонӣ шаб мегузаронад. Ҳар гоҳ фаҷри дуввум тулӯъ намуд, намози субҳро дар торикӣ бо ҷамоат мехонад. Сипас истода шуда, то пештар аз тулӯи хуршед ба зикру дуо дар пешгоҳи Худои мутаол машғул мегардад. Бидуни «батни Муҳассар» ҳамаи Муздалифа мавқиф аст.

## Ҳаракат ба сӯи Мино

Савол 39: Ҳоҷӣ  баъд аз истодан дар Муздалифа чӣ мекунад?

Ҷавоб 39: Ҳар гоҳ вақти кутоҳе ба тулӯи хуршед боқӣ монд ба сӯи Мино ҳаркат мекунад. Замоне ки ба Мино расид аз ҷамраи Ақаба оғоз намуда ва онро ҳафт сангреза мезанад, бо партоби ҳар як сангреза такбир гуфта ва мегӯяд: ***Бисмиллоҳи аллоҳу акбар риза-л- лираҳмони ва рағма-л- ли шайтони*** баъд аз задани сангрезаҳо дар пеши ҷамра намеистад ва бо задани нахустин сангреза талбияро қатъ намояд.

Савол 40: Оё бар вай забҳ аст?

Ҷавоб 40: Касе ки ҳаҷи ифрод мекунад ба эшон қурбонӣ нест, агар қурбонӣ мекунад, мустаҳаб аст.

Савол 41: Баъд аз он чӣ мекунад?

Ҷавоб 41: Агар ҳоҷии муфрид дар рӯзи ид ҷамраи Ақабаро рамй кард, сари худро тарошида ва ё қаср мекунад ва тарошидан беҳтар аст. Бо тарошидани сар ва ё қасри он аз эҳром хориҷ шуда ва ба ғайр аз зан ҳамаи чиз барои ӯ ҳалол мегардад. Метавонад либоси дӯхташуда бипӯшад ,ба либосу баданаш хушбӯӣ истеъмол намояд, мӯяшро кутоҳ карда ва нохунҳояшро қатъ кунад.

Вале касе, ки ҳаҷи таматтуъ ва ё қирон дорад, вай баъд аз рамй ҷамраи Ақаба (санг задани шайтони калон) забҳ менамояд, сипас мӯи сари худро тарошида ва ё қаср мекунад.

Савол 42: Агар муфрид бихоҳад забҳ намояд, оё пеш аз забҳ сари худро метарошад ва ё қаср мекунад ва ё баъд аз забҳ?

Ҷавоб 42: Ҳар ду сурати он ҷоиз буда, вале тарошидани сар баъд аз забҳ беҳтар аст.

Савол 43: Сари худро дар куҷо метарошад ва ё қаср мекунад?

Ҷавоб 43: Сари худро дар ҳудуди Ҳарам метарошад ва ё қаср мекунад. Агар сари худро дар хориҷи Ҳарам тарошид бар ӯ дам (хун) лозим мешавад.

## Тавофи зиёрат

Савол 44: Оё баъд аз тарошидани сар чизи дигаре аз аҳкоми рӯзи ид боқӣ мемонад?

Ҷавоб 44: Оре, тавофи зиёрат боқӣ мемонад, ки фарз аст. Вақти тавофи зиёрат се рӯз буда ва аз тулӯи хуршеди рӯзи ид оғоз мегардад то ғуруби офтоби рӯзи дувоздаҳум идома дорад. Вале тавоф дар рӯзи ид беҳтар аст.

Ҳар гоҳ сарашро тарошида ва қаср намуд, ба Макка омада ва ҳамон гуна, ки дар тавофи қудум ёдовар шудем , ҳафт давр дар гирди Каъба тавоф намуда, бо ин тавофаш, ки тавофи зиёрат аст, зан ба ӯ ҳалол мегардад.

Савол 45: Оё дар ин тавоф рамал ва изтибоъ вуҷуд дорад?

Ҷавоб 45: Агар дар тавофи қудум миёни Сафо ва Марва саъй накарда буд, вай баъд аз тавофи зиёрат саъй менамояд. Дар се даври аввали тавофи зиёрат рамал мекунад, вале вақти изтибоъ боқӣ намонда аст, зеро баъд аз тарошидани сари хеш либоси дӯхташуда пӯшидааст.

Савол 46: Агар тавофи зиёраташ аз се рӯзи ёдоваршуда таъхир гардад, чӣ ҳукме дорад?

Ҷавоб 46: Агар баъд аз ғуруби хуршеди рӯзи дувоздаҳум зиёрат намуд, дар назди Абӯҳанифа (р ҳ) бар вай дам (хун) воҷиб мегардад. Абӯюсуф ва Муҳаммад (р ҳ) мегӯянд: Чизе бар ӯ лозим намешавад.

## Рамйи ҷамарот

Савол 47: Ҳар гоҳ тавофи зиёратро ба поён расонид, чӣ мекунад?

Ҷавоб 47: Баъд аз тавофи зиёрат ба Мино бармегардад ва дар рӯзи ёздаҳум ва дувоздаҳум баъд аз заволи офтоб ҷамаротро рамй мекунад.

Нахуст ҷамраи суғро (хурд), ки наздики масҷиди Хииф аст, бо зангреза мезанад. Сипас ҷамраи вусто (миёна) ва дар охир ҷамраи куброро, ки ҷамраи Ақаба номида мешавад бо сангреза мезанад. Ҳар ҷамраро бо ҳафт сангреза зада ва бо партоби ҳар санг такбир ва таҳлил мегӯяд. Баъд аз задани ҷамраи аввал ба гӯшаи рости он омада меистад ва ба дуо мепардозад. Баъд аз задани ҷамраи дуввумӣ низ монанди ҷамраи аввал дуо мекунад. Баъд аз задани ҷамраи бузург ба хотири дуо намеистад, балки дар ҳоли рафтор дуо мекунад.

Савол 48: Агар дар ин ду рӯз қабл аз завол ҷамра зад, ҷоиз аст?

Ҷавоб 48: Дар ин ду рӯз вақти задани ҷамра баъд аз заволи хуршед то тулӯи субҳи содиқ аст. Касе, ки саросема шуда ва пеш аз заволи офтоб ҷамра бизанад, иодаи (такрори) ҷамрааш лозим аст.

Савол 49: Ҳар гоҳ дар ин ду рӯз аз рамй ҷамраҳои сегона фориғ гардид, чӣ коре мекунад?

Ҷавоб 49: Агар ба Макка бармегардад ё ба Мино иқомат мекунад то ҷамраҳои сегонаро дар рӯзи сездаҳум низ бизанад, ҳар ду сураташ ҷоиз аст. Худованди мутаол мефармояд: ***фаман таъаҷҷала фи явмайни фало исма алайҳи ва ман тааххара фало исма алайҳи лимани-т-таќо…*** Яъне, «Пас касе, ки шитоб карда дар ду рӯз рафт, гуноҳе бар ӯ нест. Ҳар, ки дер монд, гуноҳе бар ӯ нест. Ин ҳукми таъхир ба касе аст, ки битарсад». Вале агар баъд аз ғуруби офтоби рӯзи дувоздаҳум дар Мино буд, дар он сурат хориҷ шудан аз Мино қабл аз задани ҷамраҳо дар рӯзи сездаҳум макруҳ аст. Агар рӯзи сездаҳум субҳи содиқ тулӯъ кунад ва вай дар Мино иқомат дошт, дар ин ҳолат задани ҷамраҳо дар ин рӯз бар ӯ воҷиб аст.

Савол 50: Касе, ки таъхир намуда ва мехоҳад дар рӯзи сездаҳум низ ҷамра занад, эшон чӣ вақт ҷамра мезанад?

Ҷавоб 50: Дар рӯзи сездаҳум задани ҷамра баъд аз завол суннат аст. Дар ин рӯз задани ҷамарот (сангҳо) то ғуруби офтоб идома ёфта, баъд аз ғуруб саҳеҳ нест. Агар қабл аз завол рамй намуд (санг зад), дар назди Абӯҳанифа (р ҳ) ҷоиз буда, вале макруҳ аст, зеро хилофи суннат аст. Абӯюсуф ва Муҳаммад

мегӯянд: Дар ин рӯз  низ задани ҷамраҳо (сангҳо) қабл аз завол ҷоиз нест.

Савол 51: Шахсе дар ин рӯзҳо ба хотири задани ҷамра (санг)  дар Мино иқомат намуд, оё ҷоиз аст то асбоб ва лавозимашро ба Макка интиқол диҳад?

Ҷавоб 51: Агар асбоб ва лавозими худро ба Макка интиқол диҳад ва худаш танҳо дар Мино ба сар барад, макруҳ аст.

## Тавофи видоъ

Савол 52: Агар дар Маккаи мукаррама баъд аз онҳое  расад, ки таъҷил мекунанд ё баъд аз касоне расад, ки таъхир мекунад, чӣ гуна амал мекунанд?

Ҷавоб 52: Баъд аз задани ҷамраҳо бидуни тавофи видоъ чизи дигаре аз маносики ҳаҷ боқӣ намемонад.

Тавофи видоъ ба номи «тавофи садар» низ ёд мешавад. Ин тавоф ба касоне, ки аз хориҷи миқот меоянд, воҷиб аст. Ҳангоме, ки ба Маккаи мукаррама бар мегардад барояш ҷоиз аст, то тавофи видоъ намуда ва ба ватанаш баргардад. Агар ба хотири бархе машғулиятҳояш наметавонист аз Маккаи мукаррама хориҷ шавад, то замоне, ки хоҳад дар он ҷо иқомат гузинад.

Савол 53: Оё вақте, ки аз Мино бармегардад тавофи видоъ мекунад ё то замони берун шудан аз Маккаи мукарама тавофи видоъро таъхир менамояд?

Ҷавоб 53: Агар баъд аз тавофи зиёрат тавофи дигаре намуда буд,  гарчӣ ба нияти нафл низ бошад,

ҷонишини тавофи видоъ мегардад, магар таъхири тавофи видоъ то ҳангоми бурун шудан аз Макка ва оҳанги сафар ба сӯи ватанаш мустаҳаб аст.

Савол 54: Оё дар тавофи садар (тавофи видоъ) рамал ва изтибоъ вуҷуд дорад?

Ҷавоб 54: Дар ин тавоф рамал ва изтибоъ вуҷуд надорад, зеро саъй ба дунболаш надорад.

## Масоили мутафарриқа

Савол 55: Касе, ки аз миқот эҳром баст, ба Макка дохил нашуда ва ба Арафот рафта, дар онҷо вуқуф намуд, тавофи қудум низ накард, чӣ чизе бар ӯ лозим мегардад?

Ҷавоб 55: Тавофи қудумаш соқит шуда ва бо таркаш чизе лозим намегардад.

Савол 56: Шахсе, ки дар рӯзи Арафа баъд аз ғуруби хуршед ба Арафот расида оё ҳаҷро дарёфтааст?

Ҷавоб 56: Касе, ки дар рӯзи Арафа аз заволи офтоб то тулӯи субҳи рӯзи ид ба вуқуфи Арафа расида битавонад, агарчӣ ин вақт кам ва ночиз низ бошад, ҳаҷро дарёфта аст.

Савол 57: Оё ба хотири дарёфти ҳаҷ дуо дар Арафа шарт шудааст?

Ҷавоб 57: Дуо дар Арафот суннат аст. Касе, ки аз Арафот мурур намояд, агар дар ҳоли хоб, бедорӣ ва ё беҳушӣ буда, вақти он низ кам ва ночиз бошад, вай ҳаҷро дарёфта аст. Машрут ба ин, ки эҳром ба тан

дошта бошад. То он ҷо, ки агар касе аз Арафот бигзарад ва нашносад, ки инҷо Арафот аст, вуқуфаш адо мегардад.

Савол 58: Мавзуҳое, ки баён кардед оё дар мавриди ҳаҷҷи мардон буд ё ин, ки дар мавриди ҳаҷҷи мардону занон?

Ҷавоб 58: Зан дар тамоми маносики ҳаҷ монанди мардон амал менамояд, ҷуз ин, ки зан сари худро бараҳна намекунад, рӯяшро ба чодар ва ниқоб намепӯшад, овози худро дар талбия баланд наменамояд, дар тавоф рамал намекунад, дар саъй дар миёни нишонаҳои сабз намедавад ва сарашро натарошида, вале мӯи худро кӯтоҳ мекунад.

Агар ба хотири ҳаҷ дар ҳоли ҳайз ва нифос эҳром баста буд ё баъд аз бастани эҳром ҳоиз гардида то рӯзи тарвия (рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа) пок нашуд, тавофи қудумро тарк намуда ба Мино рафт, вай бидуни тавофи зиёрат ҳамаи маносики ҳаҷро адо менамояд, то ҳангоме, ки ба покӣ ва таҳорат нарасидааст, тавофи зиёрат намекунад. Ҳар гоҳ баъд аз тавофи зиёрат ҳоиз ва ё нифоса гардида ва замони ҳаракаташ фаро расид, дар ин ҳолат агар тавофи видоъро тарк кунад ҷоиз буда ва чизе ӯро лозим намешавад.

## Умра

Савол 59: Маънои умрaро дар луғат ва шаръ баён доред, фароиз, воҷибот ва кайфияти адои онро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 59: Умра дар луғат ба маънои зиёрат аст ва дар шаръ ба умури чаҳоргонаи зер итлоқ мегардад:

1 – эҳром

2 – тавофи Каъба

3 – саъй дар миёни Сафо ва Марва

4 – тарошидани сар ва ё қасри он

Аз ҷумлаи умури чаҳоргонае, ки зикр шуд, ду чизи он, яъне эҳром ва тавоф фарз буда ва ду чизи дигари он саъй ва ё тарошидани сар ва ё қасри он воҷиб аст. Ҳар гоҳ касе бихоҳад умра намояд, аз миқот эҳром мебандад, ғусл ё вузуъ намуда ду ракъат намоз мегузорад ва нияти умра намуда мегӯяд: ***Аллоҳума инни уриду-л- умрата фаясирҳо ли ва тақаббалҳо минни.*** Парвардигоро ман иродаи умра дорам, пас ӯро ба ман осон гардон ва ӯро аз ман бипазир. Сипас ончунон, ки дар эҳроми ҳаҷ зикраш гузашт, талбия мегӯяд. Ҳар гоҳ талбия гуфт дар он сурат яқинан муҳрим шудааст. Ҳангоме, ки ба Макка дохил шуд, ҳафт давр тавофи умра менамояд, баъд аз он ҳафт давр дар миёни Сафо ва Марва саъй мекунад, ки шарҳи он низ дар баҳси ҳаҷ гузашт. Вақте, ки саъй дар Марва ба поён расид, сари худро тарошида ва ё мӯи худро кутоҳ мекунад. Агар ин умурро анҷом дод, умрааш ба поён расида ва аз эҳром берун мешавад.

Савол 60: Оё дар эҳроми умра низ маҳзурот ва мамнуъоте вуҷуд дорад?

Ҷавоб 60: Оре, мамнуъоти эҳроми умра ҳам монанди мамнуъоти эҳроми ҳаҷ аст, ки аз фисқ, беҳудагӣ, ҷангу ҷидол ва либоси дӯхташуда дурӣ ва

иҷтиноб менамояд. Мӯйҳо тарошида ва ё қаср намешавад, хӯшбӯи истеъмол намекунад, сару рӯи худро намепӯшад, нохунҳо қатъ намешавад, шикор намекунад, ба сӯи сайд ишора ва раҳнамоӣ наменамояд.

Савол 61: Миқотҳои эҳроми умраро баён кунед?

Ҷавоб 61: Барои касе, ки аз хориҷи миқот меояд, миқотҳои эҳроми умра ҳамон миқотҳои ҳаҷанд. Касе, ки дар минтақаи Ҳил зиндагӣ мекунад аз ҳамон минтақаи Ҳил эҳром мебандад. Касе, ки дар Ҳарам сукунат дорад ба минтақаи Ҳил рафта ва аз он ҷо эҳром мебандад. (Ҳил минтақа миёни миқот ва Ҳарамро гӯянд).

Савол 62: Дар дини Ислом умра чӣ ҳукме дорад?

Ҷавоб 62: Адои умра дар тӯли умри инсон як бор суннат аст. Он ҳам барои касе, ки тавон ва қудрати расидан ба Маккаи мукаррамаро дошта бошад. Фазилати умра бисёр бузург аст.

Савол 63: Дар эҳроми умра ҳукми талбия чӣ гуна аст?

Ҷавоб 63: Талбия дар вақти эҳром шарт дониста мешавад ва баъд аз он монанди эҳроми ҳаҷ такрори талбия мустаҳаб аст. Бо оғози нахустин даври тавоф, талбия қатъ мешавад.

Савол 64: Оё дар умра тавофи қудум ва тавофи видоъ машруъ дониста мешавад?

Ҷавоб 64: Дар умра тавофи қудум ва тавофи видоъ вуҷуд надорад. Баъд аз бастани эҳром ҳар навъ тавофе намояд, тавофи умра адо мешавад.

Савол 65: Оё умра ҳам монанди ҳаҷ дар вақти муайян адо мешавад?

Ҷавоб 65: Дар мавриди адои умра рӯзу моҳи муайян вуҷуд надорад. Касе, ки бихоҳад дар ҳама рӯзҳои сол метавонад умра кунад. Танҳо ин, ки аз нуҳуми зи-л-ҳиҷҷа то охири айёми ташриқ адои умра макруҳи таҳримӣ аст. Умра дар моҳи Рамазон савобу фазилати бештаре дошта, савоби умра дар Рамазон монанди ҳаҷ аст. Ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки умраи моҳи Рамазон баробари ҳаҷ бо ман аст.

Савол 66: Оё умра якҷо бо ҳаҷ адо мешавад?

Ҷавоб 66: Оре, адои умра бо ҳаҷ дуруст буда, ки дар боби ҳаҷҷи қирон ва таматтуъ онро шарҳ хоҳем дод.

## Қирон

Савол 67: Оё ҷамъ намудан дар миёни эҳроми ҳаҷ ва умра ҷоиз аст?

Ҷавоб 67: Оре, ҷамъ намудан дар миёни эҳроми ҳаҷ ва умра саҳеҳ буда ва беҳтар аз ифрод ва таматтуъ аст. Ва таматтуъ беҳтар аз ифрод мебошад. Касе, ки дар миёни ҳаҷ ва умра ҷамъ намояд, онро «қорин» гуфта ва ҷамъашонро «қирон» меноманд.

Савол 68: Сифат ва кайфияти қирон чи гуна аст?

Ҷавоб 68: Кайфияти қирон чунон аст, ки аз миқот эҳроми ҳаҷ ва умра якҷо баста мешавад, баъд аз намози дугонаи эҳром мегӯяд: «***Аллоҳумма инни уриду-л- ҳаҷҷа ва-л-умрата фаяссир ҳумо ли ва***

***тақаббалҳумо минни»*** Сипас талбия мегӯяд. Ҳар гоҳ талбия гуфт, дигар ба ҳаҷ ва умра эҳром бастааст.

Ҳангоме, ки ба Макка дохил гардид, нахуст ба тавоф оғоз намуда ва дар атрофи Каъба ҳафт давр тавофи умра намуда, тарафи рости эҳромашро ба зери бағали росташ гузаронида ва ба рӯи шонаи чапаш меандозад. Шонаи росташ бошад бараҳна мемонад. Дар се даври аввали тавоф дар ҳаҷ, ки зикраш гузашт, рамал менамояд ва дар давраҳои чаҳоргонаи дигараш ба ҳоли оддӣ роҳ меравад.

Сипас дар миёни Сафо ва Марва саъй мекунад. Ин корҳои иҷрошуда ҳамагӣ афъоли умраанд. Баъд аз саъйи умра дубора ба тавофи қудум оғоз мекунад ва баъд аз тавоф ба саъй мепардозад, ки ин саъй ба хотири ҳаҷ аст. Чунончӣ дар ҳаҷи муфрид баёнаш гузашт. Баъд аз он дар ҳолати эҳром боқӣ мемонад, то он, ки дар рӯзи тарвия ба Мино меравад. Тамоми маносикаш мисли, иқомат дар Мино, вуқуф дар Арафот ва Муздалифа, задани ҷамраи кубро дар рӯзи ид, шаб гузаронидан дар Мино, задани ҷамраҳои сегона дар рӯзҳое, ки рамй мешаванд, тавофи зиёрат дар рӯзи ид, ҳамаро монанди ҳаҷҷи муфрид анҷом медиҳад.

Савол 69: Оё бар қорин чизи бештаре воҷиб аст, ки бар муфрид воҷиб нест?

Ҷавоб 69: Оре, баъд аз задани ҷамраи калон дар рӯзи ид, забҳи қурбонӣ бар ӯ воҷиб аст. Ба хотири ин, ки ду нусукро якҷо анҷом додааст, шукри Худо ба ҷо оварда гӯсфанде забҳ мекунад ё дар ҳафт ҳиссаи як шутур ё гов шарик мегардад.

Баъд аз он сарашро тарошида ва қаср мекунад. Аз эҳроми ҳаҷ ва умра якҷо берун мешавад, чунончӣ якҷо баста буд. Тарошидани сару қасри он танҳо баъд аз забҳ ҷоиз аст. Дар ин сурат ба ҷуз зан ҳамаи чизи дигар барояш ҳалол гардидааст. Баъд аз тавофи зиёрат зан низ ҳалол мешавад.

Савол 70: Агар ба хотири харидани қурбонӣ чизе надошта бошад, чӣ мекунад?

Ҷавоб 70: Се рӯз дар ҳаҷ рӯза мегирад, охирин рӯзи он, рӯзи Арафа бошад. Баъдан вақте, ки ба аҳли хеш баргашт, ҳафт рӯзи дигар рӯза мегирад, то даҳ рӯзи комил шавад.

Савол 71: Агар ин се рӯзаш фавт гардид ва рӯзи ид фаро расид, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 71: Дар ин сурат ҷуз забҳи қурбонӣ чизи дигаре онро адо намекунад.

Савол 72: Касе, ки ҳафт рӯзи боқимондаи рӯзаашро баъд аз ҳаҷ ва пеш аз баргаштан ба аҳлаш рӯза гирад, оё ин кор ҷоиз аст?

Ҷавоб 72: Оре, ҷоиз аст.

Савол 73: Касе, ки эҳроми ҳаҷ ва умра баст, вале ба Макка дохил нашуда ва ба Арафот рафт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 73: Ҳангоме, ки ба Арафот вуқуф намуд, умраашро тарк карда ва қурбонии ҳаҷи қирон соқит шуд. Ба хотири тарки умра, дам (хун) ва қазои умра бар ӯ лозим гардидааст.

## Таматтуъ

Савол 74: Таматтуъ чист?

Ҷавоб 74: Таматтуъ он аст, ки аз миқот эҳроми умра мебандад, сипас ба Макка омада дар моҳҳои ҳаҷ умра менамояд, чунончӣ ба даври Каъба тавоф намуда ва дар миёни Сафо ва Марва саъй мекунад. Баъд аз он сари худро тарошида ва ё қаср мекунад. Бо оғози тавоф талбияро қатъ менамояд ва бо тарошидани сар ва ё қасри он ҳалол гардида ва умрааш ба поён мерасад.

Баъд аз он ҳалол ва бидуни эҳром дар Макка иқомат мекунад. Ҳар вақт гирди Каъба тавоф мекунад ба намози панҷгона дар масҷиди ҳаром ҳузур меёбад. Пас аз он рӯзи тарвия (ҳаштуми зи-л-ҳиҷҷа) аз минтақаи Ҳарам ба хотири ҳаҷ эҳром баста ва маносикро ҳам монанди касе, ки ҳаҷи ифрод мекунад, анҷом медиҳад. Замоне, ки дар рӯзи ид ҷамраи калонро рамӣ мекунад (санг мезанад) ба хотири ба ҷо овардани шукри Худои мутаол ва ҷамъ кардан дар миёни ду нусук (ҳаҷ ва умра) қурбониеро забҳ менамояд.

Агар қурбонӣ наёфта ва забҳ нанамуд, се рӯз рӯза мегирад, ки охирин рӯзи он рӯзи Арафа аст ва ҳафт рӯзи дигар баъд аз баргаштан ба аҳлаш рӯза мегирад, то ҳангоме, ки қурбонӣ накардааст, сарашро наметарошад. Мо бархе аҳкоми ин гуна рӯзаро дар боби қирон шарҳ намудем.

Савол 75: Касе, ки эҳроми умра баста ва бо худ қурбонӣ бурд, дар мавриди онҳо чӣ мегӯед?

Ҷавоб 75: Таматтуъ ду гуна аст:

1- Касе, ки ҳаҷи таматтуъ менамояд, вале қурбонӣ бо худ намебарад, кайфият ва чигунагии ҳаҷи онҳоро тавзеҳ намудем.

2- Касе, ки ҳаҷи таматтуъ намуда ва қурбонӣ бо худ мебарад, чигунагии ин таматтуъ чунон аст, ки аз миқот танҳо ба хотири умра эҳром мебандад. Ба Макка рафта ва қурбониашро бо худ мебарад. Агар қурбониаш  гов буд, чарм ва ё таноберо (бандеро) ба гардани он мебандад.

Дар назди Абӯюсуф ва Муҳаммад (р.ҳ) шутурро нишонӣ ва аломатгузорӣ мекунад. Дар назди Абӯҳанифа машҳур он аст, ки нишонагузорӣ намешавад. Нишонагузории шутур он аст, ки куҳонашро аз тарафи рост шақ (мебуранд) мекунад. Ҳар гоҳ ба Макка дохил шуд, ба хотири умрааш тавоф ва саъй карда ҳалол намешавад, балки то рӯзи тарвия муҳрим боқӣ мемонад. Чун рӯзи тарвия фаро расид, эҳроми ҳаҷ мебандад ва маносикро монанди касоне, ки ҳаҷи ифрод мекунанд, ба поён мерасонад. Баъд аз рамйи ҷамраи кубро қурбонии худро забҳ мекунад. Пас аз он сари худро тарошида ва ё қаср мекунад. Бо тарошидани сараш аз ҳар ду эҳром берун мешавад.

Савол  76: Агар мутаматтиъ пеш аз рӯзи тарвия эҳром баст, ҷоиз аст?

Ҷавоб  75: Оре, ҷоиз аст. Бо тақдими эҳром аз рӯзи тарвия низ мутаматтиъ пиндошта мешавад.

## Моҳҳои ҳаҷ

Савол 76: Моҳҳои ҳаҷ кадомҳоянд?

Ҷавоб 76: Моҳҳои ҳаҷ иборатанд аз Шаввол, Зу-л-қаъда ва даҳаи аввали Зу-л-ҳиҷҷа аст.

Савол 77: Афъоли ҳаҷ дар панҷ рӯз ба анҷом мерасад, чаро моҳҳои Шаввол ва Зу-л-қаъда аз моҳҳои ҳаҷ пиндошта мешаванд?

Ҷавоб 77: Зеро бо ин кор аҳкоме мураттаб мешавад. Аз ҷумлаи ин аҳком он аст, ки агар касе эҳроми умра бандад ва қабл аз тулӯи маҳтоби Шаввол аксарияти давраҳои тавофро анҷом диҳад, мутаматтиъ гуфта намешавад. Ҳамчунон агар қабл аз ҳилоли Шаввол ба хотири ҳаҷ эҳром баст, макруҳ аст.

Савол 78: Ба таври мисол: Агар касе дар Шаввол ва ё Зу-л-қаъда эҳроми умра баста ва умра намояд, сипас ба ватанаш баргардад дар вақти ҳаҷ дубора ба ҳаҷ омад, таматтуи вай чӣ гуна аст?

Ҷавоб 78: Дар ин сурат агар қурбонӣ бо худ набурда бошад, мутаматтиъ боқӣ мемонад, дами (хуни) таматтуъ низ бар ӯ лозим нест, зеро таматтуъ иборат аз ҷамъ ва якҷо кардани ду нусук дар як сафар аст. Агар баъд аз умра ба ватанаш баргашт ва бори дуввум ба сӯи ҳаҷ шитофт, ҳаҷ ва умра дар як сафар ҷамъ нашуданд.

## Чӣ касе наметавонад дар миёни ду нусук ҷамъ намояд?

Савол 79: Оё барои мардуми Макка қирон ва таматтуъ аст?

Ҷавоб 79: Мардуми Макка мардуми Ҳарам ва Ҳил. яъне касоне, ки дохили миқотҳо сукунат доранд, қирон ва таматтуъ барои онҳо ҷоиз нест, балки ифрод махсуси онҳо аст.

## Ҷиноёт (хилофварзиҳо) ва ҷазои онҳо

Савол 80: Ҷиноят дар ҳаҷ ва умра чист?

Ҷавоб 80: Ҷиноят дар ҳаҷ ва умра ду гуна аст.

1- Ҷиноят дар эҳром, яъне муртакиб шудани мамнуъоти эҳром аст.

2- Ҷиноят дар афъоли ҳаҷ ва умра аст: Монанди тарки воҷиб, барҳам задани тартиб, таъхири фарз ва ё воҷиб аз вақти он аст.

Савол 81: Ҷинояти эҳромро баён доред?

Ҷавоб 81: Ҷинояти эҳром ҳашт чиз аст.

1- Пӯшидани либоси дӯхташуда барои мардон.

2- Пӯшидани сари мардон.

3- Пӯшидани рӯй барои мардон ва занон.

4- Истеъмоли хушбӯӣ дар ҷисм, либоси эҳром ва ҷои хоб.

5- Тарошидани мӯй ё қаср кардани он аз ҳар ҷои вуҷуд, ки бошад.

6- Гирифтани нохунҳо.

7- Шикор кардани сайди хушкӣ ва раҳнамоӣ ва ишорат ба сӯи он.

8- Ҷимоъ ва асбобе, ки ба ҷимоъ фаро мехонад, монанди бӯсидан ва ламс намудан ба шаҳват.

## Пӯшидани либоси дӯхташуда

Савол 82: Ҷинояти пӯшидани либоси дӯхташуда ва ҷазои онро бо тафсил баён кунед?

Ҷавоб 82: Агар муҳрим либоси дӯхташударо пӯшид, он либоси дӯхташудаи маъмулиест, ки ба шакл ва таносуби бадан ё ба таносуби баъзеи аъзои бадан шинохта шуда бошад. Агар онро аз рӯи қасд, фаромушӣ, хато, икроҳ, ризомандӣ, узр ё ғайри узр пӯшид, ҷазо лозим мешавад.

Савол 83: Тафсили ҷазо дар ин маврид чист?

Ҷавоб 83: Ҳар гоҳ либоси дӯхташударо пӯшид дар пӯшидани он як шаб ё як рӯз ё ба андозаи яке аз онҳо давом ёфт, (12-соат) бар ӯ дам (хун) лозим мешавад, яъне забҳи як гӯсфанд дар Ҳарам лозим мегардад.

Савол 84: Агар камтар аз як шаб ё як рӯз бипӯшад, ҷазояш чист?

Ҷавоб 84: Агар бештар аз як соат онро пӯшида буд, болояш садақае монанди садақаи фитр, гандум ё чизи дигаре аст. Агар камтар аз як соат онро пӯшид, барои ӯ як мушт гандум аст. (ё қиматаш).

Савол 85: Агар либоси дӯхташударо чандин шаб ва рӯз бипӯшад, оё бо теъдоди ҳар рӯз ҷазои мутаадад (ба ҳар кадомаш ҷудо-ҷудо) мешавад?

Ҷавоб 85: Дар ин ҳолат як дам (хун) кифоят мекунад, вале агар ба хотири пӯшидани як рӯз ё ду рӯз забҳ намуд баъд аз он дубора пӯшид ё баъд аз забҳи гӯсфанд пӯшидани онро идома дод, барояш ҷазои дуввум воҷиб мешавад.

Савол 86: Агар касе анвоъи гуногуни либосҳои дӯхташуда монанди пероҳан ва изорро дар як рӯз бипӯшад ё миқдори як рӯзи он сипари гардид, оё ҷазояш мутаадад мегардад?

Ҷавоб 86: Ҷазояш мутаадад нашуда, балки бо пӯшидани тамоми онҳо як дам (хун) лозим мегардад.

Савол 87: Агар худро бо пероҳане пӯшонид ё аз либоси дӯхташудае ба ҳайси изор истифода намуд, ҷазояш чист?

Ҷавоб 87: Дар ин маврид бар ӯ ҷазое нест, зеро пӯшидани либос ба гуна ва тариқае, ки дар урфу одат пӯшида мешавад, мамнуъ аст.

Савол 88: Агар чодареро бипӯшад, ки миёнаш ва гӯшаҳояш дӯхташуда бошад, оё ҷазо воҷиб мешавад?

Ҷавоб 88: Дар ин ҳолат ҷазо воҷиб намегардад, зеро чодар ва ё изор мутобиқи бадан ё мутобиқи баъзе аъзо сохта нашуда аст. Вале беҳтар он аст, ки чодар ва изор бо чизе дӯхта нашавад.

Савол 89: Агар миқдори як рӯз либоси дӯхташуда, хушбӯшуда бипӯшад, чӣ чиз бар ӯ лозим мешавад?

Ҷавоб 89: Барояш ду дам (хун) воҷиб мегардад. Як дам (хун) ба хотири пӯшидани либоси дӯхташуда ва хуни дигаре ба хотири хушбӯии он лозим мешавад.

Савол 90: Агар касе мӯза, ҷӯроб ё кафш пӯшид, оё бар ӯ чизе лозим мешавад?

Ҷавоб 90: Агар миқдори як шаб ва ё рӯз ё ба андозаи яке аз онҳо пӯшид, бар ӯ дам (хун) лозим мешавад. Агар аз он миқдор камтар пӯшид садақа воҷиб мешавад, ба шарти он, ки шитолингҳо

(буҷулакҳо), ки дар васати пойҳо қарор доранд, пӯшонида шаванд.

## Пӯшидани сару рӯй

Савол 91: Ҷазои пӯшидани сару рӯйро баён намоед?

Ҷавоб 91: Агар муҳрим тамоми сар ва ё тамоми рӯй ё чаҳор ҳиссаи яке аз онҳоро бипӯшад ё зани муҳрима ҳамаи рӯяшро ё чаҳор ҳиссаи рӯяшро миқдори як шаб ё як рӯз ё ба андозаи яке аз онҳо бипӯшонад, бар онҳо дам (хун) воҷиб мешавад, агарчӣ дониста ё надониста, қасдан ё ба фаромушӣ, дар хоб ё бедорӣ, аз рӯи узр ё бе узр, бо икроҳ ё ризомандӣ ин амалро муртакиб шуда бошад. Агар камтар аз як шабу рӯз пӯшида шавад ё камтар аз чаҳорум ҳиссаи он пӯшида шавад, садақа лозим мегардад.

Савол 92: Агар муҳрим гӯшҳо, пушти гардан ё зери манаҳашро бипӯшонад, бар ӯ чӣ чизе аст?

Ҷавоб 92: Бо иртикоби ин аъмол бар ӯ чизе воҷиб намегардад.

Савол 93: Агар сарашро ба василаи чатр, ташт, санг, чӯб ё олате, ки бад он паймона мекунанд, бипӯшонад, бар ӯ чӣ воҷиб мешавад.

Ҷавоб 93: Дар ин маврид чизе воҷиб намешавад, зеро дар пӯшидани сар чизҳое мамнуъ гардидааст, ки аз рӯи урфу одат тавассути он сар пӯшида мешавад, монанди чодар, кулоҳ амома (салла) ва дастмоле, ки одатан ба василаи инҳо сар пӯшонида мешавад.

Савол 94: Агар муҳрим сари худро дар зери пардаи Каъба дохил кунад, оё бар ӯ чизе воҷиб мешавад?

Ҷавоб 94: Бар ӯ чизе воҷиб намешавад, агар сару рӯяшро парда фаро пӯшад, макруҳ пиндошта мешавад.

## Хушбӯии либосу бадан

Савол 95: Агар мард ё зан эҳром бибандад ва дар бадани худ хушбӯи истеъмол намояд, чӣ чизе бар эшон воҷиб аст?

Ҷавоб 95: Агар муҳрим узви комил ё бештар аз онро хушбӯ намояд, дам (хун) воҷиб мешавад. Агар камтар аз як узви комил буд, садақа лозим мегардад. Узв монанди сар, рон, соқ, дасту бозӯ аст. Ин дар суратест, ки хушбӯӣ кам бошад, вале агар хушбӯӣ зиёд буда ва камтар аз як узвро низ хушбӯ намуда буд, дам (хун) воҷиб мешавад. Кам ва зиёди хушбӯӣ дар файсалаи урф дониста мешавад. Агар дар камтар аз як узваш миқдори камтари хушбӯӣ истеъмол намуд, бар ӯ садақа аст. Аъзои дигар чунон аст, ки зикр намудем. Агар аъзои хурдашро монанди гӯш, бинӣ, чашму ангушт хушбӯ намуд, ҳукмаш дар вуҷуби дам (хун) ё садақа монанди истеъмоли хушбӯӣ камтар дар узви бузург аст.

Савол 96: Агар ҳамаи баданашро хушбӯӣ занад, оё бо теъдоди аъзои бадан ҷазо воҷиб мешавад?

Ҷавоб 96: Дар ин ҳолат агар хушбӯӣ дар як вақт истеъмол шуда бошад, ҷазо мутаадад намешавад.

Вале агар хушбӯӣ дар авқоти мухталиф истеъмол шуда бошад, бо теъдоди авқот ҷазо мутаадад мегардад.

Савол 97: Агар зане ба дасташ ҳино истеъмол кунад, чӣ ҳукме дорад?

Ҷавоб 97: Бо ин амалаш низ дам (хун) воҷиб мешавад.

**Огоҳӣ:**

Дар воҷиб шудани каффораи хушбӯӣ имтидоди (муддати, давомнокии) замон шарт нест. Тавре, ки агар хушбӯи истеъмол намуда ва дар ҳамон лаҳза онро шуст, чунончӣ ёдовар шудем, дам ё садақа воҷиб мешавад, бар хилофи пӯшидани либос, ки дар он ба хотири вуҷуби дам, давоми пӯшидани як шаб ва як рӯзи либос шарт гардида аст.

Савол 98: Агар муҳрим либосашро хушбӯӣ зад, чӣ чизе бар ӯ лозим аст?

Ҷавоб 98: Агар муҳрим либосеро, ки пӯшида аст ва ё либосеро, ки мепӯшад, хушбӯ кард ва ҷои хушбӯшуда бештар аз як ваҷаб дар як ваҷаб буда ва миқдори як шаби комил ё як рӯзи комил онро пӯшид, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

Агар ҷои хушбӯшуда як ваҷаб дар як ваҷаб буда як рӯз ва ё як шаб давом ёфт, садақа лозим аст. Агар камтар аз он буда, як мушт гандум ё чизи дигаре садақа кунад. Албатта ин дар сурате аст, ки миқдори хушбӯӣ кам бошад. Вале агар хушбӯӣ бештар буда ва

ба андозаи камтар аз як ваҷаб либос низ хушбӯ шуда бошад, дам (хун) воҷиб мешавад.

Савол 99: Агар касе ба баданаш равғане истеъмол намуд, ки хушбӯӣ дошт, ҷазояш чист?

Ҷавоб 99: Ҳукми равғани хушбӯидор монанди хушбӯӣ аст. Мисол агар ба сараш равғане истеъмол намуд, ки хушбӯӣ дошт, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

## Гирифтани нохунҳо

Савол 100: Агар муҳрим нохунҳояшро гирад, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 100: Агар нохунҳои даст ва пойҳояш ва ё як дасту як пояшро дар як вақт бигирад, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад. Агар нохунҳои дастҳо ва пойҳояшро дар вақтҳои мухталиф гирад, бо теъдоди вақтҳо ҷазо мутаадад мегардад.

Савол 101: Агар камтар аз панҷ нохунро гирифт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 101: Агар камтар аз панҷ нохуни як узвашро қатъ намуд, садақа воҷиб мешавад.

Савол 102: Агар панҷ нохунро аз чанд узваш қатъ намуд, масалан ду нохун аз як дасташ, ду нохун аз дасти дигараш ва як нохун аз пояшро гирифт, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 102: Дар ин сурат дар назди Абӯҳанифа (р.ҳ) садақа воҷиб мешавад.

## Тарошидани мӯй

Савол 103: Агар муҳрим мӯи баданашро тарошид, чӣ чизе бар ӯ воҷиб мешавад?

Ҷавоб 103: Агар муҳрим сар ва ё риш ё чаҳор ҳиссаи онҳоро тарошид, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад. Ва дар камтар аз чаҳорум ҳиссаи он садақа аст. Агар мӯи зери бағал ё зери нофашро ҳалқ (тарошид) кард, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад. Ҳукми қаср ё кутоҳ кардани мӯй дар вуҷуби дам (хун) ва садақа монанди ҳукми тарошидани мӯй аст.

Агар мӯйро ба василаи ашёи зоилкунандаи (дуркунандаи) мӯй аз миён барад ё онро канад ва ё бо дандон кашид, дар ин суратҳо низ ҳукмаш ҳукми тарошидани мӯй аст.

Савол 104: Агар ҷои ҳиҷомат дар гарданашро тарошид, бар ӯ чӣ воҷиб мешавад?

Ҷавоб 104: Агар ҷои ҳиҷомат дар гардани худро тарошид, дар назди Абӯҳанифа (р ҳ) дам (хун) воҷиб мешавад. Абӯюсуф ва Муҳаммад (рҳ) мегӯянд: Бар ӯ садақа аст.

Савол 105: Дар ин маврид ҳукми зан чӣ гуна аст?

Ҷавоб 105: Дар воҷиб шудани ҷазои зан низ монанди мард аст. Агар зери бағал ё зери нофашро ҳалқ (тарошид) намуд ё мӯи чаҳорум ҳиссаи сарашро қабл аз ҳалол шудан ба андозаи сари як ангушт қатъ намуд (гирифт), бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад ва дар камтар аз чаҳор ҳиссаи он садақа аст.

## Тазаккур:

Агар худаш мӯи худро тарошид ё каси дигаре онро тарошид, агар тарошидан ба амраш ё бидуни амраш, дониста ё хато, қасдӣ ё ба фаромушӣ ё ризомандӣ ё икроҳ амалӣ гардад, дар воҷиб шудани ҷазо фарқе вуҷуд надорад.

## Ҳукми маъзур

Савол 106: Агар шахсе ба хотири узре либоси дӯхташуда пӯшид ё хушбӯӣ истеъмол намуд ё сару рӯи худро пӯшонид ё мӯи худро тарошид ё нохунҳои худро гирифт, чи ҳукм дорад?

Ҷавоб 106: Агар муҳрим яке аз ин амрҳои мамнӯъро ба хотири узре муртакиб гардид (анҷом дод), масалан, ба таб мубтало гардид ё ба хотири шиддати сардӣ ва гармӣ ё ба дарди сар дучор шуд ё аз бисёрии шабуш ин амалро муртакиб шуд, дар ин суратҳо ихтиёр дорад. Дар ҳар ҳолате, ки дам воҷиб мешавад ё гӯсфандеро дар Ҳарам забҳ намояд ё се соъ гандум ё шаш соъ ҷав ва ё кишмиш ё хурмо барои шаш мискин садақа намояд. Барои ҳар мискин нисфи соъ гандум ё як соъ аз ашёи дигар дода мешавад ё се рӯз рӯза мегирад. Дар ин ҳукм ғанӣ ва фақир яксон аст. Агар амали мамнуъеро ба хотири узре муртакиб гардид, бар ӯ садақа воҷиб аст, ихтиёр дорад, ки нисфи соъ гандум садақа мекунад ва ё як рӯз рӯза мегирад.

## Ҷимоъ ва ангезаҳояш

Савол 107: Ҷиноятҳои ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) дар асној эҳром ва сабабҳоеро, ки ба ҷимоъ фаро мехонад, баён доред?

Ҷавоб 107: Ҷиноятҳои ҷимоъ ва сабабҳои он қарори зайланд.

1- Касе, ки ба ҳаҷ ва умра эҳром мебандад, агар занеро ё духтари болиғеро бо шаҳват ламс ё бӯса намуд, агар инзол шуд ё нашуд, бар ӯ дам (хун) воҷиб мегардад.

2- Касе, ки эҳроми ҳаҷ баста аст, агар қабл аз вуқуф ба Арафот дар яке аз ду роҳ ҷимоъ намуд, ҳаҷаш фосид гардида ва забҳи як гӯсфанд бар ӯ воҷиб аст. Маносики ҳаҷро монанди дигарон идома медиҳад. Дар соли оянда қазои ҳаҷи худро меоварад.

3- Агар баъд аз вуқуфи Арафот ва қабл аз тавофи зиёрат ва пеш аз ин, ки сари худро битарошад, ҷимоъ намуд, ҳаҷаш фосид нашуда ва барояш забҳи як шутур воҷиб аст.

4- Агар баъд аз тарошидани сар ва қабл аз тавофи зиёрат ё баъд аз тавофи зиёрат ва қабл аз тарошидани сараш ҷимоъ намуд, забҳи як гӯсфанд бар ӯ воҷиб аст.

5- Касе, ки эҳроми умра баста ва қабл аз ин, ки чаҳор даври тавофро ба анҷом бирасонад, ҷимоъ намуд, умрааш фосид гардида қазои онро биёварад ва як гӯсфанд забҳ кунад.

6- Агар умракунанда баъд аз итмоми чаҳор даври тавоф ҷимоъ кард, умрааш фосид нашуда ва қазои умрааш лозим нест, барояш забҳи гӯсфанд воҷиб аст.

Савол 108: Оё дар миёни ҷимоъ қасде ё ҷимоъе, ки ба фаромӯшӣ сурат гирад, фарқе вуҷуд дорад?

Ҷавоб 108: Дар миёни ҷимоъе, ки рӯи қасд ё рӯи фаромӯшӣ сурат гирифта бошад, фарқе вуҷуд надошта ва ҳукмашон яксон аст.

Савол 109: Касе, ки ҳаҷи худро фосид намуда ва ба қазои он мебарояд, оё лозим аст дар сафаре, ки ба хотири қазои ҳаҷаш қасди онро карда аст, ҳамсарашро аз худ ҷудо намуда ва дур нигаҳ дорад.

Ҷавоб 109: Ин амр барояш лозим нест.

## Иртикоби мамнуъот дар ҳаҷ

Савол 110: Ҷиноятҳоеро баён доред, ки дар афъоли ҳаҷ муртакиби он мешавад?

Ҷавоб 110: Ҷиноятҳо дар афъоли ҳаҷ ба гунаҳои мухталиф аст. Монанди тавоф бидуни таҳорат, тарки воҷиб, ихлоли (пасу пеш) тартиб ва таъхири рукн ва ё воҷиб аз вақти он аст. Шарҳи онҳо чунин аст:

## Тавоф дар ҳоли ҷиноят ё бевузӯӣ

Савол 111: Агар касе ҷунуб ё бе вузӯ тавоф намуд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 111: Тафсилаш чунин аст;

1- Агар дар тавофи қудум ва ё тавофи садр (садар) бе вузӯ ба тавоф пардохт, аз ҳар даври тавофаш нисфи соъ гандум садақа кунад, дар ҳар тавофи татаввуъ низ ҳамин ҳукм аст.

2- Агар дар ҳоли ҷанобат ба тавофи қудум ва ё тавофи садр пардохт, бар ӯ забҳи як гӯсфанд аст. Зане, ки дар ҳоли ҳайз ё нифос ба тавофи садр ва ё тавофи қудум бипардозад низ ҳамин ҳукм дорад.

3- Агар бидуни вузӯ тавофи зиёрат намояд бар ӯ забҳи гӯсфанд аст.

4- Агар дар ҳоли ҷанобат тавофи зиёрат кард, барояш забҳи як шутур аст. Ҳамчунон зане, ки дар ҳоли ҳайз ва нифос тавофи зиёрат намояд, ҳукмаш ҳамин аст.

## Тазаккур:

Агар дар ҳоли ҷанобат ё бевузӯӣ тавоф намуд, сипас тавофашро иода (такрор) намуд ё таҳорати тавоф намуд, ҷазояш соқит мешавад.

## Тарки воҷиб дар афъоли ҳаҷ

Савол 112: Касе, ки воҷибе аз воҷиботи ҳаҷро тарк менамояд, чӣ чизе бар ӯ воҷиб мешавад?

Ҷавоб 112: Касе, ки воҷиберо тарк мекунад, ҷазояш ба шарҳи зер аст:

1- Касе, ки вуқуфи Муздалифаро баъд аз тулӯи субҳ тарк намояд, дам (хун) бар ӯ лозим мешавад.

2- Касе, ки саъй дар миёни Сафо ва Марваро тарк намояд, барояш дам (хун) аст

3- Касе, ки рамйи ҷамраҳоро (сангпартоиро) дар тамоми рӯзҳо тарк кунад ё рамйи ҷамраи Ақабаро (шайтони бузургро) дар рӯзи ид тарк намояд ё дар яке аз ин рӯзҳо (рӯзҳои рамй) рамйи аксари сангрезаҳоро тарк намояд, дар тамоми суратҳои баёншуда, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

Агар дар як рӯз рамйи яке аз ҷамраҳои сегонаро тарк намуд, бар ӯ садақа аст.

4- Касе, ки пеш аз ғуруби офтоб Арафотро тарк карда ва берун равад, агар пеш аз ғуруби офтоб бар нагашт, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

5- Касе, ки тавофи видоъ ё чаҳор даври онро тарк намояд, бар ӯ дам (хун) аст. Агар се даври тавофро тарк кард, барояш садақа аст. Агар дубора ба Макка бар гашта ва тавоф намуд, ҷазояш соқит мегардад.

## Ба ҳам задани тартиб

Савол 113: Агар касе тартиби воҷибро ба ҳам зада ва ихлол (халал) намуд, ба чӣ чизе амр мешавад?

Ҷавоб 113: Агар мутаматтиъ ё қорин қабл аз рамйи ҷамраи Ақаба забҳ кард ё ин, ки сарашро пеш аз забҳ тарошид, дам (хун) бар ӯ воҷиб мешавад. Агар муфрид пеш аз задани ҷамраи Ақаба сарашро тарошид, бар ӯ дам (хун) воҷиб мегардад.

## Таъхир

Савол 114: Кадом таъхири воҷибкунанда ҷазо аст?

Ҷавоб 114: Тафсили ин мавзӯъ дар зер баён мешавад:

1- Агар қорин ва ё мутаматтиъ забҳи қурбониашро аз рӯзҳои ид таъхир намояд, бар ӯ дам (хун) воҷиб мешавад.

2- Агар тарошидани сар ва ё қасри онро аз рӯзҳои ид таъхир намуд, дам (хун) воҷиб мегардад.

**Огоҳӣ:**

То ҳангоме, ки ҳамаи тавофи зиёрат ва ё аксари он адо нашавад, зан ҳаргиз барояш ҳалол намешавад.

## Ҷиноятҳои умра

Савол 115: Ҷиноятҳои умра ва ҷазои онро баён доред?

Ҷавоб 115: Ҷиноятҳои умра чунин аст:

1- Ҳар гоҳ бастани эҳромро аз миқот таъхир кунад, дам (хун) бар ӯ воҷиб мешавад.

2- Агар бидуни вузӯ ё дар ҳоли ҷанобат ба тавофи умра пардохт ва ё зане дар ҳоли ҳайз ва нифос ба тавофи умра пардохт, дам (хун) воҷиб мегардад. Дар ин замина миёни каму беш ё ҷунуб ва бевузӯӣ фарқе вуҷуд надорад, то он ҷо, ки агар як давр низ бидуни таҳорат умра намуд, дам (хун) воҷиб мешавад.

3- Агар умракунанда пеш аз саъй миёни Сафо ва Марва сарашро тарошид, дам (хун) бар ӯ воҷиб мешавад

4- Агар умракунанда сарашро хориҷи Ҳарам тарошид, дам (хун) воҷиб мешавад.

**Тазаккур:**

Агар умракунанда муртакиби яке аз мамнуъоти эҳром гардид, ҷазояш монанди ҷазои ҳамон касе аст, ки чизе аз ин афъолро дар эҳроми ҳаҷ муртакиб мешавад ва он дам (хун) ва садақа аст.

## Шикор кардан дар эҳром

Савол 116: Касе, ки ба хотири ҳаҷ ё умра эҳром баста ва дар ҳоли эҳром сайдро мекушад, оё ҷазое барояш вуҷуд дорад?

Ҷавоб 116: Агар муҳрим сайдеро кушт ва ё касеро ба сӯи он далолат ва раҳнамоӣ намуд ва ӯро кушт, барояш ҷазо аст, ки дар ин маврид фаромӯшӣ ва амдӣ (барқасд) баробар буда ва ҳамчунон касе, ки нахустин бор муртакиби ин амал шавад ё касе, ки бори дуввум муртакиб гардад, яксон аст.

Савол 117: Ҷазояш чист?

Ҷавоб 117: Дар назди Абӯҳанифа ва Абӯюсуф (р ҳ) сайд дар ҳамон ҷои қатлаш ва ё ҷое, ки ба макони қатлаш наздик бошад, қиматгузорӣ гардад. Агар дар саҳро буд, ду мусулмони одил онро қиматгузорӣ намояд. Сипас қотил ихтиёр дорад ё ба андозаи

қимати сайд гӯсфандеро харидорӣ намояд ва дар Ҳарам забҳ мекунад ва ё ба ҳамон қимат таъом харида ва ба масокин садақа мекунад. Барои ҳар мискин нисфи соъ гандум ё як соъ ҷав ё хурмо медиҳад.

Агар хост дар баробари ҳар нисфи соъ гандум ё як соъ ҷав як рӯз рӯза гирад. Агар камтар аз нисфи соъ боқӣ монд вай ихтиёр дорад, ки онро садақа кунад ё дар баробари он як рӯз рӯза гирад. Сайди кӯчак, ки қиматаш ба андозаи қимати гӯсфанд намерасад низ ҳамон ҳукмро дорад.

Савол 118: Оё дар ин маврид миёни шайхайн (Абӯҳанифа ва Абӯюсуф) ва миёни Муҳаммад ибни Ҳасан (раҳ) ихтилоф вуҷуд дорад?

Ҷавоб 118: Оре, дар ин маврид ихтилоф вуҷуд дорад ва ихтилоф он аст, ки Абӯҳанифа ва Абӯюсуф дар ҳар сайд «мисли маънавӣ»- ро воҷиб медонанд. Ва он инки нахуст сайд қиматгузорӣ шуда, баъдан худи шахс мухайяр аст, тавре, ки зикраш гузашт.

Магар Муҳаммад ибни Ҳасан (раҳ) дар ҳар сайд «мисли сурӣ»- ро воҷиб медонад. Яъне назир ва мисл дар чизҳое, ки дар онҳо назир ва мисл вуҷуд дошта бошад. Яъне, ҳайвоне назир ва монанди сайди қатлшуда, вуҷуд дошта бошад. Дар назди Муҳаммад ибни Ҳасан дар оҳу, кафтор, гӯсфанд, харгӯш, бузғола, шутурмурғ, шутур ва дар муши даштӣ бузғола воҷиб аст. Он чӣ назир ва мислаш вуҷуд надошта бошад дар он қисмат қавлаш монанди қавли Абӯҳанифа ва Абӯюсуф (раҳ) аст.

Савол 119: Агар муҳрим сайдеро захми намояд ё мӯяшро биканад ё яке аз аъзояшро қатъ кунад, дар ин замина чӣ ҳукме вуҷуд дорад?

Ҷавоб 119: Нуқсеро, ки дар қиматаш ба вуҷуд омада, ҷуброн кунад.

Савол 120: Касе, ки боли парандаеро биканад ва ё пойҳои сайдеро қатъ (бишканад) кунад, дар ин маврид чӣ ҳукм аст?

Ҷавоб 120: Агар чунин кореро муртакиб гардид ва сайд натавонист фирор намояд, лозим аст қимати комили сайдро бипардозад.

Савол 121: Агар тухмҳои сайдро бишканад, чӣ чизе бар ӯ лозим аст?

Ҷавоб 121: Агар аз миёни тухм ҷӯҷаи мурда берун гардид, дар ин сурат қимати зиндаи онро бипардозад. Агар дар миёни тухм ҷӯҷа вуҷуд надошт, қимати тухм бар ӯ лозим мегардад.

Савол 122: Касе, ки малах ё шабушеро кушт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 122: Ҳар чӣ хост садақа кунад ва хурмо беҳтар аз малах аст.

Савол 123: Касе, ки ҳайвони дарандаеро, ки гушташ хӯрда намешавад, ё ҳайвоноти дигаре монанди онро кушт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 123: Ҷазо бар қотилаш буда, ки аз қимати як гӯсфанд бештар намешавад.

Савол 124: Агар дарандае бар муҳрим ҳамла намуд ва муҳрим ӯро кушт, оё бар ӯ чизе воҷиб мешавад?

Ҷавоб 124: Дар ин сурат чизе воҷиб намешавад.

Савол 125: Оё ҳайвонот ва парандагоне вуҷуд доранд, ки қатлаш дар Ҳарам ҷоиз бошад?

Ҷавоб 125: Оре, дар он ҷо куштани зоғ, заған, гург, мор, каждум, муш ва саги девона барои муҳрим ҷоиз аст.

Савол 126: Агар муҳрим пашша, кайк ё канаро кушт, чӣ чизе бар ӯ лозим аст?

Ҷавоб 126: Чизе бар ӯ лозим намешавад.

Савол 127: Агар муҳрим ночор ба хӯрдани гушти сайд гардида ва ӯро кушт. Оё бар ӯ ҷазо аст?

Ҷавоб 127: Оре, бар ӯ ҷазо аст.

Савол 128: Дар мавриди касе, ки кабӯтари хонагӣ ва ё оҳуи аҳлӣ ва хонагиро кушт, чӣ мегӯед?

Ҷавоб 128: Дар куштани онҳо ҷазо аст.

Савол 129: Агар муҳрим сайдеро забҳ намуд, оё хӯрдани он барои ғайри муҳрим ҷоиз аст?

Ҷавоб 129: Хӯрдани он  барои муҳрим ва ғайри муҳрим ҷоиз нест; зеро агар ҳайвоне ба василаи муҳрим забҳ гардад, ҳайвони кушташуда дар ҷумлаи «майта» ё ҳайвони худмурда ба шумор меравад.

Савол 130: Агар муҳрим ҳайвонеро забҳ намуд, ки мардум ба хӯрдани гушти он одат доранд, оё ин кор ҷоиз аст?

Ҷавоб 130: Оре, барои муҳрим забҳи (куштани) ҳайвоноте монанди гов, гӯсфанд. мурғ ва мурғоби ҷоиз аст ва барои худаш ва дигарон хӯрдани гушти он ҷоиз аст.

Савол 130: Марде, ки ҳалол буда ва дар эҳром нест, сайдеро шикор карда ва забҳ намуд, оё хӯрдани гушташ барои муҳрим ҷоиз аст?

Ҷавоб 130: Дар сурате хӯрдани гушти он барои муҳрим ҷоиз аст, ки ба шикори сайд амр накарда ва касеро ба сӯяш далолат накарда бошад.

Савол 131: Агар ду нафар муҳрим дар куштани як сайд ширкат карда бошад, чӣ чизе барояшон лозим аст?

Ҷавоб 131: Барои ҳар яки онҳо ҷазои комил аст.

Савол 132: Агар муҳрим сайдеро кушта ва дар ҳоли эҳром онро фурухт ё аз муҳрими дигаре онро харид ё онро аз шахси ғайри муҳрим харидори намуд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 132: Хариду фурӯши он ҳар ду ботил аст.

## Ҳукми қорин дар иртикоби мамнуъот

Савол 133: Агар қорин муртакиби баъзе мамнуъоти эҳром гардид, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 133: Агар қорин муртакиби бархе мамнуъоти эҳром гардид, бар ӯ ду дам (хун) воҷиб мешавад, як дам ба хотири ҳаҷаш ва дами (хуни) дигар ба хотири умрааш лозим мегардад. Танҳо дар сурате, ки бидуни эҳром аз миқот убур кунад (гузарад), баъд аз убураш ба хотири ҳаҷ ва умра эҳром бибандад. Дар ин ҳолат бар ӯ як дам (хун) воҷиб мешавад.

## Убур (гузаштан) аз миқот бидуни эҳром

Савол 134: Касе, ки аз миқот эҳром намебандад ва мехоҳад ба Макка дохил шавад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 134: Шахси мусулмон ва мукаллафе, ки аз хориҷи миқот омада ва мехоҳад ба Макка ё Ҳарам дохил шавад, агарчӣ ба хотири тиҷорат ё саёҳат омада бошад, агар аз роҳи баҳр, хушкӣ ва ё ҳаво бидуни эҳром аз миқот убур кунад, сипас эҳром бандад гунаҳкор шуда ва дам (хун) лозим мешавад.

Савол 135: Оё ба хотири рафъи дам ва гуноҳ роҳе вуҷуд дорад?

Ҷавоб 135: Агар бидуни эҳром аз миқот гузашт лозим аст то дубора ба ҳамон миқоте, ки убур намуда аст баргардад, ё ба ҳар миқоте, ки дур ё наздик бошад, бар гардад. Вале беҳтар ҳамон миқоте аст, ки аз он убур намуда аст. Агар ба миқот баргашт ва дар он ҷо эҳроми ҳаҷ ё умра баст, дам (хун) ва гуноҳаш соқит мешавад.

Савол 136: Агар ба миқот бар нагашт ва аз минтақаи Ҳил ё Ҳарам эҳроми ҳаҷ ё умра баст, чӣ чизе бар ӯ лозим мешавад?

Ҷавоб 136: Агар баъд аз убури (гузаштан) миқот эҳром баста ва дубора ба миқот барнагашт ва ба ҳамон ҳолате, ки эҳром баста буд идома дод, гуноҳ ва дам соқит намешавад. Аз Худои мутаол омӯрзиш талабад ва гӯсфандеро дар Ҳарам забҳ намояд, зеро бар ӯ дам (хун) воҷиб шудааст. Агар баъд аз эҳром ва

қабл аз оғози маносик ба миқот баргашт ва дар он ҷо талбия гуфт, дам (хун) ва гуноҳаш соқит мегардад.

Савол 137: Касе, ки бе эҳром аз миқот убур намуда ва баъд аз он ба хотири ҳаҷ эҳром бастааст, агар дубора ба миқот баргардад бими фавт шудани ҳаҷаш меравад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 137: Дар ин ҳолат ба миқот бар намегардад, локин ба хотири иртикоби ҷинояти гузаштан аз миқот бидуни эҳром гӯсфандеро забҳ намояд, тавба намуда ва аз Худои мутаол омӯрзиш талабад.

Савол 138: Касе, ки баъд аз гузаштани миқот эҳроми умра баста ва дар баргашт ба миқот аз ҷону молаш хавф дорад, чӣ гуна амал мекунад?

Ҷавоб 138: Вуҷуби баргашт ба миқот аз вай соқит гардида ва ба забҳи гӯсфанде дар Ҳарам иктифо (кифоят) мекунад.

Савол 139: Шахсе бидуни эҳром ба Ҳарам ё Макка дохил шуда ва ин амалро бор бор такрор кард, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 139: Агар бидуни эҳром ба Макка ё Ҳарам дохил шуд, ба хотири ҳар бор дохил шудани ӯ болояш ҳаҷ ё умра аст. Агар дар ҳамон сол ба хотири ҳаҷҷи фарзиаш ё ҳаҷҷе, ки назр кардааст ё ҳаҷҷи қазо ё умраи манзур (назркарда) ё умраи қазо, умраи маснун ва ё умраи мустаҳаб эҳром баст, ончӣ бо духулаш бар ӯ лозим гардида, бо ин эҳром адо мегардад. Агарчӣ ин нахустин духул ё охирин дохил шуданаш буд. Ҳар гоҳ дохил шуданаш мукаррар

бошад, гар чӣ аз ин дохил шуданаш ният накарда бошад.

Агар соли дигар дохил гардид, он чӣ ба хотири духулаш бидуни эҳром бар ӯ лозим шуда буд, адо намегардад, магар дар сурате, ки ба нияти адои он чӣ ба сабаби духул бидуни эҳром бар ӯ лозим шудааст, эҳром бибандад. Агар ин корро ба ҳамон теъдоде, ки бидуни эҳром дохил шуда буд ва ба нияти он чӣ ки аз нусук бар ӯ лозим шуда буд, амалӣ намуд, даме, ки ҳар бор бар ӯ воҷиб шуда буд, соқит мегардад.

Савол 140: Шахсе, ки  аз хориҷи Ҳарам аз роҳи баҳр, хушкӣ ё ҳаво ба миқот омада ва аз миқот гузашта, дар аснои убур аз миқот танҳо нияти сафар ба минтақаи Ҷиддаро дошта ва намехост, ки ба Макка ё Ҳарам дохил шавад ва ҳаҷ ё умра намояд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 140: Ин амал гуноҳ набуда ва чизе бар ӯ воҷиб намешавад.

Савол 141: Агар шахси мазкур тавре, ки зикраш гузашт ба Ҷидда расида, баъдан хост ба Ҳарам ё Макка дохил шавад, чӣ мекунад?

Ҷавоб 141: Дар ин сурат дохил шудан ба Ҳарам ва Макка бидуни эҳром барояш ҷоиз аст, баъд аз ин ки ба Макка мувосилат (расид) кард, агар иродаи ҳаҷ ё умра намуд, аз Ҷидда ё минтақаи Ҳил эҳром бандад.

Савол 142: Оё барои аҳли миқотҳо ва аҳли Ҳил ҷоиз аст, то бидуни эҳром ба Макка ё Ҳарам дохил шаванд?

Ҷавоб 142: Агар иродаи ҳаҷ ё умра надошта бошанд, дохил шудани эшон ба Ҳарам ё Маккаи мукаррама бидуни эҳром ҷоиз аст. Агар иродаи ҳаҷ ё умра доштанд, бидуни эҳром ба Макка ё Ҳарам дохил шуданд, болояшон дам (хун) лозим мешавад. Онҳо бояд ба минтақаи Ҳил баргарданд, зеро миқоташон Ҳил аст.

Агар дар Ҳарам эҳроми ҳаҷ ё умра бастанд ва ба Ҳил барнагаштанд ё ин, ки ба Ҳил баргаштанд, вале дар он ҷо қабл аз шурӯи тавоф талбия нагуфтанд, эшон муртакиби гуноҳ шуда ва дам (хун) низ соқит намешавад.

Савол 143: Касе, ки дар Ҳарам сукунат дорад аз Макка ё Ҳарам эҳроми умра мебандад, оё ҷоиз аст?

Ҷавоб 143: Чунин амре ҷоиз нест, зеро миқоти ҳаҷҷи аҳли Ҳарам, Ҳарам буда ва дар умра Ҳил аст. Агар дар ғайри миқоташон эҳром бастанд, муртакиби гуноҳ шуда ва бар эшон дам (хун) лозим мешавад.

## Ҷиноёти Ҳарам

Савол 144: Ҷиноёти Ҳарамро тавзеҳ диҳед?

Ҷавоб 144: Ду ҷиноят ба Ҳарам тааллуқ мегирад:

1- Куштани сайди Ҳарам.

2- Буридан ва қатъ намудани дарахту гиёҳи Ҳарам.

Савол 145: Касе, ки сайдеро дар Ҳарам бикушад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 145: Ҷазояш он аст, ки муодили (баробари) қимати сайдро ба фуқаро садақа намояд ва дар ин маврид  рӯза кифоят намекунад.

Савол 146: Агар ду нафар, ки эҳром надошта бошанд, дар куштани сайди Ҳарам иштирок намоянд, чӣ чизе барояшон воҷиб мешавад?

Ҷавоб 146: Барои ҳарду як ҷазо воҷиб мешавад.

Савол 147: Агар муҳрим сайди Ҳарамро бикушад, оё ҷазояш мутааддад мегардад?

Ҷавоб 147: Ҷазо мутааддад нашуда, балки ҳарду ҷазо тадохул менамоянд. Агар қимати як сайдро садақа кунад, кифоят мекунад.

Савол 148: Шахсе, ки эҳром надошта бошад ё муҳрим бошад, гиёҳ ё дарахти Ҳарамро қатъ намуда ва ё аз ҷояш барканад, бар ӯ чӣ чизе воҷиб аст?

Ҷавоб 148: Барои муҳрим ва ғайри муҳрим воҷиб аст, то қимати дарахтеро, ки канда ё қатъ карда аст, садақа кунад. Дар сурате, ки дарахт дар моликияти касе набуда ё онро касе кишт ва нашинонда бошад.

Савол 149: Агар дарахти қатъшуда ё кандашуда дар моликияти шахсе буд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 149: Барои қатъкунанда пардохти ду қимат воҷиб мешавад. Қимате, ки ҳаққи шаръ буда ва садақааш воҷиб аст ва қимате, ки ҳаққи банда буда ва ба молики он пардохта мешавад. Ин дар ҳоле аст, ки дарахт хушк набошад, агар хушк буд, танҳо як қимат ба моликаш пардохта мешавад. Ва дар он ҳаққи шаръ чизе вуҷуд надорад.

Савол 150: Оё чизе аз ин умур (корҳо) истисно мегардад?

Ҷавоб 150: Оре, қатъ намудани «изхир», ки гиёҳи маъруфест ҷоиз аст. Ҳамчунон қатъи (шикастани, кандани) гиёҳ ва дарахти хушк шуда низ ҷоиз аст.

Савол 151: Аҳкоме, ки зикр гардид, танҳо дар мавриди муҳрим аст ва ё дар бораи касоне ҳам, ки дар эҳром нестанд?

Ҷавоб 151: Ҳукми муҳрим ва ғайри муҳрим дар замина яксон аст, зеро қатъ намудани гиёҳ ва дарахтон ба хотири Ҳарам ҳаром қарор дода шудааст, на ба хотири эҳром.

Савол 152: Ду шахсе, ки муҳрим ҳастанд, дарахтеро дар Ҳарам қатъ карданд, ки қатъ намудани он мӯҷиби ҷазо аст, ҳукми ин ду шахс чист?

Ҷавоб 152: Барои ин ду шахс қимати як дарахт воҷиб аст.

Савол 153: Оё гирифтани мисвок аз дарахтони Ҳарам ҷоиз аст?

Ҷавоб 153: Гирифтани мисвок ҷоиз нест, магар дар сурате, ки хушк бошад.

## Эҳсор

Савол 154: Агар муҳрим аз рафтан ба ҳаҷ боз дошта шуд, чӣ мекунад?

Ҷавоб 154: Агар муҳрим ба василаи душман боз дошта шуд ё маразе ӯро аз рафтан боздошт, барояш ҷоиз аст то ҳалол намуда ва аз эҳром хориҷ шавад.

Савол 155: Чӣ гуна ҳалол мекунад?

Ҷавоб 155: Агар дар Ҳарам буд, гӯсфанде забҳ намуда, пас аз он сари худро тарошида ё қаср мекунад. Агар ба Ҳарам нарасида буд, гӯсфанд ё қимати онро бифиристад ва шахсеро вакил гирифта то онро барояш дар Ҳарам забҳ намояд ва вакилашро ваъда диҳад, ки дар як рӯзи муайян онро забҳ кунад. Ҳар гоҳ гӯсфанди фиристодашудааш дар вақти муайян ба василаи вакилаш дар Ҳарам забҳ гардид, вай яқинан ҳалол шудааст.

Савол 156: Агар шахси боздошташуда қорин бошад, чӣ мекунад?

Ҷавоб 156: Агар дар Ҳарам буд ду гӯсфанд забҳ мекунад ё онҳоро ба Ҳарам мефиристад то аз тарафи вай дар он ҷо забҳ намоянд ва баъд аз забҳ аз ҳарду эҳром хориҷ мешавад.

Савол 157: Чаро гӯсфандро ба Ҳарам мефиристанд. Оё дар ҳамон ҷое, ки қарор дорад бо забҳи гӯсфанд ҳалол намешавад?

Ҷавоб 157: Дар ҷое, ки қарор дорад ба хотире гӯсфанд забҳ намешавад, ки дар хориҷи Ҳарам аст. Даме (хуне), ки ба хотири боздошти (эҳсори) шахс забҳ мешавад, бидуни Ҳарам дар ҷои дигаре ҷоиз нест.

Савол 158: Гусфанде, ки ба хотири боздошти касе забҳ мешавад, оё забҳи он қабл аз рӯзи ид ҷоиз аст?

Ҷавоб 158: Оре, дар назди Абӯҳанифа (раҳ) қабл аз рӯзи ид забҳи он ҷоиз аст. Абӯюсуф ва Муҳаммад

(раҳ) мегӯянд: Касе, ки аз ҳаҷ боз дошта мешавад забҳи гӯсфандаш бидуни рӯзи ид ҷоиз нест.

Савол 159: Агар умракунанда боз дошта шуд, чӣ вақт забҳ мекунад?

Ҷавоб 159: Ҳар вақт бихоҳад забҳ намояд, шарт бар ин, ки забҳ дар Ҳарам сурат гирад. Дар ин маврид иҷмоъ сурат гирифтааст.

Савол 160: Агар шахси боздоштшуда забҳ карда ва баъд аз он ҳалол гардид, яъне аз эҳром хориҷ шуд, оё бар ӯ чизи дигаре боқӣ мемонад?

Ҷавоб 160: Агар шахси боздоштшуда иродаи ҳаҷ дошт аз омадан манъ гардида ва худро ҳалол намуд, бар ӯ ҳаҷ ва умра аст. Касе, ки иродаи умра дошт ва ба хотири боз доштан  худро ҳалол намуд, болояш қазои умра аст.

Савол 161: Агар шахси боздоштшуда қорин бошад, баъд аз ҳалол шудан чӣ чизе барояш воҷиб аст?

Ҷавоб 161: Бар қорин ҳаҷ ва ду умра аст.

Савол 162: Шахсе эҳроми ҳаҷ баст, сипас боздошта шуд ва гӯсфанде фиристод, ҳомили (барандаи) гӯсфанд ваъда кард, ки дар рӯзи муайяне онро забҳ менамояд, баъд аз он (омили) боз доштан аз миён рафт, чӣ мекунад?

Ҷавоб 162: Агар тавони дарёфти гӯсфанд ва ҳаҷро дошт, ҳалол карданаш аз эҳром ҷоиз нест ва рафтан ба афъоли  ҳаҷ лозим аст. Агар тавони дарёфти гӯсфандро дошта ва ба дарёфти ҳаҷ қодир набуд, худро ҳалол намояд. Агар ба дарёфти ҳаҷ қодир буд

ва тавони дарёфти гӯсфандро надошт, ҳалол намудан истиҳсонан ҷоиз буда вале беҳтар он аст, ки ҳаҷ намояд.

Савол 163: Шахсе, ки эҳроми ҳаҷ баста ва ба Макка расида аст, вале аз вуқуфи Арафа ва тавофи зиёрат боздошта шуда, оё ӯ дар ҳукми муҳсир ё боздошташудагон аст ё на?

Ҷавоб 163: Оре, вай аз ҷумлаи боздоштшудагон аст.

Савол 164: Агар шахсе дар Макка қарор дорад, танҳо аз вуқуфи Арафа ё тавофи зиёрат боздошта шудааст, оё дар ҳукми муҳсир ва ё боздошт шудааст?

Ҷавоб 164: Вай дар ҳукми боздоштшуда нест. Ба ин маъни, ки ҳукми эҳсор бар ӯ татбиқ намешавад, зеро агар тавони вуқуфро дарёбад, дар Арафа вуқуф мекунад. Баъд аз он ҳар гоҳ боздошт ва эҳсор аз миён рафт, ба тавофи зиёрат мепардозад. Агар аз вуқуф манъ гардид, ҳаҷаш фавт мешавад. Дар ин сурат аъмолеро анҷом медиҳад, ки он аъмолро шахсе, ки ҳаҷаш фавт шудааст, анҷом медиҳад.

Савол 165: Оё забҳи гӯсфанд ба хотири ҳалол карданаш кифоят мекунад ё ин, ки сари худро тарошида ва ё қаср намояд, пас аз он ҳалол мешавад?

Ҷавоб 165: Дар назди Абӯҳанифа ва Муҳаммад (раҳ), агар гӯсфанд забҳ гардид, барои иҳлолаш кофӣ буда ва аз эҳром хориҷ мешавад. Абӯюсуф (раҳ) мегӯяд, ки ба хотири хуруҷ аз эҳром тарошидани сараш низ лозим аст.

## Фавти вуқуфи Арафа

Савол 166: Шахсе, ки эҳроми ҳаҷ баста вуқуфи Арафа аз наздаш фавт шудааст ва субҳи рӯзи ид тулӯъ кард, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 166: Ин шахс ҳаҷаш фавт шудааст. Баъд аз афъоли умра ҳалол мекунад, даври Каъба тавоф намуда ва дар миёни Сафо ва Марва саъй менамояд ва сарашро тарошида ё қаср мекунад.

Савол 167: Баъд аз анҷоми ин аъмол оё чизи дигаре бар ӯ воҷиб мешавад?

Ҷавоб 167: Оре, қазои ҳаҷ дар соли оянда барояш воҷиб аст.

Савол 168: Оё бар ӯ дам (хун) лозим аст?

Ҷавоб 168: Бар ӯ дам (хун) нест.

Савол 169: Оё умра низ фавт мешавад?

Ҷавоб 169: Умра фавт намешавад, зеро умра ба вақти муайяне муқайяд набуда ва дар тамоми сол ҷоиз аст. Танҳо дар панҷ рӯз макруҳ пиндошта мешавад, ки зикраш гузашт.

## Ҳадй ё қурбонӣ

Савол 170: Ҳадй чист?

Ҷавоб 170: Ҳадй он чиро гӯянд, ки дар ҳаҷ ё умра забҳ мешавад. Ин забҳ ё ба хотири хориҷ шудани муҳсир ё боздошт шуда аз эҳром сурат мегирад ё мутаматтиъ ва қорин ба хотири як ҷо намудани ду нусук (ҳаҷ ва умра) ё забҳ намудани қурбонӣ шукри

Худои мутаолро ба ҷо меоваранд ё қурбонӣ ба хотири каффораи ҷиноятҳо забҳ мегардад. Чунин қурбонӣ барои касонест, ки дар ҳоли эҳром ҷиноятеро муртакиб мешаванд ё яке аз воҷиботи ҳаҷ ё умраро тарк мекунанд. Вале қурбонии татаввуъ ё нафл ба ҳамаи касоне, ки мехоҳанд забҳ намоянд, ҷоиз аст.

Савол 171: Кадом ҳайвоне қурбонӣ мешавад?

Ҷавоб 171: Қурбонии ҳайвоне аз қабили шутур, гов, гӯсфанд ва ё буз ҷоиз буда, ки закур ва уноси (нару модаи) онҳо яксон аст ва бидуни ин даста аз ҳайвоноти дигаре ҷоиз нест.

Савол 172: Оё ҳар ҳайвонеро, ки бихоҳанд аз ҳамин дастаҳои сегона (шутур, гов, гӯсфанд) забҳ намоянд, ҷоиз аст ё муқайяд ба умури дигаре низ аст?

Ҷавоб 172: Оре, забҳи ин ҳайвоноти муқайяд ба ду шарт аст.

1- Қурбонӣ хурдсол набошад.

2- Аз нуқсу айб солим ва тандуруст бошад.

Савол 173: Синни қурбонӣ чӣ миқдор бошад?

Ҷавоб 173: Гӯсфанд як солро ба поён расонида ва дар соли дуввум дохил шуда бошад. Гов ду солро такмил намуда ба соли саввум по гузошта бошад. Шутур панҷ солро ба итмом расонида ва ба соли шашум дохил шуда бошад.

Савол 173: Бидуни ин, ки гӯсфанд ба ин синни муайян бирасад, қурбониаш ҷоиз аст?

Ҷавоб 173: Оре, қурбонии ҷазаъ (гӯсфанде, ки умраш шаш моҳро такмил карда бошад) ҷоиз аст. Ин

гӯсфанд чунон бошад, ки агар бо гӯсфандони ду сола як ҷо шавад, дар миёнашон чандон тафовуте зоҳир нашавад.

Савол 174: Маънои ҷумлаи «аз айбҳо  солим бошад» чист?

Ҷавоб 174: Маънои ҷумла он аст, ки аъзои ҳайвоне, ки қурбонӣ мешавад, солим ва тандуруст бошад. Ҳайвоне, ки яке аз аъзояш монанди даст, пой, дум ё гӯш қатъ шуда бошад, қурбониаш ҷоиз нест. Ҳамчунон ҳайвони кӯр, лоғари аз байн рафта ва ҳайвони ланге, ки натавонад то қурбонгоҳ биравад, қурбонии онҳо ҷоиз нест.

Савол 175: Агар қисмате аз дум ё гӯши ҳайвон бурида шуда бошад, оё қурбонӣ кардани он ҷоиз аст?

Ҷавоб 175: Агар бештарин миқдори дум ё гӯшаш бурида шуда бошад, қурбониаш ҷоиз аст.

Савол 176: Оё қурбонӣ дар ҳар ҷое, ки забҳ шавад, ҷоиз аст?

Ҷавоб 176: Забҳи қурбонӣ бидуни (ғайри) Ҳарам дар ҳеҷ ҷои дигаре ҷоиз нест.

Савол 177: Дар кадом ҳолоте забҳи гов ва шутур муайян мешавад?

Ҷавоб 177: Забҳи гов  ё шутур ба таври комил дар ҳолатҳои зайл таъйин мегардад:

1- Дар каффораи касе, ки дар ҳоли ҷиноят тавофи зиёрат намуда ва онро иода (такрор) накунад.

2- Дар каффораи касе, ки баъд аз вуқуфи Арафа ва пеш аз тарошидани сар ва тавофи зиёрат, ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) кунад. Дар ин ду ҳолат бидуни

қурбонии гов ва шутур забҳи ҳайвони дигаре ҷоиз нест. Вале бидуни ин ду ҳолат дар ҳолатҳои дигаре монанди дами таматтуъ ва қирон, дами (хуни) эҳсор ё боздошт шудан аз ҳаҷ ва ё умра, дами (хуни) ҷиноят ё дами нафлӣ ва татаввуъ, забҳи гӯсфанд ҷоиз аст.

Савол 178: Агар дар баъзе қурбониҳо ду нафар ё бештар аз он иштирок намоянд, ҷоиз аст?

Ҷавоб 178: Оре, иштироки ҳафт нафар дар гов ё шутур ҷоиз аст. Дар сурате, ки хост ва иродаи ширкаткунандагонаш тақарруби Худои мутаол бошад.

Савол 179: Дар қурбонии як шутур ё гов ҳафт нафар ширкат кардаанд ва бархе аз эшон танҳо гӯшти онро мехоҳанд, ҳукми он чист?

Ҷавоб 180: Агар чунин бошад қурбонии афроди боқимонда низ ҷоиз нест.

Савол 181: Оё аз гӯшти қурбонӣ соҳиби он мехӯрад?

Ҷавоб 181: Барои соҳиби қурбонӣ хӯрдани гӯшти қурбонии таматтуъ, қирон ва татаввуъ ҷоиз аст. Вале хӯрдани гӯшти дами ҷиноёт ва дами эҳсор (боздошт аз ҳаҷ ва умра) барои соҳиби он ҷоиз нест.

Савол 182: Оё дар забҳи қурбонӣ вақт ва рӯз таъйин мешавад?

Ҷавоб 182: Забҳи қурбонии қирон ва таматтуъ қабл аз рӯзи ид ҷоиз нест, балки рӯзи ид ё ду рӯзи баъд аз он забҳ шавад. Ин қурбонӣ аз дувоздаҳуми зилҳиҷҷа таъхир намешавад. Ҳамчунон қабл аз рамйи

ҷамраи Ақаба дар рӯзи ид забҳ намешавад. Забҳи дами (хуни) эҳсор ва ҷиноёт ҳар замоне ҷоиз аст.

Савол 183: Агар забҳи қурбонии таматтуъ ва қирон баъд аз рӯзҳои ид сурат гирифт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 183: Ба хотири таъхири забҳи қурбонӣ аз вақти муайяни он, дами (хуни) дигаре лозим мешавад.

Савол 184: Оё садақаи гӯшти қурбонӣ ба масокини Ҳарам воҷиб аст?

Ҷавоб 184: Дар садақаи гӯшти қурбонӣ масокини Ҳарам таъйин нашуда аст, балки садақаи он ба масокини Ҳарам ва ғайри Ҳарам ҷоиз аст.

Савол 185: Оё бурдани қурбонӣ ба Арафот воҷиб аст?

Ҷавоб 185: Ин кор воҷиб нест.

Савол 186: Тафсили «наҳр ва забҳ» чӣ гуна аст?

Ҷавоб 186: Наҳри шутур ва забҳи гову гӯсфанд суннат аст. Акси он ҷоиз буда, вале макруҳ аст.

Савол 187: Оё воҷиб аст худи шахс забҳ намояд?

Ҷавоб 187: Ин амр воҷиб нест, балки агар каси дигареро ба забҳи қурбониаш маъмур созад, ҷоиз аст. Вале агар забҳи қурбониашро худаш сарпарастӣ намояд, беҳтар аст. Дар сурате, ки битавонад қурбониро ба сурати хубтар забҳ кунад.

Савол 188: Шахсе шутуреро ба хотири қурбонӣ бо худ бурдааст. Дар роҳ ночор шуда ва бар он савор шуд. Оё савор шудан бар он ҷоиз аст?

Ҷавоб 188: Агар ночор гардид, савор шавад ва агар савор шудан бар он мустағнӣ (ҳоҷат набошад) бувад, савор нашавад.

Савол 189: Агар ноқа (шутури мода) ва ё гӯсфандеро ба хотири қурбонӣ бо худ бурд ва онҳо шир доштанд, оё шири онҳоро медӯшад?

Ҷавоб 190: Шири онҳоро намедӯшад, балки оби сард (хунук) ба пистонашон бизанад, то шир қатъ гардад.

Савол 191: Агар қурбонӣ дар роҳ ҳалок шуда ва аз байн рафт, чӣ мекунад?

Ҷавоб 191: Агар қурбонии нафлӣ ва татаввуъ бувад, қурбонии дигаре бар ӯ нест. Агар қурбонии воҷибӣ буд, лозим аст, то қурбонии дигареро ҷойгузини он созад.

Савол 192: Агар барои қурбонӣ айб ва нуқсе пеш ояд, ки манъкунандаи ҷавози забҳи қурбонӣ бошад, ҳукмаш чӣ гуна аст?

Ҷавоб 192: Қурбонии дигареро ба ҷои маъюб бигирад ва метавонад ҳар гуна бихоҳад маъюбро истеъмол кунад. Ин дар сурате аст, ки қурбонии воҷибӣ бошад. Агар қурбонӣ татаввуъ буд, ҳамроҳ бо айбу нуқсаш онро забҳ намояд.

Савол 193: Шахсе шутуреро бо худ барои қурбонӣ мебурд, наздик буд, ки дар роҳ бимирад, чӣ мекунад?

Ҷавоб 193: Агар қурбонӣ татаввуъ буд, ӯро кушта ва сумми онро ба хунаш рангин сохта ва кӯҳони ӯро низ бо хун ранг намояд ва онро барои фуқаро бигузорад. На худаш аз ӯ бихӯрад ва на шахси ғанӣ ва

сарватманди дигаре. Ва агар қурбонии воҷибӣ буд, шутури дигареро ҷойнишини он сохта ва аз шутури қаблиаш ҳар гунае, ки хост истифода кунад.

Савол 194: Бастани қаллода (нишона) ё гарданбанд ба гардани қурбонӣ чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 194: Дар қурбонии татаввуъ, қирон ва таматтуъ бастани қаллода ба гардани қурбонӣ мустаҳаб аст. Дар дам (хун) эҳсор ва ҷиноятҳо қаллода баста намешавад.

Савол 195: Ҷил (тӯқум) ва маҳори (лаҷом) ҳайвонро чӣ мекунад?

Ҷавоб 195: Онҳоро садақа мекунад.

Савол 196: Оё музди қассобро аз гӯшти қурбонӣ мепардозад?

Ҷавоб 196: Барои қассоб аз қурбонӣ чизе намедиҳад, балки масрафи қассобро аз назди худаш мепардозад.

## Масоили мутафарриқа

Савол 197: Кадомаш беҳтар аст, тарошидани сар ва ё кӯтоҳ карданаш ва барои чӣ?

Ҷавоб 197: Тарошидани сар беҳтар аст, зеро расули Худо барои касоне, ки сари худро метарошанд се маротиба дуо кардаанд ва як маротиба барои касе, ки сари худро кӯтоҳ мекунад, дуо кардаанд.

Савол 198: Рӯзи даҳуми Зулҳиҷҷа чӣ ном дорад? Оё ин рӯз яке аз се рӯзи айёми ташриқ аст?

Ҷавоб 198: На. Рӯзи даҳумро Явму-н-Наҳр,Явму-л-ид ё Явму-л-Ҳаҷҷул Акбар меноманд.

Савол 199: Оё ҳангоми истодан дар Мино ман намозҳоямро қаср адо намоям?

Ҷавоб 199: Бале. (Агар муқим набошад).

Савол 200: Оё ҳангоми истодан дар Мино намозҳоро муттасил бо ҳам адо намоем?

Ҷавоб 200: На. Намозҳоро бо ҷамоат дар вақти худаш адо намоед.

Савол 201:Рӯзҳои 11,12, ва 13-уми Зулҳиҷҷа чӣ ном доранд?

Ҷавоб 201: Айёму-т-ташриқ (рӯзҳои ташриқ).

Савол 202: Маънои ташриқ чист?

Ҷавоб 202: Рӯзҳои  хушк кардани гӯшт (дар зери офтоб).

Савол 203: Маънои тарвия чист?

Ҷавоб 203: Сероб кардани ҳайвонот ва ташнагиашонро шикастан.

Савол 204:Дар рӯзҳои 11, 12, ва 13-ум кадом ҷамраҳоро кай ва кадом вақт бо санг мезанем?

Ҷавоб 204:  Баъди пешин ин амалро анҷом медиҳед. Аввал ҷамраи хурд баъд миёна ва сипас ҷамраи бузургро санг мезанед.

Савол 205: Оё давидани занҳо дар байни ду чароғи сабз ҳангоми саъй лозим аст?

Ҷавоб 205: На.

Савол 206: Барои ба ҷо овардани тавофи ифоза ба Макка рафтан, кадом рӯз беҳтар аст?

Ҷавоб 206: Рӯзи 10-уми Зулҳиҷҷа (зеро Паёмбар (с) ҳамон рӯз тавоф намуда намози пешинро дар Мино адо намуданд).

Савол 207: Аъмоли рӯзи 10-уми Зулҳиҷҷаро номбар кунед?

Ҷавоб 207: Санг задани ҷамраи бузург, забҳи ҳайвон барои мутаматтиъ ва қорин, тарошидани сар ва ё кӯтоҳ кардани он, анҷом додани тавофи ифоза ва саъй барои ҳаҷ.

Савол 208: Оё ман аз ҷониби шахси дигаре санг зада метавонам, ва чӣ хел?

Ҷавоб 208: Бале. Нахуст 7-санги худро мепартоӣ ва баъд аз шахси дигарро ҳамин тавр дар се ҷамра такрор мекунӣ.

Савол 209: Оё ягон нафари дигар аз ҷониби ман санг зада метавонад, дар ҳоле, ки ман аз издиҳом метарсам?

Ҷавоб 209: На.

Савол 210: Оё ман метавонам барои санг задан аз ҷониби худ ба ягон кас пул диҳам?

Ҷавоб 210: На.

Савол 211: Оё ҳангоми санг задан зарур аст, ки рӯй ба тарафи қибла намоем?

Ҷавоб 211: На.

Савол 212: Агар ман ҳаҷҷи таматтуъ анҷом диҳам ва қудрати қурбонӣ карданро надорам, чӣ бояд кард?

Ҷавоб 212: 10-рӯз рӯза мегирӣ: 3-рӯз ҳангоми ҳаҷ ва 7-рӯз ҳангоми баргаштан ба ватан.

Савол 213: Кай ва кадом вақт бояд ман Миноро тарк намоям агар хоҳам, ки фақат ду рӯзи ташрикро дар он ҷо бимонам?

Ҷавоб 213: Рӯзи 12-уми Зулҳиҷҷа, пеш аз ғуруби офтоб.

Савол 214: Агар то ғуруби офтоб аз Мино баромада натавонистем, чӣ бояд кард?

Ҷавоб 214: То рӯзи 13-ум меистӣ.

Савол 215: Оё Ҷидда ҳамчун миқот шуморида мешавад?

Ҷавоб 215: На.

Савол 216: Оё ҷоиз аст ҳангоми тавоф бо овози баланд қироат ё дуо кард?

Ҷавоб 216: На.

Савол 217: Оё ҷоиз аст ҳангоме, ки марде дар Ҳарам намоз хонда истодааст аз пешаш гузашт?

Ҷавоб 217: На.

Савол 218: Оё бо гурӯҳи бузург тавоф карданро тавсия медиҳед?

Ҷавоб 218: На.

Савол 219: Оё ман метавонам аз ҷониби хешованди бемор ё рафиқам ҳаҷ адо намоям?

Ҷавоб 219: Бале. (агар ҳаҷҷи худро аллакай адо карда бошӣ).

Савол 220: Паёмбар (с) дар ҳаёти худ чанд умра кардаанд?

Ҷавоб 220: Чаҳор умра.

Савол 221: Паёмбар (с) чанд бор ҳаҷ кардаанд?

Ҷавоб 221: Як бор.

Савол 222: Паёмбар (с) ҳангоми Ҳаҷҷату-л-видоъ чанд ҳайвон барои қурбонӣ омода кард?

Ҷавоб 222: Сад шутур.

Савол 223: Чанд ҳайвонро Паёмбар (с) бо дастони муборaки худ забҳ намуданд?

Ҷавоб 223: 63.

Савол 224: Мақсади ин миқдор забҳ кардан дар чист?

Ҷавоб 224: Як ҳайвон барои ҳар як соли ҳаёташ.

Савол 225:Ҳайвонҳои боқимондаро кӣ забҳ намуд?

Ҷавоб 225: Ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб (р).

Савол 226: Мӯи сари Паёмбар (с)-ро кӣ тарошид?

Ҷавоб 226: Маъмар ибни Абдуллоҳи Адвӣ.

Савол 227: Мӯи сари Паёмбар (с) -ро кӣ байни мардум (ҳоҷиён) тақсим намуд?

Ҷавоб 227: Абӯталҳа бо як саҳобӣ.

Савол 228: Дар тавоф чанд шавт (давр) аст?

Ҷавоб 228: 7.

Савол 229: Дар саъйи Сафо ва Марва чанд гардиш аст?

Ҷавоб 229: 7.

Савол 230: Дар ҷамра чанд санг мезананд?

Ҷавоб 230: 7.

Савол 231: Дар умра чанд фарзу воҷиб аст?

Ҷавоб 231: Эҳрому тавоф ва саъй байни Сафо ва Марва ва сар тарошидан ва ё кӯтоҳ намудан.

Савол 232: Ҳаҷ чанд намуд мешавад?

Ҷавоб 232: Таматтуъ, қирон ва ифрод.

Савол 233:Намудҳои қурбонӣ кадомҳо ҳастанд?

Ҷавоб 233: Ҳадй, узҳия ва фидя.

Савол 234: Нисбати ҳадй дар Қуръон дар куҷо омадааст?

Ҷавоб 234: Сураи Бақара, ояти 196.

Савол 235:  Ҳаҷ кадом сол фарз шудааст?

Ҷавоб 235: Баъзе уламо дар соли 6-ҳиҷрӣ ва баъзеҳо бар он ақидаанд, ки дар соли 9-ҳиҷрӣ фарз шудааст. (саҳеҳаш, 9-ҳиҷрӣ)

Савол 236: Кадом сол Паёмбар (с) ҳаҷ карданд?

Ҷавоб 236: Соли 10-и ҳиҷрӣ.

Савол 237: Кадом сол Паёмбар (с)-ро аз адои ҳаҷ аз роҳ баргардониданд?

Ҷавоб 237: Дар соли 6-ҳиҷрӣ.

Савол 238: Ҳаҷ бо кадом васила (савора ё пиёда) беҳтар аст?

Ҷавоб 238: Савора.

Савол 239: Оё Паёмбарони (с) дигар низ ҳаҷ кардаанд?

Ҷавоб 239: Бале.

Савол 240: Дар Мино, дар масҷиди Хииф чанд Паёмбар намоз хондаанд?

Ҷавоб 240: Зиёда аз 70-Паёмбар.

Савол 241:Ҳаҷҷату-л-вадоъ кадом сол буд?

Ҷавоб 241: Дар соли 10-ҳиҷрӣ.

Савол 242: Рӯзи Арафаи ҳаҷҷату-л-вадоъ кадом рӯзи ҳафта буд?

Ҷавоб 242: Рӯзи ҷумъа.

Савол 243: Ҳамон рӯз кадом ояти Қуръон нозил шуд?

Ҷавоб 243: Сураи Моида, ояти 3.

Савол 244: Арафот чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 244: Ба маънои донистан ва шинохтан.

Савол 245: Мино чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 245: Ба маънои таманно ва орзу.

Савол 246: Ояти нисбати Миноро тазаккур намоед?

Ҷавоб 246: Сураи Бақара, ояти 203.

Савол 247:Аз кадом мавзеъ метавон умраро ният кард?

Ҷавоб 247: Аз масҷиди Танъим ва Ҷеърона.

Савол 248: Паёмбар (с) пас аз кадом ғазва аз миқоти Ҷеърона иқдом ба эҳроми умра менамояд?

Ҷавоб 248: Пас аз ғазваи Ҳунайн.

Савол 249: Кӯҳи Абӯқубайс дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 249: Ибтидои кӯҳи Сафо интиҳои кӯҳи Абӯқубайс аст.

Савол 250: Миқоти дуртарин кадом аст?

Ҷавоб 250: Зулҳулайфа.

Савол 251: Миқоти наздиктарин кадом аст?

Ҷавоб 251: Сайлул кабир.

Савол 252: Дар Арафот кадом масҷид ҷойгир аст?

Ҷавоб 252: Масҷиди Намира.

Савол 253: Дар Мино чӣ?

Ҷавоб 253: Масҷиди Хииф.

Савол 254: Дар Муздалифа кадом масҷид аст?

Ҷавоб 254: Ин масҷид дар Машъарулҳаром қарор дорад.

Савол 255: Ҳазрати Ҷабраил ба ин масҷид нозил шуда, ба Паёмбар (с) чӣ паём овард?

Ҷавоб 255: Оётеро дар бораи Машъар барои он ҳазрат тиловат кард.

Савол 256: Водии Муҳассар дар куҷо воқеъ шудааст?

Ҷавоб 256: Ин водӣ дар миёни Муздалифа ва Мино қарор дорад.

Савол 257: Сабаб ва роз дар чист, ки аз ин водӣ бо суръат ва шитоб гузашт ва он ҷо таваққуф нанамуд?

Ҷавоб 257: Чун водии Муҳассар макони аст, ки азоби илоҳӣ бар сипоҳи Абраҳа ва асҳоби Фил нозил шуд ва дар он ҷо ҳалок шуданд.

Савол 258: Барои чӣ ин водӣ номи Муҳассарро гирифт?

Ҷавоб 258: Чун ин шикаст мояи ҳасрати онҳо гардид, он водиро Муҳассар номиданд.

Савол 259: Маккаи мукаррама чанд ном доад?

Ҷавоб 259: Маккаи мукаррамаро номҳои зиёде аст. Монанди, Бакка, Байтуллоҳ, Байтулатиқ, Уммул-Қуро, Баладу-л-амин ва ғайра.

Савол 260: Беҳтарин об дар рӯи замин кадом об аст?

Ҷавоб 260: Оби Замзам.

Савол 261: Кунҷҳои Каъба чӣ ном доранд?

Ҷавоб 261: Кунҷи санги сиёҳ, кунҷи Ироқӣ, кунҷи Шомӣ, кунҷи Ямонӣ.

Савол 262: Сураи  Иқраъ дар кадом  ғор ва ё куҳ бар Паёмбар (с) нозил шуд?

Ҷавоб 262: Дар кӯҳи Нур, дар ғори Ҳиро.

Савол 263: Ҳазрати Паёмбар (с) ва Абӯбакри Сиддиқ дар ғори Ҳиро паноҳ бурданд ва ё дар ғори Савр?

Ҷавоб 263: Дар кӯҳи Савр ва дар ғори Савр.

Савол 264: Каъбаро кӣ ба монанди ҳазрати Иброҳим (а.с) бино кард?

Ҷавоб 264: Абдуллоҳ ибни Зубайр.

Савол 265: Санги Сиёҳро киҳо ва кадом сол аз ҷояш гирифта бурданд?

Ҷавоб 265:  Қаромита ,дар соли 317.

Савол 266: Чанд сол сангро нигоҳ доштанд?

Ҷавоб 266: Аз соли 317 то соли 339, яъне 22 сол.

Савол 267: Кадом  сол Ҳаҷҷоҷи золим хонааи Каъбаро хароб  кард ва  сӯзонд?

Ҷавоб 267: Дар соли  72 ҳиҷрӣ.

Савол 268: Як намоз дар масҷиди Ҳаром баробари чанд сол аст?

Ҷавоб 268: Баробари 55 солу  6 моҳу 20 рӯз аст.

Савол 269: 5 вақт намоз дар Ҳарам баробари чанд сол аст?

Ҷавоб 269: Баробари  277 солу 7 моҳу 10 рӯз аст.

Савол 270: Эҳсор чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 270: Эҳсор ба маънои боздоштан ва боздошта шудан аст.

Савол 271: Рамал чиро мегӯянд?

Ҷавоб 271: Рамал он аст, ки шахси тавофкунанда суръати ҳаракати худро дар се даври аввали тавоф метезонад.

Савол 272: Изтибоъ чист?

Ҷавоб 272: Изтибоъ он аст, ки гӯшаи рости порчаи эҳромашро аз зери бағалаш гузаронида, ба болои китфи чапаш меандозад ва китфи росташро бараҳна мегузорад.

Савол 273: Танъим чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 273: Танъим номи дарахте аст, ки дар бодия мерӯяд.

Савол 274: Оё занон байни нишонаҳои сабз медаванд?

Ҷавоб 274: На.

Савол 275: Оё занон талбияро бо овози баланд мегӯянд?

Ҷавоб 275: На.

Савол 276: Ҷиҳоди занҳо чист?

Ҷавоб 276: Ҳаҷҷи мабрур аст. (Ҳаҷҷи қабулшуда).

Савол 277: Одам ва Ҳаво дар куҷо вохӯрданд?

Ҷавоб 277: Дар Арафот.

Савол 278: Аз Паёмбар (с) ки барои об додани ҳоҷиҳо дар Макка шабҳои Мино иҷоза хост?

Ҷавоб 278: Аббос ибни Абдулмутталиб.

Савол 279: Соли фатҳи Макка ҳангоме, ки Паёмбар (с) ба Маккаи мукаррама дохил шуд, бо эҳром буд ё бидуни эҳром?

Ҷавоб 279: Бе эҳром буд.

Савол 280: Соли Ҳаҷҷату-л-видоъ Паёмбар (с) дар чанд рӯз аз Мадинаи мунаввара ба Маккаи мукаррама омада расиданд?

Ҷавоб 281: Дар ҳашт рӯз.

Савол 282: Соли 9 ҳиҷрӣ киро Паёмбар (с) ҳамчун амири ҳаҷ равон кард?

Ҷавоб 282: Абӯбакри Сиддиқро.

Савол 283: Аз қафои ҳазрати Абӯбакр (р) барои хондани сураи Бароат (Тавба) дар байни мардум киро фиристод?

Ҷавоб 283: Ҳазрати Алиро фиристод.

Савол 284: Оё дар сафари ҳаҷҷи видоъ ҳамаи занҳои Паёмбар (с) бо ӯ ҳамроҳ буданд?

Ҷавоб 284: Бале. (9 зан)

Савол 285: Номи қадимаи Мадинаи Мунаввара чӣ буд?

Ҷавоб 285: Ясриб.

Савол 286: Мадинаи мунаввара дорои чанд ном аст?

Ҷавоб 286: Зиёда аз 95 ном дорад. Монанди Тоба, Тайба, Дору-л-аброр, Мадинату-р-Расул ва ғайра.

Савол 287: Аввалин масҷиде, ки дар Мадинаи мунаввара бино ёфт кадом масҷид аст?

Ҷавоб 287: Масҷиди Қубо.

Савол 288: Кадом оят ва дар кадом сура нисбати масҷиди Қубо нозил шудааст?

Ҷавоб 288: Сураи Тавба, ояти 108.

Савол 289: Рӯзҳои шанбе Паёмбар (с) ба кадом масҷид рафта намоз мехонданд?

Ҷавоб 289: Ба масҷиди Қубо.

Савол 290: Намози кадом масҷид савоби як умраро дорад?

Ҷавоб 290: Масҷиди Қубо.

Савол 291: Намози кадом масҷид беҳтар аз ҳазор намози дигар масоҷид аст?

Ҷавоб 291: Масҷиди  Набавӣ.

Савол 292: Як намоз дар масҷиди Паёмбар (с) баробари чанд сол аст?

Ҷавоб 292: Баробари  6 моҳу бист рӯз аст.

Савол 293: Панҷ вақт намоз дар масҷиди Паёмбар (с) баробари  чанд сол аст?

Ҷавоб 293: Баробари 2 солу 9 моҳу 10 рӯз аст.

Савол 294: Байни хонаву минбар чӣ ҷойгир аст?

Ҷавоб 294: Боғчае аз боғҳои биҳишт. (Равза)

Савол 295: Ғазваи Уҳуд кадом сол рух дода буд?

Ҷавоб 295: Соли 3-и ҳиҷрӣ.

Савол 296: Дар ин ҷанг чанд нафар шаҳид шуданд?

Ҷавоб 296: 70 нафар шаҳид шуданд. Амир Ҳамза, 64 нафар ансор ва 6 нафар муҳоҷирин.

Савол 297: Дар қабристони Бақиъ чанд саҳоба дафн шудааст?

Ҷавоб 297: 10 ҳазор саҳоба.

Савол 298:  Масҷиде, ки қиблааш ба тарафи Каъба таҳвил гашт, кадом масҷид аст?

Ҷавоб 298: Масҷиди Қиблатайн.

Савол 299: Дар канори қабри Паёмбар (с) як ҷойи дигаре холӣ аст, ҷойи кист?

Ҷавоб 299: Ҳазрати Исо, писари Марям.

Савол 300: Беҳтарин навъи хурмое, ки дар Мадинаи мунаввара мерӯяд ва дар бораи он аз Паёмбар (с) ҳадис ворид шудааст, кадом навъи хурмо аст?

Ҷавоб 300: Хурмои Аҷва. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки субҳ ҳафт донаи хурмои Аҷва бихӯрад, дар ҳамон рӯз заҳр ва ҷоду бар ӯ зараре намерасонад».

Савол 301: Оё барои эҳром ғусл афзал аст ё вузӯ?

Ҷавоб 301: Барои эҳром ғусл афзал аст.

Савол 302:Далелаш чист, ки ғусл афзал аст?

Ҷавоб 302: Паёмбар (с) ғусл намуда буданд.

Савол 303: Ҳукми ғусл кардан аз ҷиҳати вуҷуб аст ё барои ҳусули покӣ?

Ҷавоб 303: Ҳукми ғусли эҳром аз барои покӣ аст.

Савол 304: Барои эҳром либоси нав беҳтар аст ё эҳроми шусташуда?

Ҷавоб 304: Эҳроми шусташуда низ кофӣ аст, аммо эҳроми нав беҳтар аст.

Савол 305: Ба чӣ сабаб наваш беҳтар аст?

Ҷавоб 305 Зеро эҳроми нав ба покӣ зиёда наздик аст, зеро ки то акнун палидии зоҳирӣ нарасидааст.

Савол 306: Оё Паёмбар (с) пеш аз эҳром намози нафл хондааст?

Ҷавоб 306: Бале, Аз ибни Аббос (р) ривоят шудааст, киПаёмбар (с) дар Зулҳулайфа ду ракъат намоз гузоштаанд.

Савол 307: Сабаби хондани дуо дар вақти нияти ҳаҷ ва умра дар чист?

Ҷавоб 307: Дуои осониро ба ин ҷиҳат мекунанд, ки ҳаҷ як ибодати азим аст ва дар ин машаққати зиёд аст. Ҳаҷ дар як ҷо ва дар як вақт адо намешавад. Барои ҳамин хостани осонӣ барои адо кардани фаризаи ҳаҷ мустаҳаб аст.

Савол 308: Дуои қабулияти ҳаҷро фаҳмонед?

Ҷавоб 308: Дуои қабулият аз ин ҷиҳат аст, ки қабул шудани ҳар ибодат зарурӣ аст, ба ҳамин ҷиҳат дар ҳангоми таъмири хонаи Каъба ҳазрати Иброҳим (а) ва ҳазрати Исмоил (а) бор – бор ин дуоро мекард. **Раббано тақаббал мино иннака анта-с-самиу-л-алим.**

Савол 309: Барои чӣ дар намоз дуои осонӣ намекунанд?

Ҷавоб 309: Адо кардани намоз осон аст, пас ба дуо кардани осонӣ зарурӣ нест.

Савол 310: Вақти талбия гуфтан кай аст?

Ҷавоб 310: Дар назди мо баъди намози эҳром фавран талбия бигӯед, зеро Паёмбар (с) баъди намоз талбия гуфтанд.

Савол 311: Байни намозу талбия ягон чиз бигӯяд ё не?

Ҷавоб 311: Дар миёни намозу талбия чизи дигаре ҷудоӣ наёварад.

Савол 312: Талбия ҷавоби қабулияти нидои кист?

Ҷавоб 312: Талбия ҷавоби қабулияти нидои ҳазрати Иброҳим (а) аст.

Савол 313: Инро чӣ хел фаҳмид?

Ҷавоб 313: Ҳангоме, ки Иброҳим (а) аз таъмири Хонаи Каъба фориғ шуд, пас Худои таоло ба ӯ ҳукм фармуд, ки эълони ҳаҷро бикун. Иброҳим (а) арз кард, ки эй маъбуди ман овози ман чӣ гуна ба ҳамаи мардум мерасад. Худои таоло барояш фармуд инро бигӯ: «Эй мардум бар шумо ҳаҷҷи Байтуллоҳ фарз шуд ҳаҷ кунед Байти Атиқро ҳангоме, ки аз даҳони ҳазрати Иброҳим (а) ин алфоз берун шуд ин овоз ба тамоми инсонҳои миёни замину осмон ояд то ин ки барои касоне, ки дар пушти падарон ва раҳмҳои модарон буд ба онҳо низ расид: Касе як мартаба ҷавоб дод ва касе ду мартаба  ва касе зиёда аз он пас касе, ки чанд мартаба ҷавоб дода буд ба ӯ ба ҳамон андоза саодати ҳаҷ кардан мерасад.

Савол 314: Дар ду ракъати эҳром кадом சураҳоро Паёмбар (с) хонданд?

Ҷавоб 314: Дар ин ду ракъат сураи **Қулё айюҳал кофирун ва ихлосро** хонданд.

Савол 315: Паёмбар (с) дар Зулҳулайфа чанд намоз хонданд?

Ҷавоб 315: Панҷ намоз хонданд.

Савол 316: Оё талбия гуфтан воҷиб аст ё суннат?

Ҷавоб 316:Уламо баъзеаш воҷиб, баъзеаш суннат ва баъзеаш мустаҳаб гуфтанд.

Савол 317: Талбияро ки ба Паёмбар (с) омӯхт?

Ҷавоб 317:Талбияро ба Паёмбар (с) ҳазрати Ҷабраил омӯхт.

Савол 318: Далелаш чист?

Ҷавоб 318: Далелаш ин ҳадиси Паёмбар (с) аст. Аз Соиб ибни Халлод (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҷабраил ба назди ман омаду ба ман амр кард, ки асҳобам ва касе, ки бо ман аст амр намоям, ки садояшонро бо талбия ва таҳлил баланд кунанд».

Савол 319: Фазилати талбия дар чист?

Ҷавоб 319: Аз Саҳл ибни Саъд (р) ривоят шудааст, ки расули Худо (с) фармуданд: «Мусулмоне нест, ки ӯ лаббайк гӯяд магар ин, ки дар тарафи рост ва чапи ӯ тамоми санг, дарахт ва хок лаббайк гӯянд то интиҳои замин».

Савол 320: Шиори ҳаҷ чист?

Ҷавоб 320: Шиори ҳаҷ ин талбия аст.

Савол 321: Далелаш чист?

Ҷавоб 321: Далелаш ин ҳадиси Паёмбар (с) мебошад. Расули Худо (с) фармуданд: «Ҷабраил назди ман омаду гуфт: Эй Муҳаммад! Асҳобатро ба баланд гуфтани талбия амр кун, зеро талбия шиори ҳаҷ мебошад».

Савол 322: Оё баланд гуфтани Талбия суннат аст?

Ҷавоб 322: Ибни Ҳумом дар «Фатҳу-л-қадир» гуфтааст, ки бо овози баланд гуфтани талбия суннат аст.

Савол 323: Баланд гуфтани талбия нисбати занҳо чӣ аст?

Ҷавоб 323: Занҳо талбияро бо овози баланд намегӯянд, зеро хавфи фитна аст.

Савол 324: Аз алфози талбия кам кардан ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 324: Кам кардани алфози талбия ҷоиз нест.

Савол 325: Зиёда ва илова кардани лафз дар талбия мумкин аст ё не?

Ҷавоб 325: Далели мо ин аст, ки саҳобагони киром Абдуллоҳ ибни Масъуд, Абдуллоҳ ибни Умар ва Абӯҳурайра (р) ин лафзро зиёда карданд: **«Лаббайка ва саъдайка вал-хайра биядайка ва-рағбоу илайка».** Яъне иҷоза аст.

Савол 326: Оё ба ҷои талбия дигар зикрро гӯяд, коиммақоми талбия мегардад ё не?

Ҷавоб 326: Агар талбияро надонад зикри дигар қоиммақоми талбия мешавад.

Савол 327: Маънои «рафас» чист?

Ҷавоб 327: Рафас ҷимоъ ё суханҳои фаҳш ва ёд кардани ҷимоъ дар ҳузури занон аст.

Савол 328: Маънои «фусуқ» чист?

Ҷавоб 328: Мурод аз фусуқ мутлақи гуноҳон ва маосӣ аст.

Савол 329: Маънои «ҷидол» чист?

Ҷавоб 329: Ҷанг кардан бо рафиқи  худ ё дигарон ҷидол аст.

Савол 330: Оё муҳрим метавонад дар зери хайма дар соя истад?

Ҷавоб 330: Бале, метавонад дар зери соя истад.

Савол 331: Ба кадом далел?

Ҷавоб 331: Далели мо ин аст, ки Уқба ибни Ҳиббон (р) мефармояд, ки ман ҳазрати Усмон (р)-ро дидам, ки барои эшон хаймаи калон насб мешуд ва шамшери ӯ ба дарахт овезон карда мешуд дар  ҳоле, ки эшон дар ҳолати эҳром мебуд.

Савол 332: Оё барои муҳрим дар миён ҳамён бастан ҷоиз аст?

Ҷавоб 332: Бале, ҷоиз аст.

Савол 333: Оё муҳрим метавонад сару риши худро бо хитмий (проскурник) бишӯяд?

Ҷавоб 333: На, наметавонад.

Савол 334: Маънои Хитмий чист?

Ҷавоб 334: Навъи гиёҳи хушбӯе аст, ки дар адавиёт (доруворӣ) ба кор меравад.

Савол 335: Далелаш чист, ки бо ин гиёҳ шустан ҷоиз нест?

Ҷавоб 335: Бо ду далел: Далели якум ин аст, ки гули хитмий як қисми хушбӯие аст ва барои муҳрим истеъмол намудани хушбӯйи ҷоиз нест. Далели дуввум ин аст, ки хитмий шапуши сарро мекушад дар ҳоле, ки барои муҳрим куштани ҳеҷ қисм ҳайвон (ҳашарот) ҷоиз нест.

Савол 336: Афзалтарин ҳаҷ чист?

Ҷавоб 336: Афзалтарин ҳаҷ Аҷ ва Саҷ мебошад

Савол 337: Маънои Аҷ чист?

Ҷавоб 337: Маънои Аҷ ба овози баланд талбия хонданро гӯянд.

Савол 338: Маънои Саҷ чист?

Ҷавоб 338: Маънои Саҷ резондани хунро мегӯянд. Яъне беҳтарин ҳаҷ он аст, ки дар он талбия ба овози баланд гуфта шавад ва хун резонда шавад.

Савол 339: Оё ба Макка шаб дохил шудан ҷоиз аст?

Ҷавоб 339: Бале, дохил шудан ба Макка рӯзу шаб зараре надорад.

Савол 340: Маънои таҳлил чист?

Ҷавоб 340: Маънои таҳлил **«Ло илоҳа иллаллоҳ»** мебошад.

Савол 341: Дар чанд мавзеъ дастҳоро баланд мекунанд?

Ҷавоб 341: Паёмбар (с) фармуданд: «Дар ҳафт мавзеъ дастҳоро боло мекунанд». Якеаш бӯса кардани Ҳаҷаруласвад мебошад.

Савол 342: Ҳазрати Умар (р) нисбати санги сиёҳ чӣ фармуданд?

Ҷавоб 342: Ҳазрати Умар (р) дар даврони хилофаташ ба назди Ҳаҷаруласвад ташриф оварданд ва фармуданд: Ба ман маълум аст, ки ту як санг ҳастӣ на зарар расонида метавонӣ ва на фоида, агар ман Расули Худо (с)-ро намедидам, ки туро бӯса карда буд, пас ман низ туро бӯса намекардам.

Савол 343: Суханони ҳазрати Алӣ (р) пас аз шунидани суханони ҳазрати Умар (р) чӣ буд?

Ҷавоб 343: Чун сухани ҳазрати Умар (р) ба ҳазрати Алӣ расид, эшон фармуданд: «Санг нафъдиҳанда аст», ҳазрати Умар (р) барояш фармуд: Эй домоди Расули Худо (с) дар он кадом фоида аст? Пас ҳазрати Алӣ (р) фармуд: Ман аз Расули Худо (с)

инро шунида будам, ки ҳангоме Аллоҳ таоло аз тамоми авлоди Одам ваъда гирифта ва ба зариъа **(аласту бираббикум қолу бало)** (оё ман парвардигори шумо нестам, гуфтанд бале) иқрор кард, пас Аллоҳ таоло он иқрорро дар ин санг амонат монд. Пас, ҳар шахсе, ки истилом мекунад, пас ин тавр аст, ки ӯ ба ин бӯса кардан таҷдиди он ваъдаро мекунад ва санг барои ӯ дар рӯзи қиёмат гувоҳӣ медиҳад.

Савол 344: Истиломи санг чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 344: Истиломи санг суннат аст.

Савол 345: Худро аз таклиф расондани мусулмонон нигоҳ кардан, чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 345: Ба мусулмонон азият надодан ва таклиф надодан воҷиб аст.

Савол 346: Паёмбар (с) бо Миҳҷан арконро истилом намуд, Миҳҷан чиро мегӯянд?

Ҷавоб 346: Миҳҷан асочӯберо мегӯянд.

Савол 347: Маънои Ҳатим чист?

Ҷавоб 347: Ҳатим номи он ҷое аст, ки дар он мизоби (новдон) Раҳмат аст. Ҳатим аз ҳатм гирифта шудааст ва маънои ҳатм шикастондан аст ва ба ӯ аз ин ҷиҳат Ҳатим гуфта мешавад, ки мушрикин дар ҳангоми таъмири Байтуллоҳ аз ҷиҳати камбуди моли ҳалол аз Байтуллоҳ шикастонда (ҷудо) буд ва дар

ободии ҷадид онро дохил накарда буд. Номи дуввуми Ҳатим (ба касри ҳо) аст, ки маънои он манъ кардан аст, яъне ин ҳисса дар таъмири ҷадиди Байтуллоҳ аз шомил кардан манъ шуда буд.

Савол 348: Маънои Мизоб чист?

Ҷавоб 348: Мизоб новдоне аст, ки дар тарафи болои Каъба дар Ҳатим, яъне Ҳиҷри Исмоил воқеъ аст.

Савол 349: Маънои рамал чист?

Ҷавоб 349: Маънои рамал давидан ё бо суръат бо ҳаракати шонаҳост.

Савол 350: Таърихи рамал кай буд?

Ҷавоб 350: Таърихи рамал соли 7-ӯми ҳиҷрӣ буд.

Савол 351: Сабаби рамал кардан дар чӣ буд?

Ҷавоб 351: Сабабаш ин буд, ки ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ҳамроҳ бо саҳоба тавоф менамуданд дар ин асно аз мушрикин шунид, ки ба ҳамдигар мегуфтанд. Мусулмононро табби Ясриб заъиф кардааст. Ҳангоме, ки Паёмбар (с) инро шунид, пас ҳарду дастҳои муборакашонро кашиду рамалро шурӯъ кард ва асҳоби киромро низ ба ин амал амр фармуданд.

Савол 352: Рамал дар чанд гардиш аст?

Ҷавоб 352: Рамал дар се гардиш аст.

Савол 353: Дар чор гардиши боқимонда чӣ?

Ҷавоб 353: Дар чор гардиши боқимонда ба ҳолати оддӣ ва бо виқор роҳ меравад.

Савол 354: Рамал аз куҷо шурӯъ мешавад?

Ҷавоб 354: Рамал аз Ҳаҷарулавсад шурӯъ шуда дар Ҳаҷарулавсад ба поён мерасад.

Савол 355: Ҳукми рамал дар издиҳоми мардум чист?

Ҷавоб 355: Ҳар гоҳ ба сабаби издиҳом рамал мумкин набошад, пас биистад то ин ки роҳ биёбад, пас рамал бикунад, ба ғайри рамал тавоф накунад.

Савол 356: Дар тавоф гардишҳо ба монанди чист?

Ҷавоб 356: Дар тавоф гардишҳо ба монанди ракъатҳои намоз аст.

Савол 357: Оё дар ҳар як давр рукни Ямониро истилом кунад ё не?

Ҷавоб 357: Агар издиҳом набошад ба қавли Қудурӣ истиломи рукни Ямонӣ мустаҳаб ва мандуб аст.

Савол 358: Оё Паёмбари Худо (с) ҳар дуи ин рукнро, Асвад ва Ямониро истилом мекарданд?

Ҷавоб 358: Оре. Паёмбари Худо (с) ҳардуи ин рукнро истилом мекарданд.

Савол 359: Оё Паёмбари Худо (с) рукни Ироқӣ ва Шомиро низ истилом мекарданд?

Ҷавоб 359: Паёмбари Худо (с) рукни Ироқӣ ва Шомиро истилом намекарданд.

Савол 360: Ҳоҷӣ хатми тавофро ба чӣ анҷом диҳад?

Ҷавоб 360: Ҳоҷӣ хатми тавофро ба истиломи Ҳаҷаруласвад анҷом диҳад, агар имкон бошад.

Савол 361: Далели ду ракъат намоз хондан дар паси мақоми Иброҳим дар чист?

Ҷавоб 361: Далели аҳноф ин аст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Тавофкунанда барои ҳар ҳафт даврзанӣ ду ракъат намоз бихонад!». Далели дигараш ин аст, ки ҳангоме, ки Расули Худо (с) ба мақоми Иброҳим расид ин ояти шарифаро тиловат намуданд. **«ва-т-тахизӯ мим мақоми Иброҳима мусалло»** (Аз мақоми (қадамгоҳи) Иброҳим намозгоҳ бигиред) ва пас ду ракъат намоз адо карданд.

Савол 362: Мурод аз мақоми Иброҳим чист?

Ҷавоб 362: Мурод аз мақоми Иброҳим он санг аст, ки бар он Иброҳим (а) дар ҳангоми таъмири Хонаи Каъба истода буд. Ба сабаби истода шудани ӯ бар болои ин санг изи пояш бар санг нақш баст.

Савол 363: Оё ҷунуб ва зани ҳайздида талбия гуфта метавонад ё не?

Ҷавоб 363: Оре, талбия гуфта метавонад.

Савол 364: Ибни Аббос (р) нисбати талбия чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 364: Ибни Аббос (р) гуфтааст, ки талбия зинати ҳаҷ аст.

Савол 365: Оё нисбати мақоми Иброҳим низ ягон ҳадисе ривоят шудааст ё хайр?

Ҷавоб 365: Бале. Ҳадис ривоят шудааст. Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Шунидам, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Рукн ва мақом ду ёқуте буданд аз ёқутҳои биҳишт. Худои таоло нури онҳоро зоил фармуд ва бардошт. Агар нури онҳо бардошта намешуд, ҳароина мобайни машриқ ва мағрибро равшан мекарданд».

Савол 366: Агар касе намозро дар пушти мақоми Иброҳим нахонд ё фаромӯш кард, чӣ бояд кард?

Ҷавоб 366: Ин ду ракъатро дар куҷое, ки ба ёдаш омад то вақти марг адо кунад.

Савол 367: Номҳои тавофи қудумро номбар кунед?

Ҷавоб 367: Тавофи қудум ба номҳои зерин машҳур аст. 1. Тавофи таҳия, 2. Тавофи лиқо, 3. Тавофи аввали аҳд.

Савол 368: Тавофи қудум воҷиб аст ё суннат?

Ҷавоб 368: Назди мо суннат аст ва назди имом Молик воҷиб аст.

Савол 369: Мақсад аз боло баромадани Сафо дар чист?

Ҷавоб 369: Мақсад истиқбол ва дидани Байтуллоҳ аст.

Савол 370: Паёмбари Худо (с) аз кадом дар аз масҷид хориҷ шуданд?

Ҷавоб 370: Паёмбари Худо (с) аз дари Махзун хориҷ шуданд, зеро ин дар ба Сафо наздик аст ва ҳамин мустаҳаб аст.

Савол 371: Батни водӣ куҷоро мегӯянд?

Ҷавоб 371: Он ҷое, ки ду ишораи сабз аст.

Савол 372: Ҳафт гардиши байни Сафо ва Марваро чӣ хел ҳисоб кард?

Ҷавоб 372: Аз Сафо ба Марва рафтан як шавт (давр) ва аз Марва ба Сафо даври дуввум ҳисоб мешавад, ҳамин тавр дар даври ҳафтум аз Марва ба поён мерасад.

Савол 373: Далели аз Сафо ибтидо кардан дар чист?

Ҷавоб 373: Далелаш аз ин ҳадиси Паёмбар (с), ки фармуданд: «Ибтидо мекунам ба он чизе, ки Худои таоло ибтидо кардааст», яъне «**Инна-с-сафо ва-л-марвата мин шаоириллоҳ**».

Савол 374: Саъй байни Сафо ва Марва чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 374: Саъй байни Сафо ва Марва воҷиб мебошад.

Савол 375: Оё умракунанда сари худро дар Марва тарошад ё дар манзилаш?

Ҷавоб 375: Умракунанда метавонад дар беруни Марва дар сартарошхонаҳои наздики Ҳарам ё дар хона (хобгоҳ) сарашро тарошад ё кӯтоҳ кунад.

Савол 376: Дар мавсими ҳаҷ чанд хутба ҳаст?

Ҷавоб 376: Дар мавсими ҳаҷ се хутба мебошад. 1. Рузи ҳафтуми Зулҳиҷҷа баъд аз намози пешин. 2. Рӯзи Арафа нуҳуми Зулҳиҷҷа қабл аз намози пешин. 3. Рӯзи ёздаҳуми Зулҳиҷҷа дар Мино баъди намози пешин.

Савол 377: Сабаби ин хутбаҳо дар чист?

Ҷавоб 377: Сабаби ин хутбаҳо таълим додани ҳоҷиён аст.

Савол 378: Агар касе намози бомдоди нуҳуми Зулҳиҷҷаро дар Байтуллоҳ хонад, чӣ кор кунад?

Ҷавоб 378: Аз Байтуллоҳ рост ба Арафот равад.

Савол 379: Пас, аъмоли рӯзи ҳаштуми Зулҳиҷҷа дар Мино чӣ мешавад?

Ҷавоб 379: Рӯзи ҳаштуми Зулҳиҷҷа дар Мино аз афъоли ҳаҷ ягон амале нест. Албатта ин шахс иқтидои Паёмбари Худо (с)-ро тарк намуда аз ин ҷиҳат муртакиби ғалате шудааст.

Савол 380: Аъмоли рӯзи ҳаштуми Зулҳиҷҷаро баён кунед?

Ҷавоб 380: Намози бомдодро дар Макка хонда, пас баъди тулӯъи фаҷр ба ҷониби Мино раҳсипор шавад, зеро Расули Худо (с) ҳамин хел анҷом додаанд.

Савол 381: Ба кадом далел?

Ҷавоб 381: Ба ин ҳадис, ки Расули Худо (с) намози бомдодро дар Макка рӯзи 8-ӯми Зулҳиҷҷа хонда ҳангоме, ки офтоб тулӯъ кард ба ҷониби Мино раҳсипор шуданд ва дар Мино намозҳои пешин, аср, шом, хуфтан ва бомдодро хонда, пас ба Арафот раҳсипор шуданд.

Савол 382: Агар аз Макка шаби 7-ӯми Зулҳиҷҷа ба Мино равад, ягон зараре надорад?

Ҷавоб 382: Агар аз Макка шаби 7-ӯми Зулҳиҷҷа ба Мино равад ҳеҷ қабоҳате надорад.

Савол 383: Аз Мино ба сӯи Арафот кай рафтанаш афзал аст?

Ҷавоб 383: Аз Мино ба Арафот низ баъди намози бомдод баъди тулӯъи офтоби рӯзи 9-ӯми Зулҳиҷҷа рафтан афзал аст.

Савол 384: Агар пеш аз намоз ё баъди офтоб баланд шудан хориҷ шавӣ, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 384: Агар пеш аз намоз ё баъди баланд шудани офтоб ба сӯи Арафот раҳсипор шавад ҳеҷ қабоҳате дар он нест.

Савол 385: Дар Мабсут омадааст, ки ҳоҷӣ дар майдони Арафот ҳамроҳи мардум бошад ва аз мардум ҷудо нашавад, сабабаш дар чист?

Ҷавоб 385: Сабабаш ин аст, ки дар байни мардум ва бо ҷамъ дуо кардан зиёда қабул мешавад.

Савол 386: Оё байни ду намоз, пешин ва аср намози нафл бихонад ё не?

Ҷавоб 386: Ягон намози нафл нахонад.

Савол 387: Сабаби нафл нахондан дар байни ин ду намоз, пешин ва аср ё тақдими аср дар чист?

Ҷавоб 387: Сабабаш дар ин аст, ки зеро дар ин рӯз вуқуфи Арафот мақсуд аст, пас барои ҳосил кардани ҳамин мақсуд вақти худро дар нафл ва ғайра ва дигар амал масруф насозад, барои ҳамин мақсад намози аср бар вақти муқаррари худ муқаддам шудааст.

Савол 388: Далели дигари тақдими намози асрро баён кунед?

Ҷавоб 388: Далели дигараш ин аст, ки тақдим намудани аср барои ҳифозати ҷамоат аст, ки намози ҷамоат фавт нашавад, зеро агар намози пешинро бихонад ва мардум дар майдони Арафот пароканда шаванд, пас барои аср ҷамъ кардани онҳо бисёр

душвор мебошад, пас барои ҳамин душворӣ ва ҳосил кардани фазилати ҷамоат намози асрро ба вақти худ муқаддам мекунад ва ҳукми ҷамъ кардани намози пешин ва аср карда шудааст.

Савол 389: Оё эҳром барои ҷамъ байни салотайн (ду намоз) шарт аст ё не?

Ҷавоб 389: Дар назди Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) барои ҷамъи байни салотайн (ду намоз) эҳром шарт аст ва ба назди Имом Зуфар (р.ҳ) танҳо барои аср эҳром шарт аст ва ба назди соҳибайн ба якеи он шарт нест.

Савол 390: Ихтилофи байни Абӯҳанифа, Имом Зуфар ва соҳибайнро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 390: Самараи ихтилоф ин аст, ки ҳар гоҳ (ғайри муҳрим) ҳамроҳи имом намози пешинро адо намуд боз барои ҳаҷ эҳромро баст, пас ба назди имом Абӯҳанифа (р) асрро дар вақти намози пешин адо кардан ҷоиз нест ва ба назди имом Зуфар ҷоиз аст, ҳосил ин ки ба назди соҳибайн ҷавози ҷамъ байни салотайн (ду намоз) дар ҳарду намоз ҳамроҳи эҳром мутааллиқ аст ва ба назди имом Абӯҳанифа эҳроми ба ҷамоат ва имоми муслимин мутааллиқ аст ва ба назди имом Зуфар ин тамоми шурут танҳо барои аср мебошад.

Далели соҳибайн ошкор аст, ки ба назди онҳо барои ҷамъи байни салотайн (ду намоз) ҷамоат шарт нест, балки мунфарид (танҳогузор) низ ин ҳарду намозро ҷамъ мекунад, пас ҳар гоҳ ҷамоат шар нест, пас имом чӣ гуна шарт мешавад.

Савол 391: Оё эҳром барои ҷавози салотайн пеш аз завол зарур аст ё баъди заволи офтоб?

Ҷавоб 391: Соҳиби Ҳидоя мефармояд, ки дар рӯзи Арафа барои ҷавози ҷамъи салотайн ин зарурӣ аст, ки эҳроми ҳаҷ қабл аз заволи офтоб бошад, зеро эҳром барои ҷамъи байни салотайн (ду намоз) шарт аст ва шарт як чизи муқаддам мебошад ва ҷавози ҷамъи салотайн ба заволи офтоб муҳаққақ мешавад. Аз ин ҷиҳат зарур аст, ки эҳромро қабл аз завол баста кунад, ки барои эҳром ба ҷавози ҷамъи салотайн тақаддум ҳосил шавад

Савол 392: Оё хизматгузорон ва роҳбаладоне, ки ҷиҳати хидмати ҳоҷиён машғул ҳастанд, метавонанд аз Мино эҳром бибанданд?

Ҷавоб 392: Оре. Аммо кӯшиш кунанд, ки қабл аз заволи офтоб эҳром бибанданд.

Савол 393: Дар ривояте омадааст, ки эҳромро пеш аз намоз ҳам бибанданд кофӣ аст, ин чӣ хел аст?

Ҷавоб 393: Дар Тасҳил омадааст, ки як ривоят ин аст, ки эҳромро ба завол муқаддам кардан зарурӣ

нест, балки бар намози зуҳр (пешин) муқаддам кардани он кофӣ аст, зеро ки мақсуд намоз аст вақт мақсуд нест, аз ин ҷиҳат бар намоз муқаддам кардан кофӣ аст бар вақти завол муқаддам кардан зарурӣ нест.

Савол 394: Дар мавқеи ҳаҷ дар чанд маҳал ғусл суннат аст?

Ҷавоб 394: Дар мавқеи ҳаҷ дар даҳ маҳал ғусл суннат аст. 1. Эҳром. 2. Духули Макка. 3. Вуқуфи Арафа. 4. Вуқуфи Муздалифа. 5. Тавофи зиёрат. 6. Дар айёми ташриқ. 7. Дар Мино. 8. Ҷамароти сегона. 9. Тавофи садар. 10. Духули ҳарами Мадинаи мунаввара.

Савол 395: Паёмбар (с) дар Арафот дар куҷо истода буд?

Ҷавоб 395: Паёмбар (с) дар наздикии кӯҳи Раҳмат истода буд.

Савол 396: Оё Арафот дар дохили Ҳарам аст ё дар беруни Ҳарам?

Ҷавоб 396: Арафот аз маҳдудаи Ҳарам берун аст.

Савол 397: Оё дар Арафот барои ҳаҷ эҳром бастан ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 397: Дар Арафот эҳром бастан барои ҳаҷ ҷоиз набуда, аммо барои умра ҷоиз аст.

Савол 398: Паёмбар (с) дар бораи Арафот чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 398: Паёмбар (с) дар бораи Арафот чунин гуфтааст: **«Ал-ҳаҷҷу Арафа»** яъне Ҳаҷ Арафот аст.

Савол 399: Барои чӣ дар водии Урана дар Арафот мавқиф накунанд?

Ҷавоб 399: Зеро, Паёмбар (с) дар водии Урана шайтонро дида буданд аз ин ҷиҳат дар ин мақом аз тавaққуф кардан манъ фармуда аст.

Савол 400: Паёмбар (с) дар Арафот рост истода дуо намуданд ё дар ҳоли савор дуо намуданд?

Ҷавоб 400: Паёмбар (с) дар ҳолати савор дуо намуданд.

Савол 401: Оё Паёмбар (с) рӯй ба ҷониби кӯҳ ё ба ҷониби қибла истода дуо намуданд?

Ҷавоб 401: Паёмбар (с) кӯҳи Раҳматро дар байн гирифта тарафи қибла дуо намуданд.

Савол 402: Оё дар Арафот дуо зиёд кунад ё кам?

Ҷавоб 402: Кӯшиш кардан дар дуо суннат аст.

Савол 403: Оё пеш аз вуқуфи Арафа ғусл кунад ё не?

Ҷавоб 403: Қабл аз вуқуфи Арафот ғусл кардан суннат аст ва агар ба вузӯ (таҳорат) иктифо кунад низ ҷоиз аст. (Мисли ғусли пеш аз ҷумъа, идайн ва эҳром).

Савол 404: Оё ҳоҷӣ дар Арафот талбия бигӯяд ё не?

Ҷавоб 404: Оре. Ҳоҷӣ дар Арафот пай дар пай талбия бигӯяд.

Савол 405: Далелаш чист?

Ҷавоб 405: Далели мо ин аст, ки Расули Худо (с) то рамй ҷамраи Ақаба пай дар пай талбия мегуфт. Далели дуввум ин аст, ки дар ҳаҷ талбия ба монанди такбир дар намоз аст ва дар намоз такбир мукаррар мегӯяд то ин ки то охири намоз такбир мегӯяд. Пас, ба ин қиёс карда мешавад ва то охир талбия гуфта мешавад.

Савол 406: Агар касе дар Арафот талбиягӯён дар ҳолати эҳром бимирад чӣ савоб дорад?

Ҷавоб 406: Паёмбар (с) фармуданд: «Сару рӯйи ӯро мапӯшед, зеро ӯ дар рӯзи Қиёмат талбиягӯён аз гур хоҳад бархост!».

Савол 407: Дар фазилати рӯзи Арафот Паёмбари Худо (с) чӣ фармудаанд?

Ҷавоб 407: Расули Худо (с) фармуданд: «Рӯзе бузургтар аз Арафа нест, ки Худованд дар он бандагонеро аз ҷаҳаннам озод кунад ва бе шак Худои таоло наздик мешавад ва дар ҷамъи малоика мубоҳот фармуда мегӯяд, ин мардум дар ин сарзамин чӣ мехоҳанд». Расули Худо (с) фармуд: «Илова аз рӯзи

Бадр ҳеҷ рӯзе шайтон залил, ҳақир ва парешон ва рӯйсиёҳтар намешавад, магар рӯзи Арафа ва ин ба хотири нузули раҳмат ва мазиди афв ва бахшиши раббул оламин аст».

Савол 408: Паёмбар Худо (с) ҳадиси «Маносикҳоятонро аз ман бигиред» дар куҷо гуфт?

Ҷавоб 408: Паёмбари Худо (с) ин ҳадисро дар Арафот гуфтанд.

Савол 409: Беҳтарин дуо дар кадом рӯз аст?

Ҷавоб 409: Беҳтарин дуо дар рӯзи Арафа аст.

Савол 410: Далелаш чист?

Ҷавоб 410: Далелаш ин ҳадиси Паёмбари Худо (с) аст. «Беҳтарин дуо, дуои рӯзи Арафа аст. Беҳтарин чизе, ки ман ва Паёмбарони пеш аз ман гуфтанд, **Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамд ва ҳува ало кулли шайин қадир**» мебошад.

Савол 411: Оё пеш аз ғуруби офтоб ҳоҷӣ метавонад аз Арафот хориҷ шавад?

Ҷавоб 411: Ҳоҷӣ пеш аз ғуруби офтоб аз Арафот хоирҷ шуда наметавонад, агар хориҷ шавад бар вай хун воҷиб мешавад.

Савол 412: Агар ҳоҷӣ дар водии Урана биистад, вуқуфаш сиҳат дорад ё не?

Ҷавоб 412: Агар касе дар водии Урана вуқуф намуд ба Арафот дохил нагардад, вуқуфаш сиҳат пайдо накарда дар натиҷа ҳаҷҷаш ботил аст.

Савол 413: Агар касе пеш аз ғуруби офтоб хориҷ шуд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 413: Вуқуфаш саҳеҳ буда, барои тарки ин воҷиб бар вай хун лозим мегардад.

Савол 414: Касе, ки баъди ғуруби офтоб ба Арафот дохил гардид, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 414: Дар шаб вуқуф менамояд, ин воҷиб аз вай соқит мегардад ва вуқуфаш ба ҷой меояд.

Савол 415: Агар касе барои пайдо кардани рафиқи худ ё ҳоҷие ё кори дигаре пеш аз ғуруби офтоб аз Арафот хориҷ шуда то ғуруб барнамегардад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 415: Агар то ғуруб баргашт ҳеҷ чиз бар вай нест, агар то ғуруб барнагашт бар вай хун лозим мешавад.

Савол 416: Вақти суннатии ҳаракат кардан аз Арафот ба сӯи Муздалифа кадом вақт аст?

Ҷавоб 416: Вақти суннатии ҳаракат кардан аз Арафот ба сӯи Муздалифа ҳудуди аз понздаҳ дақиқа то ним соат баъд аз ғуруби офтоб аст.

Савол 417: Паёмбари Худо (с) ҳангоми аз Арафот ба сӯи Муздалифа ҳаракат кардан дар чӣ савор буданд?

Ҷавоб 417: Паёмбари Худо (с) ҳангоми аз Арафот ба сӯи Муздалифа ҳаракат кардан дар шутураш, ки Қасво ном дошт, савор буданд.

Савол 418: Оё намози шомро дар Арафот адо кунанд?

Ҷавоб 418: Бе адо кардани намози шом мардум аз Арафот ба сӯи Муздалифа равон шаванд.

Савол 419: Сабаб ва далелаш чист, ки баъди ғуруби офтоб аз Арафот ба Муздалифа берун шаванд?

Ҷавоб 419: Далели якумаш ин ки Паёмбари Худо (с) баъди ғуруби офтоб баромаданд. Далели дуюмаш ин, ки дар ин изҳори мухолифати мушрикин аст, зеро мушрикин дар ҷоҳилият қабл аз ғуруби офтоб мебаромаданд.

**Маълумот дар бораи Муздалифа**

Савол 420: Дар Муздалифа ҳоҷӣ дар куҷо истоданаш мустаҳаб аст?

Ҷавоб 420: Дар Муздалифа ҳоҷӣ дар наздикии кӯҳи Қузаҳ истоданаш мустаҳаб аст.

Савол 421: Ба чӣ далел?

Ҷавоб 421: Далелаш ин аст, ки ҳазрати Паёмбар (с) ва ҳазрати Умар (р) назди он кӯҳ истода буданд.

Савол 422: Дар Муздалифа намозҳои шом ва хуфтанро чӣ хел адо кунанд?

Ҷавоб 422: Дар Муздалифа намозҳои шом ва хуфтанро бо имом бо як азону як иқомат адо кунанд.

Савол 423: Далелашро биёред?

Ҷавоб 423: Барои мо далели ривояти ҳазрати Ҷобир (р) аст, ки Паёмбар (с) ҷамъ карда буд, яъне ҳарду намозро (шом ва хуфтан) ро ба як азону як иқомат адо карда буд.

Савол 424: Оё намози хуфтан дар вақташ адо карда мешавад ё муқаддам хонда мешавад?

Ҷавоб 424: Намози хуфтан дар вақташ адо карда мешавад, бар хилофи намози аср дар Арафа, зеро он аз вақташ муқаддам мешавад, зеро дар он ҷо вақти аср дохил нашудааст аз ин ҷиҳат ба мардум хабари зиёдатӣ дар иқомат дода мешавад.

Савол 425: Оё байни ин ду намоз, ягон намози нафле хонад ё не?

Ҷавоб 425: Байни ин ду намоз ягон намози нафл нахонад, зеро ин ба ҷамъ зиён мерасад.

Савол 426: Агар касе нафл хонд ё ба ягон чизи дигаре машғул шавад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 426: Иқоматро аз ҷиҳати воқеъ шудани фасл (ҷудоӣ) иода (такрор) мекунад, зеро ки дар ҷамъ ҷудоӣ воқеъ шуд.

Савол 427: Азонро чӣ, такрор кунад ё не?

Ҷавоб 427: Муносиб ин аст, ки азонро низ иода (такрор) кунад монанде, ки дар Арафот ба ҷудоӣ овардан дар миёни пешин ва аср ба нафл ин ҳукм буд, ки иодаи азонро мекард, аммо иодаи иқомат кофӣ аст.

Савол 428: Оё назди Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) дар Муздалифа барои ҷамъи намозҳои шом ва хуфтан шарт аст ё не?

Ҷавоб 428: Назди Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) дар Муздалифа барои ҷамъи намозҳои шом ва хуфтан шарт нест.

Савол 429: Оё дар Арафот барои намозҳои пешин ва аср ҷамоат шарт аст?

Ҷавоб 429: Дар Арафот барои намозҳои пешин ва аср ҷамоат шарт аст.

Савол 430: Барои чӣ?

Ҷавоб 430: Зеро, ки намози шом аз вақти худ муаххар аст ба хилофи ҷамъи ду намоз дар Арафа, зеро ки дар он ҷо аср аз вақти худ муқаддам буд.

Савол 431: Касе, ки намози шомро дар роҳ байни Арафот ё Муздалифа ё дар Арафот хонад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 431: Ҷоиз нест, то тулӯъи фаҷр (бомдод) он намозро иода кунад.

Савол 432: Имом Абӯюсуф (р.ҳ) дар ин бора чӣ мегӯяд?

Ҷавоб 432: Ӯ мефармояд, ки намоз ҷоиз аст, аммо гунаҳкор мешавад.

Савол 433: Ба кадом далел?

Ҷавоб 433: Ба ин далел, ки Расули Худо (с) ба Усома дар роҳи Муздалифа фармуданд: «Намози ту дар пеш аст, яъне дар Муздалифа». Аз ин маълум шуд, ки таъхир намудани намози шом воҷиб аст.

Савол 434: Агар касе то тулӯъи бомдод ҳарду намозро нахонд ё иода накард, баъди тулӯъи бомдод метавонад иода кунад?

Ҷавоб 434: Агар ҳар гоҳ бомдод тулӯъ кунад, пас ба хотире, ки акнун ҷамъ кардани ҳарду намоз мумкин боқӣ намонд аз ин рӯ баъд аз тулӯъи бомдод иода соқит шуд.

Савол 435: Намозҳои суннати шом, хуфтан ва витрро чӣ хел кунад?

Ҷавоб 435: Баъд аз адои фарзи шом ва фарзи хуфтан, бояд аввал суннати шом баъд аз он суннати

хуфтан ва дар охир намози витри воҷибро адо намояд.

Савол 436: Дар ҷамъи байни намозҳо дар Арафот ва Муздалифа чӣ фарқ аст?

Ҷавоб 436: 1.Ҷамъ байни ду намоз дар Муздалифа воҷиб ва дар Арафот суннат аст. 2. Дар ҷамъи Муздалифа вуҷуди султон ва ё ноиби он шарт нест, дар сурате, ки ин чиз дар ҷамъи Арафот шарт аст. 3. Дар ҷамъи Муздалифа хутба шарт нест, вале дар ҷамъи Арафот шарт аст. 4. Дар ҷамъи Муздалифа як азон ва як иқомат аст, вале дар ҷамъи Арафот як азону ду иқомат аст.

Савол 437: Даҳуми Зулҳиҷҷа, яъне рӯзи ид намози бомдодро кай адо кардан хубтар аст?

Ҷавоб 437: Ҳар гоҳ рӯзи ид субҳ шуд, имом намозро ба мардум дар торикӣ хонад.

Савол 438: Далелаш чист, ки дар торикӣ адо намояд?

Ҷавоб 438: Далели ривояти ҳазрати Абдуллоҳ ибни Масъуд аст, ки Расули Худо (с) дар он рӯз намози бомдодро дар торикӣ адо карда буданд.

Савол 439: Боз кадом далел аст?

Ҷавоб 439: Далели дигар ин аст, ки намози бомдодро дар торикӣ адо кардан барои вуқуфи Муздалифа аст, монанде ки дар Арафот барои вуқуф

намози асрро аз вақти худ муқаддам карда мешавад. Пас, ҳар гоҳ барои вуқуфи Арафот намози аср аз вақти худ муқаддам карда мешавад, пас дар Муздалифа барои вуқуф намози бомдодро аз вақти муайяни худ ба тариқи авло муқаддам карда мешавад ва ин ҷоиз аст.

Савол 440: Вуқуф дар Машъару-л-Ҳаром ва ё Муздалифа воҷиб аст ё суннат?

Ҷавоб 440: Вуқуф дар Машъару-л-Ҳаром ва ё Муздалифа баъд аз фаҷри (бомдоди) рӯзи даҳум аз воҷибот мебошад. Аммо хоб кардан дар Муздалифа суннати муаккада аст.

Савол 441: Касе, ки бе узр ин вуқуфро тарк кунад, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 441: Касоне, ки бе узр қабл аз бомдод аз Муздалифа хориҷ мешаванд, бар онҳо дам (хун) лозим мегардад.

Савол 442: Барои кадом шахсон қабл аз тулӯъи бомдод хориҷ шудан аз Муздалифа ҷавоз дорад?

Ҷавоб 442: Хориҷ шудан аз Муздалифа қабл аз бомдод барои шахсони узрдошта аз қабили шахсони мариз, пир, кӯр, ланг ва занҳое, ки аз издиҳоми ҳоҷиён хавфи азият шуданро дошта мехоҳанд худ санг бизананд, ҷавоз дошта бар онҳо чизе лозим намегардад.

Савол 443: Оё агар ин ашхоси номбурда пеш аз тулӯъи офтоб, ки аз Муздалифа хориҷ мешаванд, метавонанд рост рафта санг зананд?

Ҷавоб 443: На, наметавонанд, зеро вақти задани ҷамраи Ақаба баъд аз тулӯъи офтоб аст.

Савол 444: Агар рафту дар шаб ё қабл аз тулӯъи офтоб санг зананд, чӣ мешавад?

Ҷавоб 444: Онҳо бояд баъд аз тулӯъи офтоб дубора рамӣ намоянд, вагарна бар онҳо хун лозим мегардад.

Савол 445: Далелаш чист?

Ҷавоб 445: Далели мо ин аст, ки Расули Худо (с) заъифони аҳли худро дар шаб ба Мино фиристода буд ва ин ҳукмро барояшон карда буд, ки рамӣ ҷамраи Ақабаро накунанд то ин, ки офтоб тулӯъ намояд.

Савол 446: Вуқуф дар куҷои Муздалифа ҷоиз нест?

Ҷавоб 446: Дар водии Муҳассар, ки дар ғарбии Муздалифа ба тарафи Мино аст, вуқуф ҷоиз нест.

Савол 447: Аз Муздалифа кай ба Мино раванд?

Ҷавоб 447: Ҳар гоҳ офтоби рӯзи Наҳр (ид) тулӯъ намояд, мардум ба Мино равон шаванд.

Савол 448: Баъзе китобҳо мегӯянд, пеш аз тулӯъи офтоб низ ба Мино хориҷ шудан, ҷавоз дорад?

Ҷавоб 448: Пеш аз тулӯъи офтоб низ аз Муздалифа хориҷ шудан ҳеҷ боке надорад.

**Маълумот дар бораи сангзанӣ**

Савол 449: Дар ҳолати санг задан чӣ бигӯяд?

Ҷавоб 449: Дар ҳолати санг задан, дар партоб кардани ҳар санг Аллоҳу акбар бигӯяд.

Савол 450: Оё ба ҷои Аллоҳу акбар ягон зикри дигар бигӯяд, мешавад?

Ҷавоб 450: Бале. Агар ба ҷои такбир тасбеҳ бигӯяд саҳеҳ аст, зеро ки зикри Аллоҳ ҳосил шуд ва зикри Аллоҳ аз одоби рамй аст.

Савол 451: Талбияро кай бас кунад?

Ҷавоб 451: Ба аввалин сангрезае, ки мезанад, талбияро хатм кунад.

Савол 452: Оё ба задани ҷамраи Ақаба биистад ё не?

Ҷавоб 452: Назди ҷамраи Ақаба наистад, зеро Паёмбар (с) наистода буд.

Савол 453: Дар миёни рамикунанда (сангзананда) ва ҷои афтидани сангреза чанд фосила бошад?

Ҷавоб 453: Ҳасан аз Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) ривоят кардааст, ки миёни сангзананда ва ҷои афтидани санг 5-газ бошад.

Савол 454: Агар сангрезаро партоб кард дар наздикии ҷамра (ҷои сангзанӣ) афтод, чӣ мешавад?

Ҷавоб 454: Агар санг партоб кард ва ба наздикии ҷамра афтид, пас  барои ӯ кофӣ аст.

Савол 455: Агар сангреза аз ҷамра дур афтид оё ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 455: Агар сангреза аз ҷамра дур афтид ҷоиз нест.

Савол 456: Агар касе ба як задан ҳафт сангрезаро партоб кунад, чанд бор ҳисоб мешавад?

Ҷавоб 456: Агар дар як дафъа ҳафт сангрезаро зад, ин як мартаба задан ҳисоб мешавад.

Савол 457: Ҷамраи Ақаба дар кадом тарафи Мино ҷойгир аст?

Ҷавоб 457: Ҷамраи Ақаба охирин ҷамра аз тарафи Мино ҷойгир аст.

Савол 458: Бо сангчае, ки як бор ҷамра зада шуда бошад, мешавад бори дуввум санг зад?

Ҷавоб 458: Не, намешавад бори дуввум зад.

Савол 459: Сангчаро аз ҳар ҷое, ки гирифта шудааст аз Мино оё ҷавоз дорад бо он ҷамра зад?

Ҷавоб 459: Оре ҷоиз аст, аммо мустаҳаб ва беҳтар он аст, ки аз Муздалифа бошад.

Савол 460: Тариқаи маснунаи (суннатии) санг задан, чӣ хел аст?

Ҷавоб 460: Тариқаи маснунаи санг задан ин аст, ки шахс тавре биистад, ки Мино дар тарафи рост ва Каъбаи муаззама дар тарафи чапаш қарор гирад.

Савол 461: Агар дар ҳолати санг задан рӯ ба Каъба ва ё пушт ба Каъба ё Каъба дар тарафи росташ бошад оё ҷавоз дорад?

Ҷавоб 461: Бале, ҳеҷ боке надошта ҷоиз аст.

Савол 462: Баъди санг задани ҷамраи якум ва дуюм чӣ бояд кард?

Ҷавоб 462: Мустаҳаб аст, ки баъд аз рамйи комили ҳар ҷамра рӯи худро ба тарафи қибла намуда дуо намояд.

Савол 463: Вақти суннатии ҷамраи Ақаба кай мебошад?

Ҷавоб 463: Вақти маснунаи задани ҷамраи Ақаба дар рӯзи аввали ид аз тулӯъи офтоб то заволи он мебошад.

Савол 464: Оё задани ҷамраи Ақаба баъд аз заволи офтоб ё то қабл аз тулӯъи фаҷри (бомдоди) рӯзи дуввуми ид, ҷавоз дорад ё не?

Ҷавоб 464: Задани ҷамраи Ақаба баъд аз заволи офтоб ва то қабл аз тулӯъи бомдоди рӯзи дуввуми ид бо кароҳат ҷавоз дорад.

Савол 465: Агар фаҷри (бомдоди) рӯзи дуввуми ид тулӯъ кард, вале ҳоҷӣ ҳанӯз ҷамраи Ақабаро рамй накардааст, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 465: Агар фаҷри (бомдоди) рӯзи дуввуми ид тулӯъ карда ва ҳоҷӣ ҳанӯз рамйи ҷамраи Ақабаро анҷом надода бошад, бар вай дам (хун) ва қазо лозим мегардад.

Савол 466: Замони маснунаи задани ҷамраҳо дар рӯзи дуввум ва севвуми ид кадом вақт аст?

Ҷавоб 466: Вақти маснунаи задани ҷамраҳо дар рӯзи дуввум ва севвуми ид аз завол то ғуруби офтоби ҳамон рӯз аст.

Савол 467: Оё задани ҷамраҳо то қабл аз тулӯъи фаҷри рӯзи баъдӣ ҷавоз дорад ё не?

Ҷавоб 467: Задани ҷамраҳо то қабл аз тулӯъи фаҷри (бомдоди) рӯзи баъдӣ бо кароҳат ҷавоз дорад.

Савол 468: Агар фаҷри (бомдоди) рӯзи сеюм (баъдӣ) тулӯъ намуда ва ҳанӯз ҷамраҳоро назада буд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 468: Агар фаҷри (бомдоди) рӯзи баъдӣ (сеюм) тулӯъ намуда ва ҳанӯз ҷамраҳоро назадааст, бар вай дам (хун) ва қазо лозим мегардад.

Савол 469: Агар касе қасди сафар дошта бошад, метавонад пеш аз заволи рӯзи сеюм ҷамраҳоро бизанад?

Ҷавоб 469: Агар касе қасди сафарро дошта бошад, тибқи назари Имом Абӯҳанифа (р.ҳ) метавонад дар рӯзи саввуми ид қабл аз зуҳр (пешин) ҷамраҳоро бизанад ва сафар намояд.

Савол 470: Оё ба ғайр аз санг ба чизи дигаре задани ҷамраҳо ҷоиз аст?

Ҷавоб 470: Ба назди мо ба ҳар он чиз, ки аз ҷинси замин бошад ҷоиз аст. Агар кулӯх бошад ё гили хушк бошад ё сангреза.

Савол 471: Нафароне ҳастанд, ки бо пояфзол, чатр, дастпӯшак ва дигар ашё рамӣ мекунанд, оё ин ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 471: На, ин ҷоиз нест, зеро ин мухолифи суннат мебошад. Паёмбар (с) ин амалҳоро анҷом надодааст.

Савол 472: Боз нафароне ҳастанд, ки дар вақти сангзанӣ суханони қабеҳ ба забон меронанд, оё ин ҷоиз аст?

Ҷавоб 472: На, ҷоиз нест. Дар вақти сангзанӣ Аллоҳу акбар мегӯянд.

Савол 473: Ҷамарот чиро мегӯянд?

Ҷавоб 473: Мурод аз Ҷамра (Ҷамарот) ҳамон маҳаллӣ сангрезаҳо мебошад.

Савол 474: Оё ҷамаротро метавонем шайтон бигӯем?

Ҷавоб 474: Ҷамаротро шайтон гуфтан дуруст нест.

Савол 475: Оё ҷамаротро метавонем дар ҳоли савора санг бизанем?

Ҷавоб 475: Оре, метавонем савора бошем, зеро Паёмбари Худо (с) дар рӯзи Наҳр (ид) аз болои ноқаи (шутур) худ санг партоб карда буд.

Савол 476: Асбоби ҳалол шудан чӣ аст?

Ҷавоб 476: Асбоби ҳалол шудан ҳалқ (сар тарошидан ё кӯтоҳ) кардан аст.

Савол 477: Ҳалол шудан чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 477: Аз эҳром хориҷ шуданро ҳалол шудан мегӯянд.

Савол 478: Муҳсар (одаме, ки дар муҳосира аст) кай ҳалол мешавад?

Ҷавоб 478: Муҳсар дар қурбонӣ кардан ҳалол мешавад.

Савол 479: Агар касе мӯи сар надорад, чӣ кор кунад?

Ҷавоб 479: Агар касе мӯи сар надорад, пас бар вай воҷиб аст, ки болои сараш асбоби сартароширо кашад (давонад).

Савол 480: Мақсади сар тарошидан дар чист?

Ҷавоб 480: Мақсуд пок кардани бадан ва чиркро дур кардан аст, барои ҳамин сар тарошидан аз кӯтоҳ кардан афзал аст. Дар кӯтоҳ кардани мӯй покӣ

мукаммал намешавад, пас ин мушобеҳ ба ғусл ва таҳорат шуд.

Савол 481: Кӯтоҳ кардани мӯй чӣ миқдор аст?

Ҷавоб 481: Кӯтоҳ кардани мӯй ба миқдори сари ангуштони худ аст.

Савол 482: Оё баъди ҳалқ ҳама чиз ба ӯ ҳалол шудааст?

Ҷавоб 482: Ғайр аз зан ҳама чиз ҳалол мешавад.

Савол 483: Зан кай ба муҳрим ҳалол мешавад?

Ҷавоб 483: Зан баъди тавофи зиёрат ҳалол мешавад.

Савол 484: Аввали вақти тавофи зиёрат кай шурӯъ мешавад?

Ҷавоб 484: Аввали вақти тавофи зиёрат пас аз тулӯъи субҳи явми наҳр (рӯзи наҳр) шурӯъ мешавад.

Савол 485: Оё метавонем пеш аз тулӯъи субҳи рӯзи наҳр тавофи зиёрат кунем?

Ҷавоб 485: На, наметавонем, зеро ки қабл аз тулӯъи субҳ вақти шаб вақти вуқуфи Арафа аст, яъне баъд аз вақти вуқуф вақти тавоф аст.

Савол 486: Оё қурбонӣ ва тавоф дар рӯзи аввал афзал аст?

Ҷавоб 486: Албатта дар рӯзи аввал тавофи зиёрат беҳтар аст, чунончи дар рӯзи аввал барои қурбонӣ афзал аст.

Савол 487: Касе, ки дар рӯзи якум ва дуюм қурбонӣ ва тавоф накард, чӣ мешавад?

Ҷавоб 487: Ҳеҷ боке надорад. Қурбонӣ ва тавофи зиёратро метавонад то ғуруби офтоби рӯзи сеюм анҷом диҳад.

Савол 488: Агар тавофро то ғуруби офтоби рӯзи сеюм натавонист, чӣ мешавад?

Ҷавоб 488: Метавонад тавофро баъд аз ғуруб анҷом диҳад, аммо хун бар гарданаш воҷиб мешавад ба ҷиҳати таъхири вақт.

Савол 489: Оё дар тавофи зиёрат амали рамалро анҷом диҳад ё не?

Ҷавоб 489: Агар дар тавофи қудум саъй карда бошад бар ӯ рамал нест. Масъала ин аст, ки ҳар гоҳ ҳоҷӣ пас аз тавофи қудум ё тавофи нафлӣ дар миёни Сафо ва Марва саъй карда бошад, пас дар тавофи зиёрат рамал накунад ва баъд аз ин саъй воҷиб нест.

Савол 490: Рамал чанд бор машрӯъ шудааст?

Ҷавоб 490: Рамал як бор дар тавофе машрӯъ шудааст, ки баъд аз он саъй бошад.

Савол 491: Баъди тавофҳои фарзӣ, суннатӣ ё нафлӣ бо чӣ хатм кунем?

Ҷавоб 491: Баъди ин тавофҳо бо ду ракъат намоз хатм мекунем.

Савол 492: Тавофи фарзӣ ба кадом оят фарз шудааст?

Ҷавоб 492: Тавофи зиёрат ба ин оят фарз шудааст: **«Валяттаввафу бил байтил атиқ»**

Савол 493: Баъди задани ҷамраи якум ва дуюм чӣ кор кунад?

Ҷавоб 493: Баъди ҷамраи хурд ва миёна истода шавад ва даст боло карда ҳамду санои аллоҳ таоло такбиру таҳлил ва ба Паёмбар (с) дуруд мегӯяду дуо мекунад.

Савол 494: Оё барои тамоми мусулмонон ва хешу табор дуои мағфиратро талаб кунад?

Ҷавоб 494: Бале, зеро ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ё Аллоҳ бахшиш бикун ба ҳоҷӣ ва барои он касе, ки бахшиш талаб кунад барои ҳоҷӣ.» Аз ин ҳадис маълум шуд, ки ҳоҷӣ барои дигарон низ дуои мағфиратро мекунад. **(Аллоҳумма-ғ-фир лилҳоҷҷи ва лиман истағфара лаҳул-л-ҳоҷҷу).**

Савол 495: Барои чӣ баъди ҷамароти сеюм намеистанд?

Ҷавоб 495: Қоида чунин аст, ки ҳар он рамие, ки баъд аз он рамии дигаре бошад, пас меистанд, зеро ин шахс акнун дар миёни ибодат аст аз ин ҷиҳат дар миёни он дуо низ мекунад, агар дигар рамӣ набошад наистад, зеро акнун ибодат хатм шудааст.

Савол 496: Нафари (рафтани) аввал ва сониро (дуюмро) чӣ хел бифаҳмем?

Ҷавоб 496: Агар касе ба Макка аз Мино дувоздаҳуми зулҳиҷҷа равон шавад инро нафари (рафтани) аввал мегӯянд ва агар дар сездаҳуми зулҳиҷҷа раванд инро нафари (рафтани) сонӣ мегӯянд. (нафар, яъне рафтан).

Савол 497: Далели Қуръонии инро биёред?

Ҷавоб 497: **«фаман тааҷҷала фӣ явмайни фало исма алайҳи ва ман тааххара фало исма алайҳи лимани-т-тақо»** «касе, ки аҷала мекунад ба рӯзи дуввум пас нест гуноҳ бар вай ва касе, ки таъхир (таваққуф) мекунад, пас нест гуноҳ бар вай.

Савол 498: Пас кадомаш беҳтар аст дувоздаҳум ё сездаҳуми зулҳиҷҷа?

Ҷавоб 498: Беҳтар ин аст, ки сездаҳуми зулҳиҷҷа дар мино таваққуф намояд, зеро Паёмбар (с) дар ин қиём намуда буд то ин ки ба рӯзи чаҳорум, яъне рӯзи сездаҳуми зулҳиҷҷа рамй ҳар се ҷамаротро адо намуд.

Савол 499: Оё дар рӯзи сездаҳуми зулҳиҷҷа қабл аз заволи офтоб рамй ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 499: Дар мазҳаби имом Абӯҳанифа (р.ҳ) қабл аз завол ҷоиз аст ва ин истеҳсон аст.

Савол 500: Оё задани ҷамраи Ақаба дар рӯзи Наҳр баъди тулӯъи фаҷр беҳтар аст ё баъди тулӯъи офтоб?

Ҷавоб 500: Назди мо рамӣ Ақабаи рӯзи наҳр баъди тулӯъи фаҷр ҷоиз аст. Ба далели ин ҳадиси Паёмбар (с), ки фармуданд: «Рамӣ накунед магар дар ҳоле, ки субҳ карда бошед» Аммо баъд аз тулӯъи офтоб афзал аст.

Савол 501: Оё дар шаб рамӣ ҷоиз аст?

Ҷавоб 501: Дар ҳадис омадааст, ки Паёмбари Худо (с) чӯпононро дар шаб рухсат дода буд. Ин дар мазҳаби Шофеъӣ ҷоиз аст.

Савол 502: Агар рафту дар рӯз рамйи Ақабаро натавонист, ки бизанад ва шаб онро зад, оё ба ӯ хун воҷиб мешавад ё не?

Ҷавоб 502: Агар дар рӯзи Наҳр рамй накард то ин ки шаб шуд, пас дар шаб рамй кунад ва бар вай чизе аз хун ва ғайра воҷиб нест. Далелаш ин ҳадис аст, ки бар чӯпонон иҷозати рамйиро дар шаб дода шуда буд.

Савол 503: Шабҳо дар Мино хоб кардан чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 503: Шабҳо хоб кардан дар Мино назди мо суннат аст.

Савол 504: Ба кадом далел суннат аст?

Ҷавоб 504: Далелаш ин аст, ки Расули Худо (с) шабҳои рамйиро дар Мино мегузаронд, агар як ҳоҷӣ дар Мино қиёмро тарк мекард ҳазрати Умар (р) ӯро адаб мекард.

Савол 505: Агар рафту ҳоҷӣ шабро дар дигар ҷой на дар Мино гузаронд, чӣ мешавад?

Ҷавоб 505: Агар ҳоҷӣ шабро дар дигар ҷой гузаронид дар назди мо бар вай хун ва ғайра воҷиб намешавад. Албатта ба назди имом Шофеӣ хун воҷиб мешавад.

Савол 506: Сабаби хоб кардан дар Мино чист?

Ҷавоб 506: Назди мо сабабаш ин аст, ки барои ӯ рамй осон шавад.

Савол 507: Аз Мино ба Макка равон шудан дар куҷо таваққуф намоянд?

Ҷавоб 507: Ҳар гоҳ ба Макка равон шаванд, пас дар мақоми Муҳассаб таваққуф намоянд, номи дигараш мақоми Абтаҳ аст.

Савол 508: Далелаш чист, ки дар Муҳассаб таваққуф намоянд?

Ҷавоб 508: Ба ин ривоят таваққуф кардан дар Муҳассаб суннат аст, ки Расули Худо (с) фармуда буданд: «Мо фардо дар мақоми Хииф таваққуф менамоем» ин таваққуф ба монанди рамал кардан суннат аст.

Савол 509: Сабаб ва таърихи таваққуфи Муҳассабро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 509: Муҳассаб дар миёни Макка ва Мино, номи мақоми регзоре аст, ин мақом нисбат ба Макка ба Мино наздиктар аст. Мақоми таърихии ин мақом ин аст, ки ҳар гоҳ Паёмбари Худо (с) ба паёмбарӣ мабъус шуд ҳукми бутлони ширкро кард, пас тамоми қабилаҳои Қурайш дар мақоми Муҳассаб ҷамъ шуданд ва ҳамаашон ба ин сухан қасамҳо хӯрданд, ки ваъда медиҳанд ки ҳамроҳи хонадони нубувват, яъне банӣ Ҳошим ва банӣ Мутталиб тааллуқоташонро қатъ намоянд, на ҳамроҳи онҳо хариду фурӯш кунанд ва на ҳамроҳашон хурду нӯш кунанд.

Билохира Абӯтолиб ҳамаи мусулмонон ва банӣ Ҳошимро гирифта ва ба ин кӯҳ рафтанд ва мушрикин муоҳадаро (аҳд) таҳрир намуданд ва дар хонаи Каъба овезон карданд ва се сол ба ин минвол сипарӣ шуд ва ба банӣ Ҳошим таклифҳои зиёде расид. Паёмбари Худо (с) тавассути ваҳй иттилоъ ёфт ва ба мардум хабар дод, ки навиштаҷоти муоҳадаро (шартномаро) кирмҳо хӯрдааст ва танҳо дар он номи Аллоҳ таоло боқӣ монда аст. Абӯтолиб ин хабарро ба куффори Қурайш дод, пас онҳо ба қаҳр омаданду гуфтанд, агар ин сухан рост бошад мо ҳамроҳатон робитаҳоро барқарор менамоем. Абӯтолиб бар эшон гуфт, агар

чунин нашуда бошад, пас мо ба шумо Муҳаммадро ҳавола мекунем. Пас сардорони Қурайш ҷамъ шуданд ва дари хонаи Каъбаро кушуданд. Ҳар гоҳ шартномаро диданд, пас суханони Паёмбар (с) дуруст баромад ва мушрикин бисёр ҳайрон шуданд, ва мушрикин ваъдаашонро собит намуда бо ҳамроҳии банӣ Ҳошим сулҳро барқарор намуданд. Баъди ҳукумати исломӣ бар сари ҳукумат омадан Паёмбар (с) дар Мино ҳангоми ҳаҷ ба асҳоби худ фармуд, ки мо фардо дар Хиифи банӣ Канона таваққуф мекунем ин ба мушрикин нишон дод, ки дирӯз ин ҷо шумо будед ва имрӯз мо ва ин суннат шуд.

Савол 510: Паёмбар (с) нисбати пурфазл ва пурбаракаттарин рӯзҳои сол, кадом рӯзҳоро гуфтаанд?

Ҷавоб 510: Паёмбар (с) фармудааст: «Амали солеҳи ҳеҷ айёме ба андозаи амали ин рӯзҳо, яъне даҳ рӯзи аввали зулҳиҷҷа назди Худо маҳбуб ва писандида нест. Гуфтанд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Худо!? Фармуд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Худо, ҷуз фарде, ки худ бо сарваташ ба ҷиҳод дар роҳи Худо биравад ва сипас чизе аз онро барнагардонад»

Савол 511: Оё дар тавофи видоъ рамал ҳаст?

Ҷавоб 511: Дар тавофи видоъ рамал нест.

Савол 512: Тавофи видоъ воҷиб аст ё суннат?

Ҷавоб 512: Тавофи видоъ назди мо воҷиб аст.

Савол 513: Далелаш чист?

Ҷавоб 513: Далелаш ин ҳадиси Паёмбар (с) мебошад. «Касе, ки ҳаҷҷи Байтуллоҳро анҷом дод, пас лозим аст амали охири ӯ тавофи Байтуллоҳ бошад».

Савол 514: Касе, ки бе узр тарки тавофи видоъ намуд, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 514: Касе, ки бе узр тарки тавофи видоъ намуд бар гарданаш хун воҷиб мешавад.

Савол 515: Тарки тавофи видоъ барои занҳои ҳоиза ё нифос, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 515: Барои занҳои ҳоиза рухсати тарк кардани онро дода аст, яъне хун воҷиб намешавад.

Савол 516: Оё бар аҳли Макка тавофи қудум ё тавофи видоъ ҳаст?

Ҷавоб 516: Бар аҳли Макка ин тавофҳо воҷиб нест, зеро онҳо на аз ин ҷо мераванд ва на рухсат мешаванд.

Савол 517: Оё пас аз ин, тавоф ҳам ду ракъат намоз бихонад ё не?

Ҷавоб 517: Оре,  пас аз тавоф ду ракъат намоз бихонад. Ба ин далел, ки ҳар тавоф ба ду ракъат хоҳ фарз  бошад хоҳ нафл хатм мешавад.

Савол 518: Оё касе пешаки тавофи нафлие карда бошад, ва тавофи нафлӣ ҷойгузини ин тавофи видоъ мешавад ё не?

Ҷавоб 518: Касе дар давоми истиқоматаш тавофи нафлие анҷом дода бошад, ҷойгузини ин тавоф мешавад ва ҳеҷ чизе ба ӯ хун воҷиб намешавад.

Савол 519: Часпидан ба Мултазам суннат аст ё мустаҳаб?

Ҷавоб 519: Мустаҳаб аст, ки ба Мултазам биёяд сина ва рӯи худро ба он бичаспонад, зеро Паёмбар (с) ин амалро анҷом дода буд.

Савол 520: Агар муҳрим бе дохил шудани Макка (Каъба) ба Арафот равад, пас тавофи қудумаш чӣ мешавад?

Ҷавоб 520: Тавофи қудум аз гарданаш соқит мешавад ва ба тарк кардани тавофи қудум бар вай хун ва ғайра воҷиб намешавад, зеро ки тавофи қудум суннат аст ва ба тарк кардани суннат чизе пурракунандаи нуқсон воҷиб намешавад.

Савол 521: Вақти вуқуфи Арафа кай аст?

Ҷавоб 521: Дар назди мо вақти вуқуфи Арафа баъд аз заволи офтоб шурӯъ шуда, пас ҳар гоҳ як ҳоҷӣ баъд аз заволи офтоб то тулӯъи фаҷри (бомдоди) рӯзи Наҳр (ид) дар кадом вақте, ки вуқуф кард, пас ҳаҷҷи ӯ адо шуд.

Савол 522: Ба кадом далел?

Ҷавоб 522: Ба ин ҳадиси Паёмбар (с), ки фармуданд: «Касе, ки дар шаб вуқуфи Арафотро дарёфт ӯ ҳаҷро дарёфт ва касе, ки дар шаб вуқуфи Арафотро дарёфт накард, пас аз ӯ ҳаҷ фавт шуд». Аз ин ҳадис маълум шуд, ки вақти вуқуфи Арафот пас аз завол шурӯъ мешавад ва то тулӯъи субҳи рӯзи Наҳр (ид) давом меёбад.

Савол 523: Агар касе дар ҳолати хоб ё беҳушӣ ё надонад, ки ҷои гузаштанаш Арафот аст, гузарад оё вуқуфаш сиҳат дорад ё не?

Ҷавоб 523: Бале. Дар ин суратҳо вуқуфи Арафот адо шуд, зеро ки вуқуфи Арафот рукни ҳаҷ аст ва он мавҷуд шуд.

Савол 524: Агар касе беҳуш аст оё каси дигар метавонад ӯро эҳром бипӯшонад?

Ҷавоб 524: Бале, метавонад каси дигар ӯро эҳром пӯшонад ва ба ҷои ӯ талбия бигӯяд.

Савол 525: Барои чӣ занон ҳалқ (сар тарошидан) накунанд, балки қаср мекунанд?

Ҷавоб 525: Паёмбари Худо (с) занонро аз тарошидани сар манъ намуданд ва ҳукми қасрро ба эшон фармудааст. Далели дуввум ин аст, ки дар ҳаққи занон сар тарошидан мусла аст, яъне то ҳадди мамнуъ хароб кардани шакл аст.

Савол 526: Сабаб дар чист, ки занҳо либоси дӯхташуда мепӯшанд?

Ҷавоб 526: Зан дар ҳолати эҳром либоси дӯхташударо бипӯшад, зеро ки дар пӯшидани либоси нодӯхташуда ошкор шудани аврат аст ва ошкор кардани аврат дар шариат мамнуъ аст.

Савол 527: Агар касе ҳукм кард, ки агар ман беҳуш шудам ё ба хоб равам аз ҷониби ман эҳром банд, оё ин ҷоиз аст?

Ҷавоб 527: Бале, ҷоиз аст.

Савол 528: Эҳроми зан дар куҷояш аст?

Ҷавоб 528: Эҳроми зан дар рӯяш мебошад, зеро ки дар ҳадис омадааст, ки эҳроми зан дар рӯи ӯ аст. Албатта ин, ки ҳар гоҳ зан болои рӯи худ тикка ё чизи дигареро овезон кард ва онро аз рӯй ҷудо нигоҳ кард, пас ҷоиз аст.

**Маълумот дар бораи ҳадй**

Савол 529: Агар шахсе ба гардани ҳайвоне қаллода (гарданбанд) андохт ва аз паси он ба Макка равон шуд ва иродаи ҳаҷ дошт оё ӯ муҳрим мешавад?

Ҷавоб 529: Бале ӯ муҳрим мешавад, агарчанде ба забон талбия гуфта бошад ё нагуфта бошад.

Савол 530: Агар шахсе бар гардани ҳайвони қурбонӣ қаллода андохту онро ба Макка фиристод,

вале худаш ҳамроҳи он ҳайвон нарафт, оё муҳрим мегардад?

Ҷавоб 530: Дар ин ҳолат ӯ муҳрим намегардад.

Савол 531: Ба кадом далел чунин аст?

Ҷавоб 531: Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки фармуданд: «Ман ба ҳадяи Расули Худо (с) қаллодаро меандохтам, пас Расули Худо (с) ҳадяро фиристод ва худи эшон дар хонаи худ дар ҳолати ҳалол боқӣ монд». Аз ин маълум шуд, ки барои муҳрим фиристодани ҳадя кофӣ нест, балки онро ҳамроҳи худаш бурдан зарур аст.

Савол 532: Ба кадом намуди ҳайвонот қаллода меандозанд?

Ҷавоб 532: Қаллода ба шутур ва гов меандозанд.

Савол 533: Қаллода чиро мегӯянд?

Ҷавоб 533: Қаллода гарданбанде (нишона) аст, ки онро ба хуни он ранг карда ва бо хуни он кӯҳонашро олуда гардонад. Бояд онро на соҳиби ҳадя ва на сарватмандон нахӯранд. Сабаби ранг кардани қаллода ин аст, ки одамон аз ҳадя будани он огоҳ шаванд. Пас, гӯшти онро бояд камбағалон бихӯранд.

Савол 534: Дар кадом намуд ҳадяҳо қаллода баста мешавад?

Ҷавоб 534: Бояд дар гардани ҳадяи нафлӣ, таматтӯъ ва қирон қаллода бандад.

Савол 535: Барои чӣ?

Ҷавоб 535: Зеро ин ҳадяҳои ибодат аст. Ва дар қаллода бастан изҳор ва шуҳрати он мешавад. Пас, қаллода бастан лоиқи он аст.

Савол 536: Оё дар гардани ҳадяҳое, ки барои эҳсор ва ё ҷиноятанд, қаллода баста мешавад ё не?

Ҷавоб 536: Дар гардани ҳадяе, ки барои эҳсор ва ҷиноятанд, бояд қаллода баста нашавад.

Савол 537: Барои чӣ қаллода баста намешавад?

Ҷавоб 537: Зеро сабаби вуҷуби он ҷиноят аст. Пас, махфӣ доштан ба он лоиқ мебошад. Ва хуни эҳсор барои ҷуброни нуқсон ва мисли он хунҳоест, ки барои ҷуброни нуқсон воҷиб мешаванд.

Савол 538: Қурбонӣ кардани як шутур ё як гов ба чанд нафар кофӣ аст?

Ҷавоб 538: Як шутур ё як гов барои ҳафт нафар кофӣ аст, яъне як шутур ё гов аз ҷониби ҳафт нафар ҳисоб мешавад. Агар ҳафт нафар дар як шутур ё як гов шарик шаванд, қурбонӣ саҳеҳ мегардад.

Савол 539: Нисбати наҳр ва забҳ маълумот диҳед?

Ҷавоб 539: Шутурро наҳр кардан афзал аст, вале гӯсфанд ва говро забҳ кардан.

Савол 540: Далелаш чист?

Ҷавоб 540: Далелаш ин аст, ки Худои Мутаъол фармудааст: **«Фа салли лираббика ванҳар»**, яъне

**«Намоз бихон барои Парвардигорат ва наҳр бикун».** Ва дар таъвили он гуфта шудааст, ки: «Муроди он шутур аст». Ҳамчунин Ҳақ Таъоло фармудааст: **«Гове забҳ кунед»** ва низ фармудааст: **«Иброҳим (а)-ро иваз додам ба зибҳи азим».** Ва зибҳ бо каср (-и зол, ҳаракати «зер») чизест, ки омода бошад барои забҳ. Ба нақли саҳеҳ омадааст, ки Паёмбар (с) шутурро наҳр ва гов ва гӯсфандро забҳ намуданд.

Савол 541: Шутурро чӣ хел наҳр мекунанд?

Ҷавоб 541: Бояд донист, ки соҳиби ҳадя агар хоҳад шутурро наҳр кунад бо ин тавр ки шутурро истода дорад ва дасти чапи онро бандад ва онро наҳр бикунад. Агар бихоҳад онро наҳр бикунад бо ин тавр ки биғалтонад ва наҳр намояд. Ва ин ҳар ду хуб аст. Аммо таври аввал афзал мебошад.

Савол 542: Оё гову гӯсфандро низ дар ҳолати рост истоданашон забҳ кардан мумкин аст ё не?

Ҷавоб 542: Гову гӯсфанд дар ҳолати рост истоданашон забҳ карда намешаванд, зеро дар ҳолати ғалтондан гулу, ки мавзеи забҳ аст, возеҳ ва равшан мешавад. Ҳамчунин забҳ дар ҳолати ғалтондан нисбати ҳолати қиём осонтар аст. Ҳамчунин забҳи гов ва ё гӯсфанд суннат мебошад.

Савол 543: Ҳадяро соҳиби ҳадя худаш кушад афзал аст ё нафари дигар?

Ҷавоб 543: Агар соҳиби ҳадя худаш накӯ забҳ карда тавонад, авло аст, ки худаш забҳ кунад. Зеро мувофиқи ривоят Паёмбар (с) дар ҳаҷи видоъ сад ҳадя равон карда буданду зиёда аз шаст сари онро худашон забҳ карданд ва боқиро фармуданд, ки Алӣ (р) забҳ кунад. Чунки забҳи ҳадя ибодат аст ва ибодатро ба зоти худ ба ҷо овардан афзал мебошад. Зеро дар он зиёда хушӯъ воқеъ мешавад. Аммо гоҳ мешавад, ки шахс забҳро наметавонад. Аз ин сабаб ҷоиз дониста шуд, ки забҳи он ба ғайр фармуда шавад.

**Маълумоти иловагӣ дар бораи қорин, мутаматтиъ ва ғайра**

Савол 544: Далели Қуръони карим тавофи умраро пеш аз тавофи қудум анҷом медиҳадро, биёред!

Ҷавоб 544: Далелаш ин оят аст: Худои таоло мефармояд: **«Фаман таматтаъа билумрати илал-ҳаҷҷи»**, яъне: **«Ва ҳар ки ба сабаби адои умра то вақти ҳаҷ баҳравар шуд...».** Қорин афъоли умраро аввал адо кунад баъд аз он афъоли ҳаҷро адо кунад.

Савол 545: Оё Қорин байни умра ва ҳаҷ ҳалқ кунад ё не?

Ҷавоб 545: Қорин миёни умра ва ҳаҷ ҳалқ накунад.

Савол 546: Агар ҳоҷӣ то рӯзи айёми Наҳр рӯза нагирифт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 546: Агар ҳоҷӣ то рӯзи Наҳр рӯза гирифта натавонист бар ӯ назди мо хун воҷиб аст.

Савол 547: Оё дар айёми ташриқ (11,12,13) рӯза гирифтан ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 547: Далели мо ин аст, ки аз гирифтани рӯза дар ин рӯзҳо манъ шудааст. Дар ҳадис омадааст, ки дар ин рӯзҳо рӯза нагиред. Назди Имом Молик (раҳ) ин рӯзҳоро рӯза мегиранд.

Савол 548: Мутаматтиъ ба чанд қисм аст?

Ҷавоб 548: Мутаматтиъ ба ду қисм аст. 1. Яке ин ки ба тарафи Ҳарам ҳадяро равон кунад. 2. Ин ки ҳадй равон накунад.

Савол 549: Ҳадяро (ҳайвони қурбониро) аз пушти сар савқ диҳад беҳтар аст ё ин, ки аз пеши рӯй онро кашад?

Ҷавоб 549: Соҳиби Қудурӣ мегӯяд, ки ҳадяро аз пушти сар савқ (рондан) диҳад беҳтар аст.

Савол 550: Фарқ байни ҳалол шудани мутаматтиъи равон кунандаи ҳайвони қурбонӣ дар чист?

Ҷавоб 550: Мутамматиъе, ки ҳайвони қурбонӣ наовардааст баъди тавофи Каъба ва саъй байни Сафову Марва баъди ҳалқ ҳалол мешавад. Аммо мутаматтиъе, ки ҳамроҳи худ ҳадяро равон карда бошад баъд аз умра ҳалол намешавад дар ҳоле, ки ӯ дар рӯзи тарвия эҳроми ҳаҷро баста менамояд ҳосил ин ки ҳадяро ҳамроҳи худ равонкунанда ва қорин яксон аст, чунончи қорин дар миёни ҳаҷ ва умра ҳалол намешавад ба ҳамин тавр ин мутаматтиъ низ дар миёни ҳаҷ ва умра ҳалол намешавад, фарқ танҳо ин қадар аст, ки эҳроми қорин қабл аз ҳаҷ мавҷуд мебошад ва мутаматтиъ эҳроми ҳаҷро дар рӯзи тарвия баста менамояд бар хилофи ин он мутаматтиъ, ки ҳамроҳи худ ҳадяро равон накарда бошад ӯ баъд аз адо кардани умра ҳалол мегардад.

Савол 551: Баъди умра эҳром бастанро ба ҳаҷ таъҷил кунад афзал аст ё таъхир?

Ҷавоб 551: Агар мутаматтиъ эҳроми ҳаҷро чӣ қадар муқаддам (таъҷил) баста кунад ин афзал аст зеро, ки дар ин мусориъат ва зиёдати меҳнат ва машаққат аст. Ибодат ба ҷиҳати зиёдати машаққат афзал мебошад. Ба ҳоҷии савқи ҳадя ва ғайри савқи ҳадя баробар аст.

Савол 552: Тарошидани сар ҳалол шудан аст дар ҳаҷ, ин ба монанди чист?

Ҷавоб 552: Тарошидани сар ҳалол шудан аст дар ҳаҷ, чунончи салом дар намоз аст.

Савол 553: Оё барои сокинони Макка ва миқотӣ ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон ҷоиз аст?

Ҷавоб 553: Барои сокинони Макка ва миқотӣ на таматтӯъ аст ва на қирон, балки барои онҳо танҳо ҳаҷҷи ифрод аст, вале бо вуҷуди он ҳар гоҳ эшон таматтӯъ ё қирон кард, пас ҷоиз аст, вале гунаҳкор аст ва ба сабаби он бар вай хуни ҷабр воҷиб аст.

Савол 554: Далели Қуръониаш чист?

Ҷавоб 554: Далелаш назди мо ин оят аст: **«Золика лиман лам якун аҳлуҳу ҳозири-л-масҷидил ҳаром»**, яъне **«Ин ҳукм барои касе аст, ки аҳли вай бошандаи Масҷиду-л-ҳаром набошад»**. Яъне таматтӯъ барои он шахс аст, ки аҳли Макка ё назди масҷиди Ҳаром сукунат надошта бошад. Яъне ҳаҷҷи таматтӯъ барои офоқӣ ғайри Маккӣ аст, пас собит шуд, ки таматтӯъ барои Маккӣ нест.

Савол 555: Боз ягон далели дигар вуҷуд дорад?

Ҷавоб 555: Бале,  далели дуввум ин аст, ки ҳаҷҷи таматтӯъ ва қирон бар ин машрӯъ шудааст, ки аз ду сафар ҳаҷ ва умра яке онро соқит кунад ва осонӣ пайдо шавад ва осонӣ барои офоқӣ аст барои Маккӣ нест, зеро Маккӣ муҳтоҷи сафар нест.

Савол 556: Оё эҳром бастан пеш аз моҳҳои ҳаҷ ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 556: Далели мо ин аст, ки эҳром барои ҳаҷ шарт аст, пас чунончи таҳорат барои намоз шарт аст ва қабл аз вақт таҳорат ҷоиз аст ба ҳамин тавр эҳроми ҳаҷ бар моҳҳои ҳаҷ муқаддам кардан ҷоиз аст.

Савол 557: Ҳар гоҳ зане дар вақти эҳром ҳайз бинад, чӣ кор бояд кунад?

Ҷавоб 557: Ҳар гоҳ як зан дар вақти эҳром ҳоиза шавад, пас ӯ барои эҳром ғусл кунад ва ҳамаи афъоли ҳаҷро адо кунад бидуни аз тавоф. Вақте, ки пок шавад, пас тавоф кунад.

Савол 558: Далелаш чист?

Ҷавоб 558: Далелаш ҳадиси ҳазрати Оишиа (р) аст, ки эшон дар мақоми Сариф ҳоиза шуданд вақте, ки Расули акрам (с) ташриф овард ӯ нишаста гиря мекард. Расули акрам (с) аз ӯ пурсид, чаро гиря мекунӣ, оё ҳайз болоят омадааст? Ҳазрати Оиша (р) арз намуд, ҳамин хел аст, яъне ҳайз дидааст. Пас, Расули акрам (с) барояш фармуд: Ин амре аст, ки ба ҳамаи духтарони Одам (а) ин беморӣ меояд, пас ҳоҷиён, ки кадом афъолро анҷом медиҳал онро бикун, вале тавофи Байтуллоҳро макун то вақте, ки пок нашуда бошӣ».

**Ҷиноёт, хун, садақа ва иода (такрор)**

Савол 559: Агар муҳрим тамоми гарданро тарошад ҳукмаш чист?

Ҷавоб 559: Агар муҳрим тамоми гарданро тарошид, пас бар вай хуни ҷиноят воҷиб аст, зеро ки гардан ин қисми узв аст.

Савол 560: Агар муҳрим ҳар ду ё як зери бағалро тарошид, чӣ мешавад?

Ҷавоб 560: Агар муҳрим ҳар ду ё як бағалро тарошид бар вай хун аст.

Савол 561: Ҳар гоҳ тарошидани мӯи ҳар бағал ҷинояти мустақил аст, пас муносиб ин аст, ки ба тарошидани ҳар ду бояд ду қурбонӣ воҷиб шавад дар ҳоле, ки шумо як қурбониро воҷиб мекунед?

Ҷавоб 561: Ҳар гоҳ ду ҷиноят аз як навъ бошад, пас як замон воҷиб мешавад. Ҳамин сабаб аст, ки ҳар гоҳ як муҳрим мӯи тамоми бадани худро битарошад, пас танҳо як хун воҷиб мешавад ва ҳамин тавр, агар мӯйҳои ҳар ду бағалро битарошад низ як қурбонӣ воҷиб аст.

Савол 562: Мӯи зери бағалро тарошидан беҳтар аст ё чидан?

Ҷавоб 562: Ҳар ду ҷоиз аст, аммо чидан суннат аст.

Савол 563: Агар муҳрим бурутҳо ё нохунҳои ғайри муҳримро қатъ кунад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 563: Дар ин сурат муҳрим чизе хоста садақа бидиҳад, яъне кадом таоме, ки муносиб бошад онро садақа кунад.

Савол 564: Агар нохуни муҳрим шикаст ва ӯ овезон буд ва муҳрим онро дур кард, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 564: Агар муҳрим нохуни шикастаро дур кард бар вай ҳеҷ чизе нест.

Савол 565: Ҳукми нохуни шикаста ба монанди чист?

Ҷавоб 565: Ин мушобеҳ ба дарахти Ҳарам шуд. мисоли он монанди гиёҳи хушки Ҳарам шуд ва дар қатъ кардани гиёҳи хушки Ҳарам чизе воҷиб намешавад, ҳамин тавр ба қатъ кардани нохуни шикаста чизе воҷиб намешавад.

Савол 566: Ояти дар ҳаққи маъзур кадом аст ва ба кӣ нозил шудааст?

Ҷавоб 566: Сураи Бақара ояти 196 мебошад. **«Ва ҳар ки аз шумо бемор бошад ё ӯро дар сар ранҷе бошад, пас ивази он рӯза ё садақа ё қурбонӣ лозим аст».** Ҳадис ин аст: Ҳазрати Каъб ибни Уҷра мефармояд: Расули Худо (с) аз назди ман гузашт ва дид, ки шапушкҳо бар рӯи ман равон буд ва ман ба деги худ оташро тоза мекардам, пас Расули Худо (с) бароям фармуд: «Оё туро шапушкҳои сарат таклиф (азият) медиҳад. Ман арз намудам, бале. Пас ин ояти

дар боло зикршуда нозил шуд. Пас,  ман аз Расули Худо (с) пурсидам. Чанд рӯз рӯза бигирам. Фармуданд: Се рӯз. Ҳазрати Каъб ибни Уҷра фармуд: Агар Расули Худо (с) тафсилро баён намекард. Пас мо мардум ба таоми шаш масокин қиёс мекардем ва шаш рӯзро рӯза мегирифтем. Пас, маълум шуд, ки тафсири ин оятро Расули Худо (с) худаш намудааст.

Савол 567: Ин се рӯз рӯзаро дар куҷо бигирад?

Ҷавоб 567: Соҳиби Ҳидоя мефармояд, ки чаҳор имом ба ин иттифоқ доранд, ки ин се рӯз дар ҳар ҷой гирифта мешавад, ягон тахсисе (махсус) ба Ҳарам надорад, зеро ки ин ибодат аст ва барои ибодат тахсиси макон нест.

Савол 568: Садақаро дар куҷо бидиҳанд?

Ҷавоб 568: Дар назди мо садақа низ тахсиси кадом маҳал нест , дар ҳар ҷой дода мешавад, далел ин аст, ки ибодат аст дар ҳамаи макон. Аммо Имом Шофеъӣ (раҳ) мефармояд, ки ин садақа хос ба Ҳарам аст, зеро ки мақсад аз ин фоида расондан ба фуқарои Ҳарам аст. Фоида ба фуқарои Ҳарам дар он сурат мерасад, ки ин садақа ба Ҳарам хос карда шавад.

Савол 569: Қурбониро дар куҷо забҳ кунад?

Ҷавоб 569: Ба иттифоқи уламо қурбонӣ махсуси Ҳарам аст. Дар дигар ҷой ғайр аз Ҳарам забҳ ҷоиз нест.

Савол 570: Оё барои забҳи ҳайвони ҷиноят тахсиси замон ҳаст ё нест?

Ҷавоб 570: Барои забҳ кардани ҳайвони ҷиноят тахсиси кадом замон нест, метавонад баъд аз айёми ташриқ анҷом диҳад.

Савол 571: Агар муҳрим тасвири як зани мақбул ва зеборо бикунад ва инзол шавад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 571: Дар ин сурат бар вай чизе воҷиб намешавад.

Савол 572: Агар муҳрим занеро бо шаҳват бӯсид ё мисос кард агар инзол шуд ё нашуд, чӣ мешавад?

Ҷавоб 572: Агар муҳрим занеро бӯсид ё мисос кард хоҳ инзол шуд ё нашуд, бар вай хун воҷиб мешавад. Дар ин сурат муҳрим мазза ва лаззат гирифтааст ва муҳрим аз гирифтани мазза ва лаззат манъ карда шудааст, пас бар вай хун воҷиб мешавад.

Савол 573: Агар касе дар ҳолати ҳадас (бевузӯи) тавофи зиёратро кард ва баъди айёми наҳр иода (такрор) кард оё бар вай чизе воҷиб мешавад ё не?

Ҷавоб 573: Соҳиби Ҳидоя мегӯяд: Агар дар ҳолати ҳадас (бевузӯи) тавофи зиёрат карда бошад ва боз онро иода (такрор) кунад, пас бар вай қурбонӣ воҷиб нест, баробар аст агар иодаро (такрорро) дар айёми (рӯзҳои) қурбонӣ бикунад ё баъд аз айёми қурбонӣ, зеро ҳар гоҳ иодаи тавофро кард, пас илова аз шибҳи

нуқсон дигар чизе боқӣ намонд ва шибҳи нуқсон кадом чизеро воҷиб намекунад, аз ин рӯ дар ин сурат қурбонӣ ва ғайра воҷиб намешавад.

Савол 574: Агар касе дар ҳолати ҷанобат тавофи зиёратро карда бошад ва баъди айёми Наҳр иода кард дар ин сурат чӣ мешавад?

Ҷавоб 574: Агар дар аввал дар ҳолати ҷанобат тавофи зиёрат карда бошад ва пас дар айёми Наҳр онро иода бикунад, пас бар вай чизе воҷиб нест, зеро ки ӯ тавофи зиёратро дар вақти худ адо кард. ва агар баъд аз айёми Наҳр иодаи онро кард, пас ба назди имом Абӯҳанифа бадана аз ӯ соқит шуд, албатта дам (хун) яъне қурбонии буз бар вай воҷиб аст.

Савол 575: Агар касе дар ҳолати ҷанобат тавофи зиёратро анҷом доду ба ватанаш вопас рафт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 575: Ҳар гоҳ як муҳрим дар ҳолати ҷанобат тавофи зиёрат карду пас ба аҳлу аёли худ баргашт, пас чӣ гуна ба ҷанобати ӯ дар тавофи зиёрат нуқсон пайдо шудааст, барои такмили он бори дуввум ба Макка рафтан воҷиб аст, вале инро дар назар дошта бошад, агар аз миқот гузашта бошад, пас ба эҳроми ҷадид (нав) бармегардад ва агар аз миқот нагузашта бошад, пас ба эҳроми ҷадид зарурате нест.

Савол 576: Агар барнагардаду барои такмили эҳром ба Макка наравад, балки баданае (шутуре) бифиристад, оё ин ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 576: Бале ҷоиз аст, зеро ки бадана (шутур) талофии нуқсонро менамояд, вале афзал баргаштан ба Макка аст.

Савол 577: Агар касе дар ҳолати ҳадас (бевузӯи) тавофи зиёратро анҷом доду ба ватан рафт, пас ин чӣ мешавад?

Ҷавоб 577: Агар бар ҳолати ҳадас (бевузӯи) тавофи зиёратро карда бошад, пас ба ватани худ баргашта бошад дар ин сурат барои иодаи (такрори) тавоф ба Маккаи мукаррама баргардад ин ҷоиз аст, вале афзал ин аст, ки буз равон кунад, зеро ки дар сурати ҳадас нуқсон кам аст ва дар фиристодани буз фоидаи фуқарои Ҳарам аст, аз ин рӯ фиристодани буз афзал аст.

Савол 578: Агар касе ба кулли тавофи зиёрат накарду ба ватан баргашт, дар ин сурат чӣ мешавад?

Ҷавоб 578: Агар муҳрим тавофи зиёратро накарда бошад ва ба ватани худ баргашта бошад, пас бар вай дар ҳамин эҳром баргаштан зарурӣ аст, зеро ки аз ҷиҳати адо накардани тавофи зиёрат ин шахс аз эҳроми худ ҳалол нашудааст, балки ӯ дар ҳаққи занон барои ҳамеша муҳрим мебошад (ҳамроҳи онҳо

ҷимоъ ва ғайра карда наметавонад) то ин ки тавофи зиёрат бикунад.

Савол 579: Агар касе се ё кам аз се давраҳои тавофи зиёратро тарк кард, чӣ мешавад?

Ҷавоб 579: Агар дар тавофи зиёрат се шавтро (гардишро) тарк кард, пас бар вай дам (хун) воҷиб мегардад, зеро ки се гардиш нисбат ба ҳафт, ки кулл аст кам аст, пас ҷиноят ахаф (сабук) шуд. аз ин ҷиҳат ба қурбонии буз пурра мегардад.

Савол 580: Пас, агар ба ватанаш баргашт дар ин сурат чӣ бояд кард?

Ҷавоб 580: Агар ба ватани худ баргашт, пас барояш кофӣ аст, ки барнагардад (ба Макка) ва як буз равон кунад, чунончи мо баён намудем.

Савол 581: Агар касе тавофи садар ё чаҳор шавти (даври) тавофи садарро тарк карду ба ватани худ баргашт, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 581: Ҳар гоҳ шахсе тавофи садар (видоъ) ё чаҳор даври онро тарк намуд ва ба ватани худ баргашт, пас бар вай қурбонӣ воҷиб шуд, зеро ки ӯ воҷиб ё ҳиссаи аксари онро тарк намуд. Кадом нуқсоне, ки ба тарки воҷиб ё ҳиссаи аксари он пайдо мегардад он ба қурбонӣ пурра мегардад.

Савол 582: Агар касе се шавти (даври) тавофи садарро тарк кунад, оё хун воҷиб мешавад?

Ҷавоб 582: Касе, ки се шавти (даври) тавофи садарро (видоъро) тарк кард, пас бар вай садақа аст на хун.

Савол 583: Агар касе тавофи умраро бевузӯ (бе таҳорат) анҷом диҳад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 583: Агар касе тавофи умраро бевузӯ анҷом диҳад бар вай хун аст, агар ин тавофро иода (такрор) кунад хун аз ӯ соқит мешавад.

Савол 584: Агар касе дар ҳолати бевузӯи иодаи (такрори) тавофи умраро бикунаду иодаи саъйро накунад, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 584: Ҳар гоҳ дар ҳолати бевузӯи иодаи (такрори) тавофи умраро бикунаду ва такрори саъйро накунад, пас чизе бар вай воҷиб нест. Албатта, баъзе уламо мефармоянд, ки дар ин сурат низ бар вай хун воҷиб аст.

**Дар бораи Арафот**

Савол 585: Далели то ғуруби офтоб дар Арафот истодан дар чист?

Ҷавоб 585: Далели мо ин аст, ки то ғуруби офтоб истодан воҷиб аст, ин иршоди Паёмбар (с) аст. яъне «Шумо баъд аз ғуруби офтоб аз Арафот равон шавед ва дар як ривоят аст, ки Расули Худо (с) дар хутба фармуданд: «Мушрикин дар замони ҷоҳилият аз Арафот дар вақте мерафтанд, ки офтоб дар сари

кӯҳҳо чунин буд, чунончи лунгиҳои мардҳо ба рӯҳояшон наздик аст. Ва мо баъд аз ғуруби офтоб равон мешавем». Аз ин ҳар ду ҳадис маълум мегардад,  ки то ғуруби офтоб тулонӣ кардани вуқуф воҷиб аст ва ин шахс чунки рафтан ба қабл аз ғуруби офтоб тарккунандаи воҷиб шуд, пас ба тарки воҷиб бар вай дам воҷиб мешавад.

Савол 586: Нафаре, ки баъди ғуруби офтоб, яъне шаб дохили Арафот мешавад ва истодан то ғуруби офтобро дарнаёфтааст ва ба ин нафар хун воҷиб намешавад, инро чӣ хел фаҳмид?

Ҷавоб 586: Ҷавоб ин аст, ки то ғуруби офтоб тӯлонӣ кардани вуқуф ба он шахсе воҷиб аст, ки касе ки дар рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа вуқуфи Арафотро бикунад ва чунки ин шахс ба рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа вуқуф накардааст, балки дар шаб вуқуф кардааст, пас дар ҳаққи ӯ тарки воҷиб мавҷуд нашудааст, аз ин рӯ дам (хун) бар вай воҷиб намешавад.

Савол 587: Шартҳои сиҳати истодан (вуқуф) дар Арафа чанд аст?

Ҷавоб 587: Барои он. ки вуқуф дар Арафа сиҳат пайдо кунад, чаҳор чиз шарт аст. Агар яке аз ин чаҳор шарт фавт гардад, вуқуф дар Арафа сиҳат пайдо накарда дар натиҷа ҳаҷҷи шахс ботил мегардад. 1. Мусулмон будан. 2. Муҳрим будан ба ҳаҷ. 3. Воқеъ

шудани вуқуф дар замини Арафот. 4. Воқеъ шудани вуқуф дар вақти муайяни он.

Савол 588: Вақти муайяни он кай аст?

Ҷавоб 588: Вақти вуқуф дар Арафа аз заволи офтоби рӯзи нуҳуми зулҳиҷҷа шурӯъ шуда бо тулӯъи субҳи содиқи рӯзи даҳуми он хотима мепазирад.

Савол 589: Дар Арафот чанд чиз воҷиб аст?

Ҷавоб 589: Дар вуқуф дар Арафа як чиз воҷиб аст ва он давомнокии вуқуф то ғуруби офтоб аст.

Савол 590: Суннатҳои вуқуфро номбар кунед?

Ҷавоб 590: Суннатҳои вуқуф иборатанд аз:

1.Ғусл кардан қабл аз вуқуф дар сурати муяссар будан.

2.Хутба хондани имом ва ё ноибаш баъд аз завол ва пеш аз намоз дар масҷиди «Намира».

3.Ҷамъ байни намози пешин ва аср бо шурути он.

4.Таваҷҷуҳ ба сӯи мавқиф баъд аз адои намоз бидуни таъхир.

5.Ҳамроҳӣ кардан ба имоми муслимин ҳангоми рафтан ба сӯи Муздалифа, албатта, дар сурати мавҷуд будани имом.

6.Вуқуфи ҷузъе аз шаб дар Арафот, масалан, даҳ-понздаҳ дақиқа баъд аз ғуруб.

7.Адами таъхири зиёд дар рафтан ба сӯи Муздалифа.

Савол 591: Мустаҳабботи вуқуфро номбар кунед?

Ҷавоб 591: Аз мустаҳабботи вуқуф инҳо аст:

1.Омодагӣ гирифтан барои вуқуф.

2.Гуфтани талбияи зиёд.

3.Истимрор (давомнокӣ) дар дуо, зикр ва истиғфор то ғуруби офтоб.

4.Изҳори аҷз, фурӯтанӣ ва инкисор.

5.Доштани умеди росих ба афву раҳмати Парвардигор.

6.Қарор гирифтани ҳарчи наздиктар ба имоми муслимин, албатта дар сурати мавҷуд будани он.

7.Боло кардани дастҳо ба сӯи осмон ҳангоми дуо кардан.

8.Бо таҳорат будан.

9.Рӯй овардан ба қибла ҳангоми дуо кардан.

10. Дури наҷустан аз офтоб магар ба сабаби узр, мисли шиддати гармӣ ва ё доштани маъзарати ҷисмонӣ ва амсоли инҳо

11.Худдорӣ аз каломи ғайризарурӣ.

12.Таваҷҷуҳ ва кӯшиш ба аъмоли хайр.

13.Лутфи хуш ва ҳамкорӣ бо ҳамроҳон.

14.Садақа додан, дастгирӣ ва кумак расондан ба дармондагон.

15.Шурӯъ ва хатми дуо ба ҳамди Худованд ва дуруд бар Паёмбари акрам (с).

Савол 592: Макрӯҳоти вуқуф кадомҳоянд?

Ҷавоб 592: Аъмоле, ки дар вуқуф макрӯҳ аст, иборатанд аз:

1.Тарки суннате аз суннатҳои вуқуф.

2.Таъхир намудан дар вуқуф дар Арафа баъд аз адои намози пешин ва аср.

3.Хобидан ва ё истироҳат намудан дар роҳи байни Арафот ва Муздалифа бидуни узр.

4.Ғафлат ва саҳлангорӣ дар дуо ҳангоми вуқуф.

5.Таъхир дар ҳаракат ба сӯи Муздалифа аз вақти муайяни он.

6.Адои намози шом ва ё хуфтан дар Арафот ва ё дар роҳи байни Арафот ва Муздалифа.

7.Шитоб ва аҷала намудан ҳангоми рафтан ба сӯи Муздалифа.

## Маълумоти изофӣ дар бораи саъй байни Сафо ва Марва

Савол 593: Шартҳои саъйро номбар кунед?

Ҷавоб 593: Монанди тавоф барои саъй низ шуруте аст, ки дар сурати фавт шудани ҳатто яке аз онҳо саъй

сиҳат наёфта, ботил мегардад. Ин шурут иборатанд аз:

**1.Саъй дар масири муайяни Сафо ва Марва**

Саъй дар масири муайяни Сафо ва Марва ба ин маъност, ки шахс ҳангоми саъй аз масири муайяни Сафо ва Марва бояд хориҷ нагардад. Агар шахс аз ин масир хориҷ гардад ва дар сурате, ки қисмати зиёдтари саъяш дар хориҷи ин масир воқеъ шавад, саъяш ботил аст.

**2.Масбуқ будан ба тавофи саҳеҳ**

Яъне пеш аз он, ки ба саъй бипардозад, бояд тавофи саҳеҳе анҷом дода бошад.

**3.Ибтидо кардан аз Сафо ва хатм намудан ба Марва**

Агар касе саъйро баръакс, яъне аз Марва шурӯъ намуда бо Сафо хатм кард, саъяш ботил аст, ҳарчанд баъзе аз фуқаҳо гуфтаанд, ки тартиби мазкур воҷиб аст, на шарт. Ин ба ин маъност, ки агар саъйро аз Марва шурӯъ кунад, бояд ҳамон шавтро дубора анҷом диҳад ва ё барои ҷуброни он бар вай дам (хун) воҷиб мегардад ва саъяш саҳеҳ аст.

**4.Анҷом додани аксари шавт**

Бояд ҳоҷӣ аз ҳафт шавт ақаллан чаҳор шавти онро анҷом диҳад ва агар камтар аз ин, масалан се шавт саъй намуд, саъяш ботил аст.

**5.Масбуқ будан ба эҳром**

Яъне ҳоҷӣ бояд пеш аз оғози саъй ба эҳром дохил шуда бошад, чӣ эҳроми ҳаҷ бошад ва чӣ эҳроми умра.

Савол 594: Воҷиботи саъйро номбар кунед?

Ҷавоб 594: Саъй ҳам монанди тавоф воҷиботе дорад, ки иборатанд аз:

**1.Такмил кардани ҳафт шавт**

Агар касе ҳафт шавти саъйро комил накарда, масалан, панҷ ё шаш шавт саъй намояд, аз тарки ҳар шавти боқимонда бар вай садақа лозим мешавад, вале саъяш адо мегардад.

**2.Ба пой саъй намудан**

Дар сурате , ки шахс узре надошта бошад, бояд бо пой саъй намояд ва агар узре дошта бошад, ҷоиз аст ба ҳар шакле, ки барояш муяссар аст саъй намояд ва бар вай чизе лозим нагардида, саъяш саҳеҳ аст.

**3.Дар ҳолати эҳром будан дар саъйи умра**

Яъне ҳоҷӣ бояд баъд аз хатми тавофи умра ҳамон тавре, ки дар либоси эҳром аст, саъйи умраро низ анҷом диҳад ва агар пеш аз анҷом додани саъй аз либоси эҳром хориҷ гардида, саъйро бо либосҳои оддӣ анҷом дода бошад, бар вай дам (хун) лозим мешавад, вале саъяш адо мегардад.

**4.Тай кардани ҳамаи масофа**

Тай кардани ҳамаи масофа ба ин маъност, ки шавт аз ибтидо то интиҳо бояд комил адо карда шавад. Агар ҳоҷӣ шавтро комил накарда, масалан, ҳанӯз ба Марва нарасида вопас ба тарафи Сафо баргардад, бар вай садақа лозим гардида, саъяш ноқис адо мегардад ва ин дар суратест, ки ин амал дар баъзе аз шавтҳо сурат бигирад ва агар дар ҳамаи шавтҳо ва ё дар аксари шавтҳо такрор шавад, саъяш ботил аст. Натиҷаи ин гуна амал он аст, ки ҳоҷӣ ё бояд саъйро дубора анҷом диҳад ва ё бар вай дам (хун) лозим мегардад.

Савол 595: Суннатҳои саъй кадомҳо ҳастанд?

Ҷавоб 595: Суннатҳои саъй инҳо мебошанд.

Тарки суннатҳо сабаби нуқсони саъй гардида, мӯҷиби дам (хун) ва ё садақа намегардад.

**1.Адами таъхир байни тавоф ва саъй**

Суннат аст, ки баъд аз анҷом додани тавоф бидуни маътале шурӯъ ба саъй намояд ва таъхир намудани саъй баъди тавоф бидуни зарурат, сабаби маломат буда, саъйро ноқис мегардонад.

**2.Расидан то қисмати болоии Сафо ва Марва**

Ҳоҷӣ ба расидан ба қисмати поёнии Сафо ва Марва иктифо накарда,бояд то болотарин қисмати ҳар яке аз ин кӯҳҳои мазкур ба боло равад.

**3.Паёпай саъй намудан**

Ин ба он маънost, ки байни як шавт то шавти дигар фосилаи замонӣ ва таъхире наёварад.

4.Шитобкорона рафтан дар байни ду чароғи сабз

5. Ҳангоми саъй бо вузӯ будан

6.Ният кардан дар ибтидои саъй

Савол 596: Мустаҳабботи саъйро номбар кунед?

Ҷавоб 596: Мустаҳаботи саъй инҳо аст:

1.Зикру дуо

2.Покии бадан ва ҷома

3.Хушӯъ ва фурӯтанӣ ва бо ёди Худо будан

4.Адои ду ракъат намози баъд аз хатми саъй

Адои ду ракъат намози баъд аз хатми тавоф тавре ки қаблан зикр намудем, воҷиб, вале адои ду ракъат намози баъд аз хатми саъй мустаҳаб аст. Чунончи, мустаҳаб аст, ки ин ду ракъат намоз дар дохили Масҷиди Ҳаром адо гардад. Баъзеҳо ин ду ракъат намозро рӯи баландии Марва хонда, боиси азияти мусулмонон мегарданд, ки кори хубе намекунанд.

Савол 597: Макрӯҳоти саъйро гӯед?

Ҷавоб 597: Макрӯҳоти саъй инҳо мебошанд:

1.Тарки суннате аз суннатҳои саъй

2.Хариду фурӯш ҳангоми саъй

3.Хӯрдану ошомидан, магар дар вақти ғалабаи ташнагӣ, ки нӯшидани об боке надорад.

4.Сухан кардан бидуни зарурат

5.Иштиғол ба умури ғайри зарурӣ

**Маълумоти иловагӣ дар бораи ҷамарот**

Савол 598: Барои рамй ҷамарот чанд рӯз аст?

Ҷавоб 598: Барои рамй ҷамарот чаҳор рӯз аст. Рӯзҳои даҳум, ёздаҳум, дувоздаҳум ва сездаҳуми зулҳиҷҷа.

Савол 599: Барои чӣ барои тарки рамйи ҳамаи ҷамарот дар се рӯз фақат як хун воҷиб аст на зиёд?

Ҷавоб 599: Агар рамйи ҳар се рӯзро тарк кунад, пас танҳо як дам (хун) лозим мешавад, зеро дар ин ҷо ҷинси рамй муттаҳид аст, пас аз ҷиҳати иттиҳоди ҷинс дар он тадохул омад ва як хун барои тарк кардани рамйи тамоми рӯзҳо кофӣ аст.

Савол 600: Агар касе рамйи як рӯзро тарк кунад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 600: Ҳар гоҳ шахсе рамйи мукаммали як рӯзро тарк кард, пас бар вай хун воҷиб аст, зеро ки рамйи як рӯз як нусук аст ва ин қоида аст, ки дар ҳаҷ ба тарки як нусук ё ҳиссаи аксари он хун воҷиб мешавад, пас ҳамин гуна дар ин ҷо низ хун воҷиб мешавад.

Савол 601: Агар аз се ҷамра якеашро рамй накунад, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 601: Ҳар гоҳ шахсе дар рӯзҳои рамӣ (сангпартоӣ) дар як рӯз рамйи як ҷамраро тарк кунад, пас бар вай садақаи нисфи соъ гандум воҷиб аст.

Савол 602: Далелаш чист:

Ҷавоб 602: Далелаш ин аст, ки дар як рӯз се ҷамарот задан як нусук аст ва ҳар гоҳ ӯ задани як ҷамраро тарк кард, пас ин тарк кардан кам аз амали нисфи нусук шуд ва ҳар гоҳ кам аз нисфи нусук тарк шавад, пас ба он садақа воҷиб мешавад. Пас, дар ин ҷо низ ба тарк кардани рамйи як ҷамра садақа воҷиб мешавад.

Савол 603: Агар аз ҳар як рамӣ (сангпартоӣ) як ё ду сангча тарк шуд, чӣ мешавад?

Ҷавоб 603: Дар ин сурат ба тарки ҳар як рамӣ бар бадали ҳар рамӣ нисфи соъ гандум садақа воҷиб мешавад.

Савол 604: Агар аз 21-сангча 11-тоаш зада шавад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 604: Дар боқимонда 10-сангча ба ҳар кадом садақа воҷиб мешавад.

Савол 605: Агар аз 21-сангча 10-тоаш зада шуд, дар ин сурат ҳукмаш чист?

Ҷавоб 605: Дар ин сурат хун воҷиб мешавад, зеро аксар ҳукми куллро дорад.

Савол 606: Агар аз 7 (ҳафт) сангча 3-тоаш боқӣ монд, чӣ мешавад?

Ҷавоб 606: Дар ин сурат садақа аст.

Савол 607: Касе, ки сар тарошиданро баъд аз рӯзҳои қурбонӣ анҷом дод, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 607: Касе, ки сар тарошиданро аз рӯзҳои қурбонӣ таъхир кард, дар назди Абӯҳанифа (раҳ) хун воҷиб мешавад.

Савол 608: Касе, ки тавофи зиёратро аз рӯзҳои ташриқ таъхир кард, ин чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 608: Ба назди Имом Абӯҳанифа (раҳ) ба таъхири тавофи зиёрат баъд аз рӯзҳои ташриқ хун воҷиб мешавад.

Савол 609: Оё назди Соҳибайн (раҳ) дар ин ҳар ду сурат дар таъхири сартарошӣ ва таъхири тавофи зиёрат низ хун воҷиб мешавад ё не?

Ҷавоб 609: Дар ҳар ду суратҳои зикршуда назди Соҳибайн қурбонӣ воҷиб нест.

Савол 610: Оё дар задани ҷамраи рӯзи даҳум таъхир шавад ба рӯзи ёздаҳум, рӯзи ёздаҳум таъхир шавад ба рӯзи дувоздаҳум ва рӯзи дувоздаҳум ба рӯзи сездаҳум таъхир шавад, назди Абӯҳанифа (раҳ) ва Соҳибайн (р) чӣ ихтилофе мавҷуд аст?

Ҷавоб 610: Дар ин суратҳо ба назди Имом Абӯҳанифа (раҳ) ба сабаби таъхир хун воҷиб аст ва ба назди Соҳибайн (раҳ) бар вай хун воҷиб нест.

Савол 611: Агар як нусуки ҳаҷро ба дигар нусук муқаддам кард, мисли ҳалқро ба рамйи ҷамарот, мутаматтиъ ё қорин хуни таматтӯъро қабл аз рамй забҳ кард ё муҳрим қабл аз забҳ ҳалқ кард ба назди Абӯҳанифа (раҳ) ва Соҳибайн (раҳ), чӣ ҳукм доранд?

Ҷавоб 611: Дар тамоми ин суратҳо ба назди Имом Абӯҳанифа (раҳ) хун воҷиб мегардад ва ба назди Соҳибайн (раҳ) хун воҷиб намешавад.

Савол 612: Далели Соҳибайн (раҳ) чист?

Ҷавоб 612: Далели Соҳибайн (раҳ) ин аст, ки кадом чизе, ки аз вақти худ фавт шавад, пас такмили он ба қазо мегардад ва такмили кадом чизе, ки ба қазо мешавад, пас дар он чизи дигаре воҷиб намешавад.

Савол 613: Далели Имом Абӯҳанифа (раҳ) дар чист?

Ҷавоб 613: Далели Имом Абӯҳанифа (раҳ) ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) ва дар баъзе нусхаҳо зикри Абдуллоҳ ибни Аббос (р) аст. Ҳадис ин аст. «Ҳар гоҳ касе як нусукро бар нусуки дигар муқаддам кард, пас бар вай хун аст».

Савол 614: Ягон далели дигар ҳаст?

Ҷавоб 614: Далели дуввум ин аст, ки кадом нусуке, ки махсус ба як макон бошад, пас агар аз он муаххар шавад, пас дам (хун) воҷиб мешавад. Масалан шахсе аз миқот гузашту эҳром баст, пас бар вай хун воҷиб мешавад. Ҳамчунон кадом нусук, ки хос ба як замон бошад агар аз он муаххар шавад. Пас хун лозим мешавад.

Савол 615: Пас ба қавли Имом Абӯҳанифа (раҳ) амал кардан беҳтар аст ё ба қавли Соҳибайн (раҳ)?

Ҷавоб 615: Албатта ба қавли Имом Абӯҳанифа (раҳ) амал кардан ва анҷоми маносик афзал мебошад, зеро тартиб ба назди Абӯҳанифа (раҳ) воҷиб аст.

**Маълумот дар бораи сартарошидан**

Савол 616: Агар касе сарашро берун аз Ҳарам тарошид ё кӯтоҳ кард дар ин сурат, чӣ ҳукм аст?

Ҷавоб 616: Агар касе сарашро берун аз Ҳарам тарошид ё кӯтоҳ кард, бар вай хун воҷиб мешавад.

Савол 617: Далелаш чист?

Ҷавоб 617: Далели тарафайн ин аст, ки ҳалқ (тарошидан) аз воҷиботи ҳаҷ аст, чунончи салом ҳалолкунанда, яъне аз ҳолати намоз хориҷкунанда аст ва аз воҷиботи намоз аст ва ҳар гоҳ ҳалқ аз воҷиботи ҳаҷ аст, пас ин хос ба Ҳарам шуд, зеро чӣ қадар воҷиботи ҳаҷ, ки аст он хос ба Ҳарам аст ва ҳар гоҳ хориҷ аз Ҳарам воқеъ шавад, пас воҷиб тарк шуд ва

ҳар гоҳ воҷиб тарк шавад, пас дам (хун) воҷиб мешавад, пас дар ин ҷо низ хун воҷиб мегардад.

Савол 618: Далели Имом Абӯюсуф (раҳ) чӣ аст, ки хориҷ аз Ҳарам дар умра дар сурати сар тарошидан ё кӯтоҳ кардан хун воҷиб намешавад?

Ҷавоб 618: Далелаш ин аст, ки ҳангоме, ки Расули Худо (с) ва асҳобаш дар мавқеи сулҳи Ҳудайбия аз умра манъ карда шуданд, пас дар мақоми Ҳудайбия Расули Худо (с) ва асҳобаш сарҳои худро тарошиданд ва кӯтоҳ намуданд ва мақоми Ҳудайбия хориҷ аз Ҳарам аст. Пас, маълум шуд, ки ҳалқ хос ва воҷиб ба Ҳарам нест. Ва ҳар гоҳ воҷиб нашуд, пас ҳар гоҳ хориҷ аз Ҳарам ҳалқ воқеъ шавад воҷиб тарк нашуд ва ҳар гоҳ воҷиб тарк нашуд, пас хун низ воҷиб нашуд.

Савол 619: Дар Ҳудайбия Паёмбар (с) ва асҳобаш сарҳояшонро дар ҳудуди Ҳарам тарошиданд, далелаш чист?

Ҷавоб 619: Далелаш ин аст, ки аксари уламо ба ин ақидаанд, ки як ҳиссаи Ҳудайбия дар дохили Ҳарам аст. Мумкин аст, ки асҳоби киром дар ҳамин ҷо ҳалқ карда бошанд, ки дар дохили Ҳарам аст. Боз гуфтаанд, ки манзили Паёмбар (с) дар Ҳарам буд. Боз илова кардаанд, ки ашё ва хаймаҳо дар Ҳилл воқеъ буд ва ҷои намозхониашон дар дохили Ҳарам қарор дошт. Аз ин маълум мешавад, ки сар тарошидан дар

дохили Ҳарам воҷиб аст ва хориҷ аз Ҳарам хун воҷиб мешавад.

**Нисбати Ҳудайбия**

Савол 620: Маънои Ҳудайбия чист?

Ҷавоб 620: Уламои киром Ҳудайбияро ба маъноҳои зерин ном бурдаанд: 1. Чоҳ, 2. Шаҷара, 3. Қаря (деҳа). Ба муносибати чоҳ ва дарахте дар он ҷо ба ин ном номгузорӣ шудааст.

Савол 621: Дар Ҳудайбия чӣ корҳое ба анҷом расидааст?

Ҷавоб 621: Дар Ҳудайбия сулҳ, байъати Ризвон, ҳалқ, наҳр ва ғайра ба анҷом расидааст.

Савол 622: Нисбати байъати Ризвон, яъне байъати зери дарахт дар Қуръондар кадом сура ва кадом оят омадааст?

Ҷавоб 622: Байъати зери дарахт дар сураи Фатҳ ояти 18-ум омадааст: **«Ба дурустӣ ки Худо аз мӯъминон-вақте ки дар зери дарахт бо ту байъат мекарданд, - хушнуд шуд ва он чиро донист, ки дар дили онҳо аст. Пас, бар онҳо оромиш фуруд овард ва ба онҳо фатҳи наздик подош дод».**

Савол 623: Дар соли Ҳудайбия Паёмбари Худо (с) пеш аз омадан ба Маккаи мукаррама чӣ хоб диданд?

Ҷавоб 623: Расули Худо (с) дар соли Ҳудайбия пеш аз омадан ба Маккаи мукаррама чунин хоб

диданд: **Ҳароина Худо бар Паёмбар хобро ба ҳақ рост баровард: «Агар Худо бихоҳад, албатта, эмин шуда ва мӯи сари худро тарошида ва кӯтоҳ карда, биме надошта, ба Масҷиду-л-Ҳаром дохил хоҳед шуд». Ӯ он чиро донист, ки шумо намедонистед ва пеш аз ин фатҳи наздикеро муяссар кардааст.**

Савол 624: Ин кадом сура ва кадом оят аст?

Ҷавоб 624: Ин сураи Фатҳ ва ояти 27-ум мебошад.

Савол 625: Сари Паёмбари Худо (с)-ро дар Ҳудайбия кӣ тарошид?

Ҷавоб 625: Сари Паёмбари Худо (с)-ро дар Ҳудайбия Харрош тарошид.

Савол 626: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия чанд шутур куштанд?

Ҷавоб 626: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия ба гуфти Ибни Аббос (р) 70 (ҳафтод) шутур куштанд.

Савол 627: Паёмбари Худо (с) бо маслиҳати ки сарашро тарошид?

Ҷавоб 627: Паёмбари Худо (с) бо маслиҳати ҳамсарашон Умми Салама (р) сарашонро тарошида ва шутурҳо куштанд.

Савол 628: Дар байни ин шутурҳои кушташуда, боз шутури ки буд?

Ҷавоб 628: Дар байни ин шутурҳои кушташуда шутури Абӯҷаҳл низ буд.

Савол 629: Дар Ҳудайбия ҳазрати Ҷабраил боз кадом оятро нозил кард?

Ҷавоб 629: Сураи Мумтаҳинна ояти 10. **«Эй мӯминон, чун занони мӯминин ҳиҷрат карда пеши шумо биёянд, пас, онҳоро имтиҳон кунед».**

Савол 630: Дар соли Ҳудайбия Паёмбари Худо (с) кадом муъҷизаро нишон доданд?

Ҷавоб 630: Дар соли Ҳудайбия Паёмбари Худо (с) ин муҷизаро нишон доданд. Солим ибни Абӯҷаъд аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят мекунад, ки гуфт: Мардум дар рӯзи Ҳудайбия ба шиддат ташна шуданд ва зарфе аз об ҳам дар пеши Паёмбар (с) буд, ки бо он вузӯ мегирифт ва ногаҳон мардум фарёд ба хидмати эшон бурданд. Паёмбар (с) фармуд: "Шуморо чӣ шудааст?" гуфтанд: Эй Паёмбари Худо (с)! Мо обе барои нӯшидан ва вузӯ кардан надорем ба ҷуз ин обе ки дар пеши дасти шумост. Ровӣ мегӯяд: Паёмбари Худо (с) дасташро дар он зарфи об гузошт ва об аз миёни ангуштонаш монанди чашмаҳо фаврон кард ва онҳо аз он об нӯшиданд ва вузӯ гирифтанд.

Солим мегӯяд: Аз Ҷобир пурсидам: Шумо чанд нафар будед? Гуфт: Агар сад ҳазор нафар ҳам будем, он об барои мо кофӣ буд, аммо мо ҳазору понсад нафар будем.

Савол 631: Паёмбари Худо (с) нисбати нафароне, ки дар Ҳудайбия иштирок доштанд, чӣ фармуданд?

Ҷавоб 631: Аз Ҷобир (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки дар Бадру Ҳудайбия иштирок доштанд дохили оташи дузах намешаванд".

Савол 632: Паёмбари Худо (с) нисбати асҳоби Шаҷара чӣ гуфтанд?

Ҷавоб 632: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Ягон нафари асҳоби Шаҷара дохили оташи дузах намешаванд".

Савол 633: Асҳоби Шаҷараро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 633: Паёмбари Худо (с) дар Ҳудайбия зери дарахт бо тамоми нафароне, ки он ҷо буданд, байъат намуданд. Инҳоро асҳоби Шаҷара меноманд.

Савол 634: Аз байни саҳобагон, кӣ дар ин байъат иштирок надошт?

Ҷавоб 634: Аз байни саҳобагон ҳазрати Усмон (р), ки ба Маккаи мукаррама дохил шуда буд, дар ин байъат иштирок надошт.

Савол 635: Пас, Паёмбари Худо (с) чӣ амал нишон доданд?

Ҷавоб 635: Паёмбари Худо (с) дасти росташро нишон дода гуфт: Ин дасти Усмон аст. Пас ба дасти

росташ ба дасти чапаш заду гуфт: Ин аз барои Усмон аст.

Савол 636: Аввалин нафаре, ки дар ин зери дарахт байъат намуд, кӣ буд?

Ҷавоб 636: Аввалин нафаре, ки байъати Ризвонро анҷом дод, марде аз Бани Асад, Абӯсинон ибни Ваҳб буд.

Савол 637: Дар ин байъат, кӣ ду бор байъат кард?

Ҷавоб 637: Дар ин байъат Ибни Умар (р) ду бор байъат намуданд. Як бор пеш аз падараш ва бори дигар баъди падараш байъат намуданд.

Савол 638: Паёмбари Худо (с) бо саҳобагон дар Ҳудайбия чанд рӯз монданд?

Ҷавоб 638: Баъзе уламо аз 10-рӯз зиёд, баъзеашон 19-рӯз ё 20-рӯз ва баъзеашон як моҳ гуфтаанд.

**Умраи Қазо**

Савол 639: Умраи Қазо кай ва кадом сол воқеъ шуд?

Ҷавоб 639: Умраи Қазо ҳамон умрае аст, ки Паёмбар (с) соли баъд аз Ҳудайбия моҳи зулқаъдаи соли 7-ӯми ҳиҷрат бо ҳамроҳии саҳобагон анҷом доданд.

Савол 640: Барои чӣ умраи Қазо номида шудааст?

Ҷавоб 640: Номгузории он ба ин ном ба хотири он аст, ки дар ҳақиқат қазои соли қабл маҳсуб мешуд.

Савол 641: Оё умраи Қазоро бо номҳои дигаре номгузорӣ кардаанд?

Ҷавоб 641: Бале, бо номҳои умраи Қазия, умраи Қисос ва умраи Сулҳ ном мебурданд.

Савол 642: Нафароне, ки бо Паёмбари Худо (с) дар умраи Қазо иштирок доштанд теъдодашон ба чанд нафар мерасид?

Ҷавоб 642: Теъдоди мусулмононе, ки дар умраи Қазо иштирок доштанд ба ду ҳазор нафар мерасид.

Савол 643: Дар умраи Қазо Паёмбар (с) чанд шутур қурбонӣ намуданд?

Ҷавоб 643: Паёмбари Худо (с) дар умраи Қазо шаст шутур қурбонӣ карданд.

Савол 644: Дар бораи умраи Қазо кадом оят нозил шудааст?

Ҷавоб 644: Дар бораи умраи Қазо ояти 194-сураи Бақара нозил шуд. "Моҳи ҳаром ивази моҳи ҳаром аст ва ҳурматҳо бо якдигар иваз мешавад".

Савол 645: Паёмбар (с) дар умраи Қазо бо кӣ издивоҷ намуданд?

Ҷавоб 645: Паёмбар (с) дар умраи Қазо бо Маймуна бинти Ҳорис издивоҷ намуданд.

Савол 646: Хутбаи никоҳро кӣ хонд?

Ҷавоб 646: Хутбаи никоҳро Ҷаъфар ибни Абӯтолиб хонд.

Савол 647: Дар умраи Қазо Паёмбар (с) бо саҳобагон чанд муддат истоданд?

Ҷавоб 647: Дар умраи Қазо Паёмбар (с) бо асҳоб 3-рӯз истоданд.

Савол 648: Дар умраи Қазо мӯи сари Паёмбар (с)-ро, кӣ тарошид?

Ҷавоб 648: Дар умраи Қазо мӯи сари Паёмбар (с)-ро Маъмар ибни Абдуллоҳи Адвӣ тарошид.

Савол 649: Марде аз Ибни Абӣ Авфо пурсид, ки оё Паёмбари Худо (с) соли умраи Қазо дохили Каъба шуданд ё не?

Ҷавоб 649: Ӯ дар ҷавоб гуфт: На, дохили Каъба нашуданд, зеро дохили Каъба пур аз бут буд.

**Умраи Ҷеърона**

Савол 650: Умраи Ҷеърона кай ва кадом сол воқеъ шуд?

Ҷавоб 650: Паёмбар (с) ва саҳобагон умраи Ҷеъронаро соли 8-ӯми ҳиҷрӣ анҷом доданд.

Савол 651: Соли фатҳи Макка кай ба вуқуъ пайваст?

Ҷавоб 651: Паёмбар (с) бо 10-ҳазор саҳоба даҳуми моҳи рамазони соли 8-ӯми ҳиҷрӣ хориҷ шуданд ва 20-ӯми моҳи рамазони соли 8-ӯми ҳиҷрӣ Макка фатҳ шуд.

Савол 652: Паёмбари Худо (с) кадом моҳ аз Ҷеърона эҳром бастанд?

Ҷавоб 652: Аксари уламо бар он ақидаанд, ки Паёмбар (с) дар аввали моҳи зулқаъда баъди тақсимоти ғаниматҳои Ҳунайн эҳром бастанд.

Савол 653: Ҷеърона дар куҷо ҷойгир аст?

Ҷавоб 653: Ҷеърона байни Тоиф ва наздикии Маккаи мукаррама ҷойгир аст.

Савол 654: Дар умраи Ҷеърона мӯи сари Паёмбари Худо (с)-ро кӣ тарошид?

Ҷавоб 654: Баъзе уламо бар он ақидаанд, ки мӯи сари Паёмбар (с)-ро Абӯ Ҳинд тарошид ва баъзеҳо мегӯянд, ки Муовия (р) тарошид.

## Ҷиноёт

Савол 655: Агар муҳрим тухми шутурмурғро шикаст, пас чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 655: Ҳар гоҳ муҳрим тухми шутурмурғро шикаст, пас бар вай тухм воҷиб аст. Аз ҳазрати Алӣ (р) ва Ибни Аббос (р) ҳамин нақл аст.

Савол 666: Агар муҳрим аз сар ё аз ҷои дигари баданаш шапушеро гирифту кушт ё ба замин партофт, чӣ мешавад?

Ҷавоб 666: Дар ин сурат муносиб аст, ки як мушт гандум садақа бидиҳад.

Савол 667: Далелаш чист, ки ба куштани шапуше садақа бояд дод?

Ҷавоб 667: Далелаш ин аст, ки шапуш аз чирк пайдо мегардад, ки болои бадан бошад ва ба пок кардани чирк садақа воҷиб мегардад, пас инчунин ба куштан ва ба замин андохтани шапуш низ чизе аз ғалла воҷиб мегардад. Дар китоби Ҷомеъу-с-Сағир омадааст, ки чизе бидиҳад.

Савол 668: Сабабаш чист, ки барои куштани мурча, пашша, кайк ва хасак, чизе воҷиб намешавад?

Ҷавоб 668: Агар муҳрим пашша, мурча, кайк ё хасакро қатл кард, пас бар муҳрим чизе воҷиб нест, зеро ин ҳайвоноти шикорӣ нест. Зеро ҳайвоноти шикорӣ он аст, ки аз инсон метарсанд ва ин ҳашарот ба инсон рағбат мекунанд ва на ин ҳашарот аз бадани инсон пайдо мегардад.

Савол 669: Далелаш чист, ки барои куштани малах муҳрим чизеро, ки хоста бошад, садақа диҳад?

Ҷавоб 669: Агар муҳрим малахро қатл кард, пас чизеро, ки хоста бошад онро садақа кунад. Далел ин аст, ки малах шикори хушка аст, зеро ки шикор он аст, ки бидуни ҳила гирифтани он мумкин нест ва шикоркунанда иродаи онро низ дорад.

Савол 670: Сухани ҳазрати Умар (р) нисбати шикори малах чист?

Ҷавоб 670: Ҳазрати Умар (р) мефармояд, ки хурмо аз як малах беҳтар аст.

Савол 671: Агар касе сангпуштро кушт бар вай чизе товон мешавад ё не?

Ҷавоб 671: Ҳар гоҳ муҳрим сангпуштро қатл кард, пас бар вай чизе товон воҷиб намешавад.

Савол 672: Оё сангпушт ҳайвони шикорӣ мешавад ё не?

Ҷавоб 672: Масъала ин аст, ки гирифтани сангпушт бидуни ҳила мумкин аст ва касе иродаи куштани онро низ намекунад, аз ин рӯ, ин ҳайвони шикорӣ низ нашуд.

Савол 673: Агар муҳрим аз шикори Ҳарам шир дӯшид, бар вай чӣ ҳукм аст?

Ҷавоб 673: Агар муҳрим аз шикори Ҳарам шир дӯшид, пас бар вай товони қимати шир воҷиб аст, зеро шир аз аҷзои бадани шикор аст, пас мушобеҳ шуд бо айни шикор ва дар айни шикор дар ҷазо товон воҷиб мешавад, ҳамчунон дар шири он низ ҷазо воҷиб мешавад.

Савол 674: Ба қатли ҳайвоноти ваҳшӣ, дарранда ва гӯшташ хӯрданашаванда низ ҷазое ҳаст ё не?

Ҷавоб 674: Агар муҳрим ҳайвони ғайри гӯшташ хӯрдашавандаро қатл кард, монанди ҳайвони дарранда гург ва ғайра, пас ба қатл кардани он низ ҷазо воҷиб аст.

Савол 675: Далелаш чист?

Ҷавоб 675: Далели мо ин аст, ки ҳайвоноти даррандаи ваҳшӣ аз мардум мегурезанд ва мардум иродаи гирифтани онҳоро менамояд ё барои он ки аз пӯсти он фоида бигиранд, монанди шер ё барои ин ки тавассути он шикор бикунад, монанди боз ва ғайра.

Савол 676: Агар муҳрим шутур, гов, гӯсфанд, буз, мурғ ё мурғобиро кушт, оё ҷазое ҳаст ё не?

Ҷавоб 676: Дар куштани ҳайвоноти номбурда ҳеҷ ҳараҷ ва товоне нест, зеро инҳо шикорӣ ё ваҳшӣ нестанд.

Савол 677: Агар муҳрим кабӯтари Мусарвалро бикушад, оё бар вай ҷазо аст ё не?

Ҷавоб 677: Ҳар гоҳ муҳрим кабӯтари Мусарвалро бикушад, пас дар назди мо бар вай ҷазо воҷиб аст.

Савол 678: Кабӯтари Мусарвалро шарҳ диҳед, чӣ хел кабӯтар аст?

Ҷавоб 678: Мусарвал он кабӯтар аст, ки бар пойҳои он мӯйҳо ва болҳои зиёда бошад, монанде, ки

ӯ шарвол, яъне эзор пӯшида аст ва ба он помуз мегӯяд. (кабутари хонагӣ)

Савол 679: Агар ғайри муҳрим дар Ҳарам шикори Ҳарамро забҳ кард, оё товон медиҳад?

Ҷавоб 679: Ҳар гоҳ ғайри муҳрим шикори Ҳарамро забҳ кард, пас бар вай товони қимати он воҷиб аст ва он қиматро ба фақирони Ҳарам садақа менамояд, зеро кадом шахс ва ҳайвоне, ки дар Ҳарам сукунат менамояд ба он амн дода шудааст ва ҳангоме, ки ӯ онро забҳ кард, пас дар амни он халалро ба миён овард, пас ба ӯ зимон воҷиб аст.

Савол 680: Оё ягон далели ҳадисӣ оварда метавонед?

Ҷавоб 680: Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Гиёҳи Ҳарам қатъ карда намешавад ва на ҳайвоноти он ронда ва қаҳр карда мешавад". Ваҷҳи истидлол ин аст, ҳар гоҳ рондан ва ба қаҳр кардани ҳайвоноти Ҳарам ҷурм аст, пас забҳи он ба дараҷаи авло ҷурм аст.

Савол 681: Оё мо метавонем ин товонро бо рӯза гирифтан ҷуброн кунем?

Ҷавоб 681: Далел ин аст, ки қимати шикор як товон ва кафора аст, аз ин рӯ ба товони молӣ мушобеҳ шуд ва товони молиро касе ба гирифтани рӯза адо менамояд, адо намешавад. Товони молӣ ба

мол адо мегардад, бидуни мол ба чизи дигаре адо намешавад.

Савол 682: Фарқ миёни ин, ки барои муҳрим дар ҷазои шикор ба ҷои қимат гирифтан рӯза ҷоиз аст ва барои ғайримуҳрим дар ҷазои шикори Ҳарам рӯза гирифтан ҷоиз нест, дар чист?

Ҷавоб 682: Барои муҳрим ҷазо ба сабаби он феъл воҷиб мешавад, ки иртикоби онро дар ҳолати эҳром кардааст. Ва дар ғайримуҳрим ҷазо аз ин ҷиҳат лозим мегардад, ки ӯ аз маҳал, яъне аз шикор васфи амниятро зоил кардааст ва рӯза ҷазои феъл шуда метавонад, ҷазои маҳал шуда наметавонад, бад-ин ҷиҳат барои муҳрим дар сурати шикори Ҳарам рӯза кофӣ шуда метавонад, вале барои ғайримуҳрим кофӣ намешавад.

Савол 683: Оё кандани хоч дар Ҳарам ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 683: Хоч дар вақти борон пайдо мегардад, дар дохили Ҳарам қатъ кардани ӯ ҷоиз аст, зеро ки ӯ гиёҳ нест.

Савол 684: Оё қатъ (кандан) кардани Изхир ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 684: Бале, қатъ кардани Изхир ҷоиз аст, зеро Изхир дар қабристонҳо ва хонаҳо барои хушбӯйи истеъмол мегардад. Ин дар ҳадис омадааст.

Савол 685: Оё дар гиёҳи Ҳарам чаронидани ҳайвон ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 685: Дар гиёҳи Ҳарам чаронидани ҳайвон ҷоиз нест.

Савол 686: Пас, ҳайвонҳо аз куҷо алаф мехӯранд?

Ҷавоб 686: Алафро барои ҳайвонот аз беруни Ҳарам аз Ҳилл меоранд.

Савол 687: Имом Абӯюсуф (раҳ) дар ин бора чӣ мегӯяд?

Ҷавоб 687: Имом Абӯюсуф (раҳ) мегӯяд, ки дар чаронидан дар гиёҳи Ҳарам боке нест, зеро ки дар он зарурат аст ва манъ кардани ҳайвонот аз он мушкил аст.

Савол 688: Касе, ки дар рӯзи Наҳр (ид) ё дар рӯзҳои Ташриқ (11,12.13) қабл аз ҳалқ (сар тарошидан) ё қабл аз тавофи зиёрат барои умра эҳромро баста кард, ҳукмаш чист?

Ҷавоб 688: Бар вай умра лозим шуд, зеро ки шурӯъ кардани умра саҳеҳ аст, албатта бар вай тарк кардани умра лозим аст, зеро ки ин шахс рукни ҳаҷ, яъне вуқуфи Арафаро адо кардааст, пас ҳар гоҳ ӯ пас аз вуқуфи Арафа афъоли умраро адо кунад, пас ӯ бинокунандаи афъоли умра ба афъоли ҳаҷ мешавад ва ин хилофи суннат аст. Дигар ин ки дар ин рӯзҳо

адо кардани умра макрӯҳ аст, аз ин рӯ тарк кардани ин умра воҷиб аст.

Савол 689: Оё ба тарк кардани умра бар ӯ чизе лозим мешавад ё не?

Ҷавоб 689: Шахсе, ки дар рӯзи Наҳр ё рӯзҳои Ташриқ барои умра эҳром баста кард ва умраро тарк кард, пас бар вай ба сабаби тарк кардани умра қурбонӣ лозим мешавад.

Савол 690: Ҳадя чиро мегӯянд?

Ҷавоб 690: Ҳадй (ҳадя) ба он ҳайвоне гуфта мешавад, ки дар Ҳарам қурбонӣ карда мешавад.

Савол 691: Калимаи Ҳадйро дар Қуръони карим баён кунед?

Ҷавоб 691: Худои Таъоло мефармояд: **“Ва агар боздошта шавед, пас аз қурбонӣ он чи муяссар бошад, бикунед ва то он ки қурбонӣ ба ҷояш бирасад, сарҳои худро матарошед”.** Ин ҷо калима қурбонӣ ҳамон ҳадй мебошад.

Савол 692: Касе, ки вуқуфи Арафотро анҷом дод ва аз дигар амалҳои боқимонда манъ шуд, оё муҳсар ҳисоб мешавад ё не?

Ҷавоб 692: Касе, ки вуқуфи Арафот кард ва пас аз он аз адо кардани аҳкоми дигар манъ карда шуд, пас ӯ муҳсар нест, зеро ки сабаби эҳсор хавфи фавт шудани ҳаҷ аст ва ҳангоме, ки ӯ вуқуфи Арафотро

кард, пас аз фавт шудани ҳаҷ эмин шуд, зеро ки Паёмбар (с) фармудааст: **“Ман вақафа би арафа фа қад тамма ҳаҷҷуҳу”**, яъне “Касе, ки ба Арафот вуқуф кард ба таҳқиқ ҳаҷҷаш тамом шудааст”. Пас, ҳар гоҳ сабаби эҳсор мавҷуд нашуд, пас эҳсор ҳам мавҷуд нашуд.

Савол 693: Оё барои анҷом надодани аҳкоми боқимонда ба ӯ чизе воҷиб мешавад ё не?

Ҷавоб 693: Албатта бар вай ба назди Имом Абӯҳанифа (раҳ) чаҳор қурбонӣ воҷиб мешавад.

1.Ба сабаби тарк кардани вуқуф ба Муздалифа

2.Ба сабаби тарк кардани рамй ҷамарот

3.Ба ҷиҳати таъхири тавофи зиёрат

4.Ба сабаби таъхири ҳалқ (сар тарошидан).

Савол 694: Ба назди Соҳибайн (раҳ) чанд чиз воҷиб мешавад?

Ҷавоб 694: Ба назди Соҳибайн (раҳ) ба сабаби таъхири тавофи зиёрат ва ҳалқ (сартарошӣ) бар вай чизе воҷиб намешавад. Ба назди Соҳибайн (раҳ) бар вай ду қурбонӣ воҷиб аст.

**Масоили мутаффариқа (наёбат)**

Савол 695: Оё бахшидани савоби ҳаҷ, умра, садақа ё ягон ибодати дигар ба дигарон ҷоиз аст ё не, далелашро биёред?

Ҷавоб 695: Далели аҳли суннат ва ҷамоат ин аст, ки Расули Худо (с) ду гӯсфандро қурбонӣ кард, ки яке сафед ва дигари сиёҳ буданд, дар он аз уммати худ аз тарафи касоне қурбонӣ кард, ки ба тавҳиди Аллоҳу Таъоло ва рисолати Набӣ (с) имон доранд. Бибинед Паёмбари Худо (с) савоби қурбонии як гӯсфандро ба уммати худ бахшид. Ҳар гоҳ бахшидани савоб ҷоиз намебуд, пас Расули акрам (с) чӣ гуна мекард.

Савол 696: Оё дар ҳаҷ наёбат ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 696: Ҳаҷ ҳам ибодати молӣ аст ва ҳам ибодати баданӣ. Тақозои молӣ ин аст, ки дар ҳаҷ наёбат ҷоиз шавад ва тақозои баданӣ ин аст, ки наёбат ҷоиз нашавад. Пас, мо ба ҳар ду тақозо дар ҷудо-ҷудо маҳал амал мекунем. Агар худи инсон ба адо кардани ҳаҷ қудрат дошта бошад, пас наёбат ҷоиз нест, зеро ки ҳаҷ мин ваҷҳи ибодати баданӣ аст ва дар ибодати баданӣ итъоби нафс ва таҳаммули таклиф аст ва ин амр ба наёбат ҳосил намешавад ва агар худаш қудрат надошта бошад, пас ин ки ҳаҷ як ибодати молӣ аст, пас ба наёбати шахси дигар ҳаҷ ҷоиз мегардад, зеро ки дар ибодати молӣ наёбат саҳеҳ мегардад.

Савол 697: Оё дар ҳаҷҷи нафлӣ бо вуҷуди қудрат доштан наёбат ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 697: Дар ҳаҷҷи нафлӣ бо вуҷуди қудрат наёбат ҷоиз аст, яъне ҳар гоҳ шахс ҳаҷи фарзиро адо карда бошад ва барои ҳаҷи нафлӣ шахси дигареро ноиби худ муқаррар кунад, пас ин ҷоиз аст. Зеро ки биноан навофил ба тахфиф аст. Намебинед ҳар гоҳ дар нафл ба қиём қодир бошад ва боз ҳам нишаста намоз бихонад, пас ҷоиз аст. Пас ҳамин гуна дар ҳаҷи нафлӣ бо вуҷуди қудрат наёбат ҷоиз аст.

Савол 698: Далелаш чист?

Ҷавоб 698: Далелаш ин ҳадис аст, ки бо ҳадиси Хасъамӣ машҳур аст, ки Паёмбар (с) ба эшон фармуда буд, ки аз тарафи падари худ ҳаҷ ва умра бикун.

Савол 699: Ҳадиси Хасъамиро лутфан баён кунед?

Ҷавоб 699: Зане аз Паёмбари Худо (с) пурсиданд: Ё Расулаллоҳ (с) падарам пири солхӯрда аст худи ӯ қудрати ҳаҷ карданро надорад, оё барои ман ин иҷозат аст, ки аз тарафи ӯ ҳаҷ кунам? Паёмбар (с) барояш фармуд: Бале аз тарафи ӯ ҳаҷ бикун ва умра бикун.

Савол 700: Агар шахсе аз тарафи майит ҳаҷ кунад ва ӯ муҳсар шуд, пас чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 700: Ҳар гоҳ шахсе аз тарафи майит ҳаҷ менамояд ва ӯ муҳсар шуд, пас ба назди тарафайн дами (хуни) эҳсор хуни моли майит воҷиб мегардад.

Ва ба назди Имом Абӯюсуф (раҳ) бар вакил воҷиб мегардад.

Савол 701: Агар касе дар роҳи ҳаҷ вафот ёфт, Паёмбар (с) барои ӯ чӣ фармудаанд?

Ҷавоб 701: Паёмбари Худо (с) фармудааст: "Касе, ки дар роҳи ҳаҷ вафот ёфт, барои ӯ ҳар сол ҳаҷ навишта мешавад."

Савол 702: Камтарин ҳадя кадом аст?

Ҷавоб 702: Аз Паёмбари Худо (с) дар бораи ҳддӣ пурсида шуд, пас фармуд: «Камтарини ҳадӣ буз аст»,

Савол 703: Аз кадом намуд ҳадоё хӯрдан мустаҳаб аст ва аз кадомаш хӯрдан иҷозат нест?

Ҷавоб 703: Аз ҳадяи нафлӣ, таматтӯъ ва қирон хӯрдан мустаҳаб аст, зеро ки дар ҳадис омадааст, ки Расули Худо (с) гӯшти ҳадяи худро тановул намуданд ва шӯрбои онро хӯрданд. Ва ба кадом тариқае, ки тақсим кардани гӯшти қурбонӣ мустаҳаб аст ба ҳамин тавр тақсим кардани гӯшти ҳадоё низ мустаҳаб аст, яъне аз се ҳиссаи он як ҳиссаро садақа кунад, ҳиссаи дуввумро ҳадя кунад ва ҳиссаи саввумро худаш хӯрда ва захира кунад.

Ҳангоме, ки Расули Худо (с) дар мақоми Ҳудайбия муҳсар шуд ва ҳадяҳоро ба дасти Ноҷияи Асламӣ (р) ба Ҳарам фиристод, пас ба Ноҷияи Асламӣ (р) фармуд, ки аз он худатон нахӯред ва ба

руфақои худ надиҳед. Онҳоро аз ин рӯ аз хӯрдан манъ карда буданд, ки онҳо давлатманд буданд. Аз ин низ маълум гардид, ки дами (хуни) эҳсор ва ғайра, ки қурбониҳои кафорат ва ҷиноёт аст, он ҳаққи фуқаро аст на ба худи шахс хӯрдан аз он ҷоиз аст ва на ба ағниё хӯрдани он ҷоиз аст.

Савоб 704: Агар касе назр кард, ки пойи пиёда ҳаҷ кунад, оё онро анҷом диҳад ё не?

Ҷавоб 704: Ҳар гоҳ шахсе назр кард, ки пойи пиёда ҳаҷ равад, пас бар вай рафтани пиёда ва ҳаҷ кардан лозим аст, савор нашавад то вақте, ки тавофи зиёратро накарда бошад, ин иборати «Ҷомеъу-с-Сағир» аст ва ин саҳеҳ аст. Дар Мабсут барои ӯ ихтиёри пиёда ва савор шудан дода шудааст.

Савол 705: Оё нисбати пиёда ҳаҷ кардан ягон ҳадисе ҳаст ё не?

Ҷавоб 705: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки пиёда ҳаҷ кард, пас барои ӯ ба ҳар қадам аз некиҳои Ҳарам дода мешавад». Пурсида шуд: Некиҳои Ҳарам кадом аст? Паёмбари Худо (с) фармуданд: Некии Ҳарам баробар ба ҳафтсад некӣ аст.

Савол 706: Ба касе, ки дар хориҷ аз миқот сукунат дошта бошад ва бихоҳад барои анҷоми кори ғайр аз

ҳаҷ ва ё умра дохили Маккаи мукаррама шавад, оё эҳром бибандад ё не?

Ҷавоб 706: Дар мазҳаби Аҳноф лозим аст. ки эҳром баста яке аз нусукайн, яъне ҳаҷ ва умраро анҷом диҳад, агарчи дар асл чунин ниятеро ҳам надошта бошад, вале дар аксари мазоҳиби дигар барои чунин касе эҳром бастан лозим ва зарурӣ нест.

Савол 707: Ба сокини Маккаи мукаррама, чӣ сокини доимӣ ва чӣ сокини муваққат, агар ҷиҳати анҷоми коре аз замини Ҳарам берун гардид, вале аз миқот нагузашта вопас ба Маккаи мукаррама бармегардад, оё ба ин шахс эҳром бастан зарур аст ё не?

Ҷавоб 707: Агар ин шахс аз замини Ҳарам берун гардида, аммо аз миқот нагузаштааст, эҳром бастан ва анҷом додани ҳаҷ ва ё умра бар вай лозим нест, яъне метавонад бе эҳром дохил шавад.

Савол 708: Агар касе барои анҷоми коре аз Маккаи мукаррама ба Ҷидда меравад, ҳангоми бозгашт ба Маккаи мукаррама оё эҳром бастан бар вай лозим аст ё не?

Ҷавоб 708: Дар ин ҳолат эҳром бастан ва анҷоми умра бар вай лозим нест, метавонад бе эҳром дохил шавад.

Савол 709: Агар касе аз Маккаи мукаррама ба Тоиф ё ба Мадинаи мунаввара равад, яъне аз миқотҳо гузашт, пас дубора дохил шудан ба Маккаи мукаррама эҳром бибандад ё не?

Ҷавоб 709: Агар касе аз миқотҳо гузашт дар вақти бозгашт ба Маккаи мукаррама эҳром бастан ва анҷом додани умра ва ё ҳаҷ дар назди мо бар вай лозим мегардад.

Савол 710: Агар касе аз рӯи иштибоҳ, фаромӯшӣ ва ё зарурат аз миқот бе эҳром бигзарад, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 710: Агар касе аз рӯи иштибоҳ ва ё зарурат аз миқот бе эҳром мегузарад, ё бояд рафта аз яке аз миқотҳо эҳром бибандад ва ё он, ки бар вай дам (хун) лозим мегардад.

Савол 711: Агар касе оберо барои ғусл кардан ва ё вузӯ сохтан ба даст оварда натавонист, метавонад эҳром бибандад ё таяммум лозим мешавад?

Ҷавоб 711: Агар об наёфт бояд ҳамон тавр эҳром бибандад ва таяммум кардан лозим нест, вале барои адои ду ракъат намози эҳром монанди ҳар намози дигаре бояд таяммум кунад.

Савол 712: Агар касе бо вуҷуди будани об бидуни ғусл ё вузӯ (таҳорат) эҳром баст, оё бар вай хун аст ё не?

Ҷавоб 712: Агар касе бо вуҷуди будани об бидуни ғусл ва ё вузӯ эҳром баст, эҳромаш бо кароҳат ҷавоз дошта бар вай чизе аз хун ва ё садақа лозим намегардад.

Савол 713: Агар ранги эҳром сиёҳ, обӣ ва ё зард бошад, оё ҷоиз аст?

Ҷавоб 713: Ҷоиз аст, ки либоси эҳром ба рангҳои дигаре низ, масалан сиёҳ ва ё обӣ ва ё зард бошад, вале ранги сафед авло ва мустаҳаб аст.

Савол 714:Бо кадом далел либоси эҳроми сафед авло ва мустаҳаб аст?

Ҷавоб 714: Бо ин ҳадиси Паёмбари Худо (с): **«Илбасӯ мин сиёбикуму-л-баёз фа иннаҳо хайра сиёбикум ва каффинӯ фиҳо мавтокум»,** яъне «Аз либосҳои сафедатон бипӯшед, зеро инҳо беҳтарин либос аст ва мурдаҳоятонро бо либоси сафед кафан кунед».

Савол 715: Агар касе ду ракъат намози эҳромро тарк кунад оё ба тарккунандаи он хун ё садақа лозим мешавад ё не?

Ҷавоб 715:Ду ракъат намози эҳром суннат буда, таркаш макрӯҳ аст, вале ба тарккунандаи он дам (хун) ва ё садақа лозим намегардад.

Савол 716:Адои ин ду ракъат намоз дар кадом вақтҳо соқит гардида, қазоие ҳам надорад?

Ҷавоб 716: Дар вақтҳои зерин соқит аст.

1.Баъд аз намози фаҷр (бомдод) то баромадани офтоб.

2.Баъд аз намози аср то ғуруби офтоб.

3.Ҳангоми тулӯъи завол ва ғуруби офтоб.

Савол 717: Агар касе бо қалби худ нияти ҳаҷ кунад ва бо забони худ чизе нагӯяд, оё эҳромаш саҳеҳ аст ё не?

Ҷавоб 717: Агар касе бо қалби худ нияти ҳаҷ кунад ва бо забони худ чизе нагӯяд, эҳромаш бо нияти қалбан кардааш саҳеҳ мегардад.

Савол 718: Агар касе ба таври мубҳам, яъне бидуни таъйини ҳаҷ ва ё умра ният карда, эҳром бандад. Оё эҳромаш саҳеҳ аст ё не?

Ҷавоб 718: Агар касе ба таври мубҳам, яъне бидуни таъйини ҳаҷ ва ё умра ният карда эҳром бандад эҳромаш саҳеҳ буда, қабл аз шурӯъи тавоф метавонад тавре, ки мехоҳад навъи онро таъйин намояд, вале агар то анҷоми шавти (даври) аввал чизе таъйин накарда бошад, эҳромаш барои умра таъйин мегардад.

Савол 719: Агар ҳоҷӣ дар ҳоли адами таъйини ният тавоф накарда, рост ба Арафот равад, эҳромаш аз ҳаҷ аст ё аз умра?

Ҷавоб 719: Агар дар ҳоли адами таъйини ният тавоф накарда, рост ба Арафот равад, эҳромаш эҳроми ҳаҷ шумурда мешавад.

Савол 720: Оё ният ва талбияро ба лафзи арабӣ гуфтан зарур аст ё хайр?

Ҷавоб 720: Лозим нест, ки ният ва талбия ба лафзи арабӣ бошад, балки гуфтани онҳо ба ҳар лафзи дигаре, чун форсӣ-тоҷикӣ, пашту, урдӯ, русӣ, англисӣ, узбекӣ, туркӣ ва ғайра низ ҷоиз аст. Аммо талбия ба забони арабӣ беҳтар аст.

Савол 721: Оё талбия гуфтан ба таври дастаҷамъӣ ва нағмасароӣ ягон асли шаръӣ дорад ё не?

Ҷавоб 721: Беҳтар аст ҳар кас ба таври мустақилона талбия бигӯяд ва гуфтани он ба таври дастаҷамъӣ ва нағмасароӣ асли шаръӣ надорад.

## Маълумоти иловагӣ оиди тавоф

Савол 722: Оё ҳангоми тавоф ва саъй талбия бигӯем ё не?

Ҷавоб 722: Дар ҳангоми тавоф ва саъй набояд талбия гуфт, балки бояд ба дуо ва истиғфор машғул гардид.

Савол 723: Дар кадом ҳолатҳо тавоф кардан ҷоиз нест?

Ҷавоб 723: *Дар ҳолатҳои зайл тавоф кардан ҷоиз нест:*

А.Дар вақти барпо будани намози ҷамоат

Б.Дар вақти қазо шудани намози вақтӣ

В.Дар сурати фавт шудани намози ҷаноза

Г.Дар сурати фавт шудани намози витр

Д.Дар сурати фавт шудани суннати муаккада

Савол 724: Аркони тавоф чанд аст?

Ҷавоб 724: Тавоф дорои ду рукн аст:

1.Тавоф кардан ба ҳамаи Хона. Биноан, тавоф дар дохили Хона ва ё ба ҷузъе аз Хона тавоф шумурда намешавад.

2.Тавоф кардани бештар аз ниме аз ҳафт шавт (давр).

Савол 725: Шартҳои тавоф кадомҳоянд?

Ҷавоб 725: Шурути тавоф бар ду навъ аст:

1.Шурути ом, ки дар тавофе шарт аст.

2.Шурути хос, ки дар баъзе аз тавофҳо шарт буда, дар баъзеи дигари онҳо шарт нест.

Савол 726: Шурути ом аз чӣ иборат аст?

Ҷавоб 726: Шурути ом иборатанд аз: 1. Ислом, 2. Ният, 3. Тавоф кардан аз тарафи рости Хона, 4. Тавоф кардан аз дохили масҷид.

Савол 727: Шурути хос кадомҳоянд?

Ҷавоб 727: Шурути хос се чиз аст: 1. Воқеъ шудани тавоф дар вақти муайяни он, 2. Масбуқ будан ба вуқуф дар Арафа, 3. Масбуқ будан ба эҳром.

Савол 728: Воҷиботи тавоф чиро мегӯянд?

Ҷавоб 728: Воҷиботи тавоф иборат аз аъмоле аст, ки анҷом додани онҳо зарурӣ ва лозимӣ аст, вале фавти онҳо сабаби бутлони тавоф нагардида, бо додани хун ҷуброн мегардад.

Савол 729: Воҷиботи тавоф кадомҳоянд?

Ҷавоб 729: Воҷиботи тавоф иборатанд аз: 1. Таҳорат, 2.Пок будани ҷома ва бадан 3. Пӯшондани аврат 4.Анҷом додани тавофи зиёрат дар рӯзҳои Наҳр (се рӯзи ид) 5.Шурӯъ кардани тавоф аз Ҳаҷаруласвад 6.Тавоф намудан аз ақиби Ҳатим 7.Комил кардани ҳафт шавт (давр) 8.Пиёда тавоф намудан 9. Адои ду ракъат намоз.

Савол 730: Адои ду ракъат намози паси мақоми Иброҳимро аз кадом вақтҳо ба таъхир андозанд?

Ҷавоб 730: Ин вақтҳо иборатанд аз:

А. Баъд аз тулӯъи бомдод то баромадани офтоб

Б. Ҳангоми истивои (қиём) офтоб

В. Баъд аз намози аср то ғуруби офтоб

Г. Ҳангоми хутбаи рӯзи ҷумъа ва идайн (иди қурбон ва рамазон)

Д. Барпо будани намози ҷамоат

Е. Хавфи фавти намози фарз, воҷиб ва ё суннати муаккада

Ж. Хавфи фавти намози ҷаноза

Савол 731: Суннатҳои тавоф кадомҳоянд?

Ҷавоб 731: Суннатҳои тавоф иборат аз аъмоле аст, ки анҷом додани онҳо матлуб буда, савоби комил дорад, вале тарки онҳо на тавофро ботил мекунанд ва на мӯҷиби дам (хун) ва ё садақа мегарданд, балки фақат сабаби маломате ва гуноҳ аст. Ин суннатҳо иборатанд аз:

**1.Истиломи Ҳаҷаруласвад**

Ҳоҷӣ дар ҳар давр бояд Ҳаҷаруласвадро бибӯсад ва агар муяссар нашуд, бар он даст бикашад ва агар ин ҳам муяссар нашуд, бо баланд кардани дастҳо тавре ки гуфта шуд, ишора кунад.

**2.Изтибоъ кардан**

Изтибоъ иборат аз берун кардани шонаи рост аз зери эҳром аст ва кайфияти он чунин аст : Як сари ридоро ба шонаи чапи худ андохта, сари дигари ридоро аз зери бағали рост гузаронад ва ба сари шонаи чапи худ бияндозад.

**3.Рамал дар се шавти аввал**

Рамал ва ё паҳлавонӣ рафтан иборат аз он аст, ки шахс ҳангоми тавоф қадамҳояшро наздики ҳам

гузошта. бо ҳаракат додани шонаҳо ва ба суръате, ки аз рафтори оддӣ тезтар бошад, тавоф намояд.

**4.Оддӣ рафтан дар чаҳор шавти ахир**

Агарчанде ба ҳоҷӣ муяссар ҳам бошад, суннат аст, ки дар чаҳор шавти ахир рамалро анҷом надода, балки ба таври оддӣ тавоф намояд.

**5.Истиломи Ҳаҷаруласвад дар хатми тавоф**

Албатта истиломи Ҳаҷаруласвад  дар тавофе аст, ки ҳоҷӣ мехоҳад баъд аз он саъй намояд ва дар тавофе, ки баъд аз он саъй намекунад, истилом суннат нест.

**6-Ибтидо кардан ба тавоф аз муқобили Ҳаҷаруласвад**

Гарчи баъзеҳо тавре, ки қаблан ёдовар шудем ин амалро аз шурут ва ё аз воҷиботи тавоф донистаанд.

**7.Рӯй овардан ба Ҳаҷаруласвад дар шурӯъи тавоф**

**8.Татобуъ байни шавтҳои тавоф**

Ҳоҷӣ байни як шавт ва шавти баъдӣ бояд ба кори дигаре машғул нагардад, вале агар дар аснои тавоф намоз иқома гардид, тавофро қатъ намуда, намозро адо намояд ва баъд аз хатми намоз бақияи тавофи худро анҷом диҳад, яъне қисмати аввали тавофаш, ки пеш аз намоз анҷом гирифтааст, саҳеҳ буда, ба ҳоли аввалии худ боқӣ аст.

**9.Пок будани либос ва бадан аз наҷосати ҳақиқӣ**

Тавре ки қаблан гуфтем, баъзе аз уламо ин амалро аз воҷиботи тавоф донистаанд ва иддае аз муҳаққиқин назари саввумӣ доранд ва он пок будани либос ба андозаи сатри аврат воҷиб ва бештар аз он суннат аст

Савол 732: Мустаҳабботи тавофро номбар кунед?

Ҷавоб 732: Анҷом додани мустаҳаббот савоб дошта, аз тарки онҳо на чизе лозим гардида ва на шахси тавофкунанда гунаҳкор мегардад. Ин мустаҳаббот иборатанд аз:

**1.Тавоф кардан аз наздики Хона**

Ин тавоф барои мардҳост ва дар ҳолатест, ки ин амал боиси азият ва озори дигарон нагардад, вагарна аз ҳар ҷое, ки муяссар бошад, метавонад тавоф намояд. вале мустаҳаб барои занҳо он аст, ки онҳо қадре дуртар аз Хона тавоф намуда, бикӯшанд тавофашон дар вақте воқеъ шавад, ки издиҳоми мардҳо камтар бошад.

**2.Аз сар гирифтани тавофе, ки қатъ мегардад**

Масалан, ҳоҷӣ як ё ду шавт тавоф карда буд, ки намоз барпо гардид, бояд намозро адо намуда, баъд аз адои намоз тавофро аз сар гирифта ҳафт шавти дигар тавоф намояд, вале агар ба тавофи шавтҳои

боқимонда иктифо намуд, боз ҳам ҷавоз дошта, тавофаш сиҳҳат дорад(яъне аз давомаш тавоф кунад, ҷоиз аст).

**3.Тарки гуфтугӯ**

Сухан гуфтан тавофро ботил намекунад, вале бидуни шак тарки сухан ва гуфтугӯ дар ҳангоми тавоф беҳтар ва авлост.

**4.Тарки аъмоли манофӣ бо хушӯъ**

Аъмоле, ки хушӯъ ва фурӯтаниро барҳам мезанад, тарки он авло аст, монанди хӯрдану ошомидан, пок кардани айнакҳо, шумора кардани пул ва амсоли инҳо.

**5.Оҳиста хондани дуоҳо**

Дуоҳо бояд оҳиста ва оддӣ хонда шаванд, магар он ки касони дигаре бошанд, ки дуоҳоро бо ӯ такрор карда, дар хондани дуоҳо аз ӯ пайравӣ намоянд.

**6.Ҳузури қалб**

Лозим аст, ки тавофкунанда худро руҳан ва ҷисман, бо ҳамаи вуҷудаш дар мақоми розу ниёз бо зоти Борӣ таоло эҳсос намояд.Ӯ набояд бо ҷисми хеш даври Хона гардида, бо қалби худ машғули ҳисоби фоида, нуқсони корҳои тиҷоратӣ ва ё маҳсулоти зироатии худ бошад.

**7.Адами илтифот ба ин тараф ва он тараф**

Ҳоҷӣ ҳангоми тавоф бояд машғули хондани дуоҳо ва истиғфор буда, аз назар кардан ва илтифот ба чапу рост худдорӣ намояд.

**8.Истиломи Рукни Ямонӣ**

Рукни Ямонӣ рукни муқобили Ҳаҷаруласвад дар арзи Хонаи Муборака аст. Бар ин рукн бояд фақат даст кашида шуда, аз бӯсидани он худдорӣ бояд намуд.

**9.Дуо кардан баъд аз ду ракъат намози тавоф**

Баъд аз он ки тавоф анҷом дода шуд ва ду ракъат намози тавоф адо гардид, дар муқобили Хонаи Муаззама дастҳоро барои дуо баланд карда ба ҳаққи худ, волидайн ва оммаи мусулмонон дуо намояд.

Савол 733:Мубоҳоти тавоф кадомҳоянд?

Ҷавоб 733: Мубоҳоти тавоф иборат аз аъмолест, ки на амал кардан ба онҳо савоб дорад ва на тарки онҳо мӯҷиби гуноҳ аст. Ин аъмол иборатанд аз:

**1.Салом кардан**

Ин дар ҳолате аст, ки тарафи муқобил машғули зикру дуо набошад ва агар он машғули зикр ва дуо бошад, салом додан бар вай макрӯҳ аст.

**2.Фатво додан**

Агар аз шахси тавофкунанда масъалае аз масоили шаръиро пурсон шаванд, дар сурати

доштани илм ба он масъала равост, ки ҳукми онро барои касе, ки фатво хостааст, баён дорад. Ва ин дар сурате аст, ки фатво надодани шахси тавофкунанда сабаби таътили ҳукми шаръӣ ва ё иртикоби маҳзуре аз маҳзуроти эҳром барои шахси фатвогиранда нашавад, варна фатво додан лозим буда ва тарки он мӯҷиби гуноҳ хоҳад буд.

**3.Фатво хостан**

Барои он, ки таъхир дар фатво хостан сабаби зоеъ шудани ҳукми шаръӣ нагардад, фатво хостан зарурӣ аст.

**4.Тарки тавоф ҷиҳати дафъи зарурат**

Агар тавофкунанда зарурат ба дафъи қазои ҳоҷат ва ё амали зарурии дигаре пайдо кард, раво аст, ки тавофро муваққатан тарк намуда, рафъи зарурат намояд.

**5.Ошомидани об**

Ин амал, албатта, дар сурати аташ ва ташнагии зиёд зарур аст.

**6.Тавоф кардан бо кафш, мӯза ва ё ҷуроб**

Иддае бар онанд, ки ин амал манофии адаб буда ва тарки он беҳтар аст.

**7.Тарки аврод ва дуоҳо**

Ба таври сокит, бидуни зикр ва хондани дуо тавоф намояд.

**8.Қироати Қуръон**

Бо он ки тавоф дар даври Хонаи Муаззама беҳтарин вақти дуо ва муноҷот аст, боз ҳам агар касе ивази дуо ба тиловат кардан Қуръони маҷид мепардозад, барояш раво аст.

**9.Тавофи савора**

Тавре, ки қаблан ёдовар шудем, тавоф бояд ба таври пиёда анҷом пазирад, вале агар касе аз пиёда анҷом додани тавоф маъзур бошад, савора тавоф намудан барояш ҷавоз дорад. Дар айёми гузашта, дар замонҳои собиқ дар даври Хонаи Муаззама дару деворе вуҷуд надоштааст ва баъзе аз ҳоҷиён тавофро дар ҳоли савор будан бар шутур анҷом медодаанд, вале акнун шахси маъзур рӯи тахти тобут, монанде ки рӯи сари ду нафар ҳамл мегардад ва ё бо аробаҳо тавоф дода мешавад.

Савол 734: Макрӯҳоти тавоф аз чӣ иборат аст?

Ҷавоб 734: Макрӯҳоти тавоф иборат аз аъмолест, ки тарки онҳо авло ва афзал буда, муртакиби онҳо мавриди маломат ва сарзаниш аст, вале аз тарки онҳо дам (хун) ва ё садақа лозим намегардад. Ин макрӯҳот иборатанд аз:

1.Сухан гуфтан бе зарурат

2.Хариду фурӯш

3.Тавоф дар вақти хутбаи ҷумъа ва ё идайн

4.Тавоф дар вақти ғалабаи бавл ва ё ғоит

5.Тарки суннате аз суннатҳои тавоф

6.Аҷала (саросема) кардан дар анҷом додани тавоф

7.Тавоф кардан дар вақти барпо будани намози ҷамоат

8.Тавоф аз ҷониби дигаре пеш аз тавоф кардан аз худ

Яъне агар касе ба наёбат аз дигаре, ки аз тавоф кардан оҷиз аст, тавоф менамояд бояд аввал тавоферо, ки бар зимаи худаш лозим аст анҷом дода ва сипас аз тарафи он шахси дигар тавоф намояд, варна тавофаш макрӯҳ хоҳад буд.

9. Сурудан ва хондани шеър

Дар сурате, ки ҳоҷӣ дар ҳамд ва санои Худованди ҷалла ҷалолуҳу ва наъти Паёмбари акрам (с) набошад, сурудану хонданаш ҷавоз дорад, аммо шеър ва суруде, ки мехонаду месарояд, дар маддоҳии козиб, маонии ишқӣ ва шаҳвонӣ бошад, сурудан ва хонданаш ҳаром аст.

Савол 735: Муҳаррамоти тавоф кадомҳоянд?

Ҷавоб 735: Муҳаррамоти тавоф иборат аз аъмолест, ки иртикоби онҳо мӯҷиби гуноҳ мегарданд, вале тавофро ботил намесозанд, вале барои ҷуброни

он дам (хун) лозим мегардад. Муҳаррамоти тавоф тарки воҷибе аз воҷиботи он аст.

Савол 736: Тавофи назрӣ чӣ хел тавоф аст?

Ҷавоб 736: Ин тавофе аст, ки он дар асл бар шахс воҷиб набуда худи шахс бар худаш илзом мекунад. Масалан, мегӯяд: Бар ман лозим бошад, ки имрӯз баъд аз намози шом як тавоф анҷом диҳад ё бинӯяд: Бар ман лозим бошад, ки ҳамарӯза баъд аз намози фаҷр (бомдод) чунин тавофе биёварам ва ё бигӯяд, то ҳангоми буданам дар Маккаи мукаррама ҳамарӯза як тавоф анҷом хоҳам дод ва амсоли инҳо. Албатта, баъд аз чунин илзоме бар худ ба ӯ лозим меояд ҳамон тавре, ки бар худ лозим гардонидааст, ба ваъдаи худ вафо намояд.

Савол 737: Тавофи таҳияи масҷид чӣ хел тавоф аст?

Ҷавоб 737: Ин тавоф барои касест, ки дохили масҷиди Ҳаром мегардад ва он мустаҳаб аст.

Савол 738: Тавофи нафлиро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 738: Ин тавофест, ки шахс бидуни сабабе аз асбоби зикршуда тақаррубан илаллоҳ, яъне барои наздик шудан ба Худо анҷом медиҳад. Ин тавоф бештар бо либосҳо анҷом дода мешавад.

## Дар бораи Ҳарам ва ҳудуди он

Савол 739: Ҳарам чиро мегӯянд?

Ҷавоб 739: Аз ҷумлаи мавзӯъоти марбут ба Макка ва ҳаҷ, ки ҳам аз назари фиқҳӣ донистанӣ ва ҳам аз назари таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ ҷолиб аст, Ҳарам, ҳудуд ва марзҳои он аст. Ҳарими муқаддаси хосе, ки аз шаш тараф Маккаро иҳота карда «Ҳарам» ва беруни он «Ҳилл» номида мешавад.

Савол 740: Барои чӣ Ҳарам мегӯянд ва иллати ҳурмат ва қаддосаташ дар чист?

Ҷавоб 740: Дар бораи иллати ҳурмат ва қадосати Ҳарам, Макка ихтилофи назар вуҷуд дорад, бархе гуфтаанд: Ҳангоме, ки Одам (а) ба замин фуруд омад аз васвасаи шайтон бимнок буд, аз ин рӯ, аз шарри шайтон ба Худо паноҳ бурд. Худованд фариштагонеро фиристод, ки Маккаро аз ҳар тараф иҳота карданд ва дар маҳалли насби аломатҳои Ҳарам қарор гирифтанд то аз Одам (а) ҳиросат (посбонӣ) кунанд. Аз ин ҷиҳат маҳдудаи байни ӯ ва байни маҳалли тавaққуфи фариштагон Ҳарам шуд.

Савол 741: Боз ягон далели дигар нисбати Ҳарам вуҷуд дорад ё не?

Ҷавоб 741: Ҳангоме, ки Иброҳими Халил (а) дар аснои сохтани Каъба Ҳаҷаруласвадро (санги сиёҳро) дар он қарор дод, нуре аз Ҳаҷаруласвад дурахшид, ки шарқу ғарб ва чапу ростро равшан сохт, аз ин ҷиҳат

Худованд то онҷоро, ки нури Ҳаҷаруласвад тобида буд, Ҳарам қарор дод.

Савол 742: Далели ҳадисӣ оварда метавонед?

Ҷавоб 742: Аз Абдуллоҳ ибни Амр (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Шунидам, ки Расули Худо (с) мегӯяд: «Рукн ва мақом ду ёқуте буданд аз ёқутҳои биҳишт. Худои таоло нури онҳоро зоил фармуд ва бардошт. Агар нури онҳо бардошта намешуд, ҳар оина мобайни машриқ ва мағрибро равшан мекарданд».

Савол 743: Ҳудуди Ҳарам ва номҳои онҳоро номбар кунед?

Ҷавоб 743: Азрақӣ таърихнигори машҳури Маккаи мукаррама ҳудуди Ҳарамро дар шаш самти Макка муаррифӣ кардааст.

Савол 744: Марзи Ҳарам аз самти Тоифро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 744: Дар мавриди марзи Ҳарам аз самти Тоиф бар сари роҳи Арафа аз масири пастии «Намира» чаҳор қавл вуҷуд дорад.

1- Дар фосилаи ҳудуди ҳаждаҳ мил аст, чунонки қозӣ Абӯлвалиди Боҷӣ гуфтааст.

2- Бино ба гуфтаи Азрақӣ ва Фокиҳӣ ва Абӯлқосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хардозбаӣ Хуросонӣ дар китоби «Ал-Масолик ва-л-

мамолик» ва Муҳиббиддини Табарӣ ба нақл аз Азрақӣ ва Сулаймон ибни Халил дар фосилаи ёздаҳ милӣ қарор дорад, вале Сулаймон ин назарияро бо тардид унвон кардааст.

3- Дар фосилаи нуҳ милӣ аст, бино ба гуфтаи шайх Абӯмуҳаммад ибни Аби Зайди Кирвонӣ дар китоби «Ал-Наводир» ва Сулаймон ибни Халил, ки дар оғози баҳси худ матраҳ кардааст. Муҳиббиддин Табарӣ низ ин назарияро пас аз нақли назарияи Азрақӣ баён кардааст.

4- Бинобар он чи «Мовардӣ» дар китоби «Ал-аҳкому-л-Сулаймония» ва шайх Абӯисҳоқӣ Шерозӣ дар китоби «Муҳаззаб» ва Нававӣ дар китоби «Эзоҳ» ва «Таҳзибу-л-асмоу-л-луғот» гуфтаанд, дар фосилаи ҳафт мил қарор дорад.

Савол 745: Марзи Ҳарам аз самти Ироқро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 745: Дар мавриди Ҳарам аз самти Ироқ чаҳор қавл вуҷуд дорад.

1- Бино ба нақли Азрақӣ дар фосилаи ҳафт милӣ аст.

2- Ба гуфтаи Ибни Аби Зайди Моликӣ дар китоби «Ан-Наводир» дар ҳашт милӣ аст.

3- Сулаймон ибни Халил бар он ақида аст, ки даҳ мил аст.

4- Бино ба гуфтаи Абӯлқосим ибни Хардозба, дар шаш мил аст.

Азрақӣ гуфтааст: Ҳадди Ҳарам дар самти Ироқ дар Санияту-л-Ҳилл яъне гардана ва баландии Ҳилл аст, ки дар маҳалли ба номи «Муқаттаъ» воқеъ аст. Аз назари Азрақӣ иллати номгузории ин ба Муқаттаъ он аст, ки дар замони Абдуллоҳ ибни Зубайр сангҳои онро барои сохтани Каъба канда ва бурианд. Аз ин рӯ муқаттаъ яъне буридашуда ва кандашуда номида шуд.

Бархе гуфтаанд: Илати ин номгузорӣ ин аст, ки дар замони ҷоҳилият вақте аҳли Макка ба сафар мерафтанд аз пӯстҳои дарахтони Ҳарам бурида ва дар гардани шутурашон овезон мекарданд ва агар пиёда буданд онро ба гардани худ меовехтанд ба ҳамин хотир ҳар ҷо мерафтанд дар амният буданд ва мардум ба эҳтироми Ҳарам мегуфтанд: «Инҳо меҳмонони Худо ҳастанд», вақте, ки аз сафар бармегаштанд ва ба ин маҳал мерасиданд, пӯстҳоро мебуриданд ва аз гардани шутур ё худашон ҷудо мекарданд, бад-ин ҷиҳат ин маҳал «Муқаттаъ» номида шудааст.

Савол 746: Марзи Ҳарам аз самти Ҷеъронаро баён кунед?

Ҷавоб 746: Забти дурусти Ҷеърона ба касри ҷим ва сукуни айн  ва тахфифи –ро- аст. Ба гуфтаи Азрақӣ фосилаи ин марз нуҳ мил ва каме бештар ва ба гуфтаи ибни Халил дувоздаҳ мил аст.

Ибни Халил ин қавлро пас аз баёни қавли қаблиаш бо тардид нақл кардааст. Азрақӣ мегӯяд: «мМарзи Ҳарам дар самти Ҷеърона дар Шиъби дараи Оли Абдуллоҳ ибни Холид ибни Усайд воқеъ шудааст». Абдуллоҳ ибни Холид ибни Усайд, ки ин Шиъб ба ӯ мансуб аст, бародарзодаи Аттоб ибни Усайд ибни Абил Ос умуи Қурашӣ, амири Макка мебошад.  Вай ба хотири ҳукмронӣ дар Макка ва манотиқи дигар аз шуҳрат ва маъруфият бархӯрдор будааст. Дар маҳаллаи болои Макка қабристони мансуб ба вай ҳаст, ки Абдуллоҳ ибни Умар  дар он ҷо мадфун аст.

Сулаймон ибни Халил Абдуллоҳ ибни Холидро, ки ин дарра ба вай мансуб аст, Холид ибни Усайди Хазоӣ муаррифӣ карда ва ин ҷамоа  назари дигаре дода ва дар тавзеҳи ҳадди Ҳарам дар ин самт гуфта аст: «Ҳадди Ҳарам аз тариқи Ҷеърона дар Шиъби Оли Абдуллоҳ Кисро».

Ин назар, ки ин дарра ба Абдуллоҳ ибни Холид ибни Усайд мансуб аст ба воқеъият  наздиктар мебошад, зеро ғолибан дар ин гуна маворид амокин

ва чизҳои дигарро ба ашхоси машҳур нисбат медиҳанд дар ҳоле ки ба Холид ибни Усайди Хазоӣ, ки ибни Халил аз ӯ ном бурда мисли Абдуллоҳ ибни Холид ибни Усайд маъруф ва машҳур аст ва на оли Абдуллоҳ Кисро, ки ин ҷамоа аз ӯ ёд карда.

Дар ҳар ҳол марзи Ҳарам дар ин самт акнун мушаххас нест. Ба гумони шахсе аз бодиянишинони атрофи Макка ин марз, дар нимаи роҳи Ҷеърона қарор гирифта аст. Вақте, ки аз вай савол шуд ин мавзӯъро аз куҷо мегӯяд? Гуфт: Маҳалле, ки ба номи ҳадди Ҳарам аз самти Ҷеърона машҳур аст, яъне ҳамон ҷо, ки вай мегуфт дар муҳозоти (баробари) нишонаҳои Ҳарам дар самти Нахла, яъне Ироқ қарор гирифта аст (ва ин қарина аст бар ин, ки маҳалли ёдшуда, ҳадди Ҳарам аз самти Ҷеърона аст ).

Савол 747: Марзи Ҳарам аз самти Танъимро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 747: Дар бораи марзи Ҳарам аз самти Танъим низ чаҳор қавл аст:

1- Бино ба гуфтаи Азрақӣ, ибни Хардозба, Мовардӣ ва Нававӣ муаллифи «Муҳаззаб» дар фосилаи се милӣ аст.

2- Дар фосилаи ҳудуди чаҳор милӣ аст, ин қавлро Ибни Аби Зайд дар китоби «Ан-Наводир» аз гурӯҳе аз уламои Моликӣ нақл карда аст.

3- Ба гуфтаи Фокиҳӣ дар фосилаи чаҳор мил аст.

4- Бино ба нақли Абӯлвалиди Боҷӣ, дар фосилаи панҷ мил аст. Вай дар ин бора менависад: «Ман дар Макка иқомат кардам ва аз аксари мардум шунидам, ки Танъим дар панҷ милӣ аст ва дар муддати иқоматам ихтилофи назаре дар ин бора нашнидам. Агар байни Танъим ва Макка чаҳор мил бошад, бояд байни Макка ва Ҳудайбия ҳудуди понздаҳ мил бошад, зеро фосилаи он беш аз се баробар фосилаи Танъим аст».

Ин қавл ва низ қавли Фокеҳӣ ва қавли ибни Абӣ Зайд мавриди тардид ва ишкол аст, чунон, ки баён хоҳем кард. Аз суханони ибни Абӣ Зайд истифода мешавад, ки ҳадди Ҳарам дар ин самт дар интиҳои Танъим аст, зеро вай мегӯяд: «Бе ҳеҷ гуфтугӯе аз тарафи ҳеҷ як уламои мо ҳадди Ҳарам аз самти Мадина ҳудуди чаҳор мил аст, ки то интиҳои Танъим мебошад», дар ҳоле ки назари Азрақӣ бар хилофи ин аст. Вай мегӯяд: Ҳадди Ҳарам аз роҳи Мадина наздики Танъим, канори хонаҳои «Нифор» (Ғифор) дар фосилаи се милӣ аст. Суханони Муҳиббиддин Табарӣ дар китоби «Шарҳу-т-танбеҳ» муайиди назари Азрақӣ аст. Вай менависад: «Танъим андаке пеш аз Ҳилл қарор дорад ва ҳар кас гуфтааст: Танъим

васл ба Ҳилл аст, дар воқеъ нуқтаеро, ки наздики Ҳилл аст, маҷозан Ҳилл номидааст .

Агар касе, ки Танъимро васл ба Ҳилл номида дар ин тавзеҳ ва таъвил муртакиби маҷоз шуда оё касе, ки интиҳои Танъимро оғози Ҳилл аз самти Мадина муаррифӣ карда (чунонки лозимаи сухани ибни Абӣ Зайд ҳамин аст) маҷозгӯие накарда!? Худо ба воқеъияти амр донотар аст.

Савол 748: Марзи Ҳарам аз самти Ҷиддаро баён кунед?

Ҷавоб 748: Дар бораи марзи Ҳарам аз самти Ҷудда ду қавл ҳаст:

1- Бино ба гуфтаи Азрақӣ ва ибни Абӣ Зайд дар фосилаи даҳ милӣ аст.

2- Дар ҳудуди ҳаждаҳ мил аст. Бино ба нақли ибни Абӣ Зайд дар китоби «Ан-Наводир» ин қавлро Боҷӣ дар баҳси марбут ба фосилаи байни Макка-Ҳудайбия ва низ дар баҳси интиҳои Ҳарам дар самти Ҷадда изҳор кардааст. Азрақӣ мегӯяд: «Интиҳои ҳадди Ҳарам дар ин самт Мунқатиъ-ул-аъшош аст». «Аъшош» ҷамъи «ъаш» мебошад, ки бахше аз он ҷузъи Ҳилл ва бахши дигар ҷузъи Ҳарам аст. Ба гуфтаи Шофеъӣ ва ибни Қассор Ҳудайбия низ чунин аст.

Мовардӣ мегӯяд: «Мунқатиъ-ул-аъшош» ҷузъи Ҳилл аст, вале ба назари Молик ҷузъи Ҳарам маҳсуб мешавад. Дар ҳар сурат имрӯза маҳалли он ду (Мунқатиъ-ул-аъшош ва Ҳудайбия) мушаххас нест, гуфта мешавад; Ҳудайбия ҳамон чоҳе аст. ки имрӯза сари роҳи Ҷидда ба номи чоҳи «Шумайбӣ» маъруф аст.

Савол 749: Марзи Ҳарам аз самти Яманро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 749:  Дар мавриди Ҳарам аз самти Яман ду назар вуҷуд дорад.

1- Бино ба гуфтаи Азрақӣ ва ибни Абӣ Зайд ва Сулаймон ибни Халил марзи Ҳарам дар фосилаи ҳафт милӣ аст.

2- Дар фосилаи шаш милӣ аст. Ин қавлро дар се нусха аз китоби «Ал-Қуро» ба хатти Муҳибиддин Табарӣ дидаам, вале метарсам иштибоҳ бошад на лағзиши қалам (дар арабӣ «сабъа» ва «ситта» шабоҳати зиёде ба ҳам дорад) зеро дар китоби «Ал-Қуро» ин матлабро пас аз нақли қавли Азрақӣ ва ибни Абӣ Зайд зикр карда аст. Маҳалли марзу насби аломати Ҳарам дар ин самт ба гуфтаи Азрақӣ  Азоту Либн дар баландии Либн аст, ки имрӯз ба номи Азоти ибни Ақш маъруф аст ва дар он аломате ба унвони марзи Ҳарам барпо аст. Азот бар вазни

«фатот» ба маънои мардоб ва маҳалли ҷамъ шудани об ва Либн ба касри лом ва сукуни бо аст, чунонки Ҳозимӣ гуфтааст, вале Сулаймон ибни Халил онро ба сурати «лабан» яъне бо фатҳи лом ва бо забт кардааст, чунонки дар мавориди мутааддиде аз маносики вай ба хатти худи ӯ дидаам.

Уламои Ҳанафӣ қозӣ Шамсиддин Суруҷии Ҳанафӣ дар маносики худ аз Абӯҷаъфар Ҳиндонӣ нақл карда, ки вай гуфтааст: «Фосилаи ҳадди Ҳарам аз самти шарқ шаш мил, аз самти дуввум дувоздаҳ мил, аз самти саввум сездаҳ мил ва аз самти чаҳорум бисту чаҳор мил аст».

## Дар бораи либоси Каъба

Савол 750: Аввалин нафаре, ки Каъбаро бо либос пӯшонд ки буд ва дар кадом замон буд?

Ҷавоб 750: Бештари муаррихон нахустин кисваи Каъбаро ба Туббаъи Ҳумайрӣ нисбат додаанд. Нахустин кисваи (либоси) Каъбаро ба Асъади Абӯкарб аз мулуки Яман, ки ба Туббаъи Ҳумайрӣ маъруф буд, нисбат додаанд ва гуфтаанд: Ӯ аввалин касе буд, ки Каъбаро пӯшонид. Ба гуфтаи Муставфӣ ӯ муосири Баҳроми Гӯри Сосонӣ будааст.

Савол 751: Оё дар тӯли таърих Каъбаро бо дигар рангҳо либос мепӯшониданд?

Ҷавоб 751: Дар хилофати Аббосиён либоси Каъба ранги сафед дошт, дар хилофати Фотимиён ранги мишкӣ гирифт. Аз ҷониби Ҳинд кисваи сафед баъдтар либоси зард пӯшонида мешуд. Носириддинуллоҳ соли 575- Каъбаро либоси сабзранг пӯшонид. Носир дар соли 621 пардае ба ранги сиёҳ бар Каъба пӯшонид ва аз он замон ба баъд рангаш ҳамеша сиёҳ буд.

## Маълумот дар бораи Замзам

Савол 752: Пайдоиши Замзамро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 752: Бештари муаррихон ва аҳли ҳадис пайдоиши Замзамро ба аҳди Иброҳим (а) марбут донистаанд.

Савол 753: Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки ҳазрати Ҷабраил (а) оби Замзамро пайдо кардааст, оё ин дуруст аст?

Ҷавоб 753: Бархеҳо ҷӯшиши оби Замзамро ба сойидани пошнаи пойи Исмоил (а) бар замин нисбат додаанд ва гурӯҳе гуфтаанд, ки сойидани пойи Ҷабраил (а) ё даст ва ё пари ӯ, ки дар сурати инсонӣ зоҳир шудааст, боиси ба вуҷуд омадани об шудааст.

Савол 754: Барои чӣ номи Замзамро гирифт?

Ҷавоб 754: Аз он ҷиҳат Замзам гуфта шуд, ки Ҳоҷар модари Исмоил (а) онро аз парокандагӣ гирд овард ва он гоҳ, ки ҷӯшид атрофи онро баст.

Савол 755: Номҳои Замзам ба чанд мерасад?

Ҷавоб 755: Номҳои Замзам зиёд аст. 1. Макнуна, 2. Шубоъа, 3. Суқё, 4. Мазнуна, 5. Ар-Равоа, 6. Ракзаи Ҷабраил (а), 7. Ҳазмаи Ҷабраил (а), 8. Баракат, 9. Сайида, 10. Нофиа ва ғайра.

Савол 756: Дар фатҳи Макка бо оби Замзам чӣ кор карданд?

Ҷавоб 756: Дар фатҳи Макка мусулмонон бо амри Расули Худо (с) Байтуллоҳро бо оби Замзам аз даруну берун шустушӯ доданд.

Савол 757: Оё оби Замзам низ хушк мешавад ё не?

Ҷавоб 757: Пешиниён ривоят кардаанд, ки Ҳама обҳои ширини дунё қабл аз қиёми қиёмат бихушкад, магар Замзам, ки ҳаргиз нахушкад.

Савол 758: Фарқи байни оби Замзам ва оби рудҳо, чашмаҳо дар чист?

Ҷавоб 758: Обҳои чашмаҳо, рудҳо, борон дар ҳаёти моддӣ ва табиъӣ нақш доранд, аммо Замзам илова бар ҳаёти табиъӣ аз ҳаётбахши маънавӣ бархӯрдор аст ва он ҳама фазилат, ки барои он гуфта шуда дар ин нукта ниҳон аст. Ҳоҷиён бо нӯшидани

оби Замзам ҳар он чӣ нохолисӣ аст аз даруну берун фурӯ резанд ва поку соф баргарданд.

Савол 759: Оё аз оби Замзам табаррук ва талаби шифо ҷустан ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 759: Бале, ҷоиз аст. Табаррук ҷустан ва талаби шифо бо оби Замзам барои дардҳои ҷисмӣ ва руҳӣ аз суннатҳои ҳасана аст, ки аз дер боз мавриди таваҷҷуҳ буда ва таҷриба шудааст.

Савол 760: Оё нисбати оби Замзам ҳадисҳо низ мавҷуд ҳастанд?

Ҷавоб 760: Бале, ҳадисҳо мавҷуданд. **«Моу замзам шифоун лимо шуриба лаҳу»**, яъне «Оби Замзам шифо аст, барои он чизе, ки ба хотири он бинӯшанд». Оби Замзам шифои ҳар беморӣ аст.

Савол 761: Оё дуое низ барои нӯшидани оби Замзам ҳаст?

Ҷавоб 761: Бале ҳаст. Ҳангоми нӯшидани оби Замзам ин дуоро бояд хонд: **«Аллоҳумма-ҷ-ъалҳу илман нофиан ва ризқан восиан ва шифоан мин кулли доин ва суқмин»;** «Бор Худоё! Онро илми судманд ва ризқи фаровон ва шифои ҳар дарду беморӣ қарор деҳ».

Савол 762: Оё оби Замзамро бар қасди дигар чизҳо бинӯшӣ ҳосил мегардад ё не?

Ҷавоб 762: Доруқутнӣ ва Ҳоким аз қавли ибни Аббос (р) ва ӯ аз Паёмбар (с) ривоят кардаанд, ки фармуд: **«Моу замзам лимо шуриба лаҳу фаин шарибтаҳу тасташфӣ биҳи шафокаллоҳу ва ин шарибтаҳу лишабъак ашбаъакаллоҳ биҳи ва ин шарибтаҳу лиқатъӣ замъаки қатаъаҳу ва ҳия ҳазмату ҷабраил ва суқёллоҳу исмоил»,** «Оби Замзам барои ҳар мақсаде аст, ки нӯшида шавад. Агар ба қасди истишфо (талаби шифо) бинӯшӣ Худоят шифо диҳад. Агар барои рафъӣ гуруснагӣ бинӯшӣ Худоят сер гардонад ва агар барои рафъи ташнагӣ бинӯшӣ онро рафъ кунад ва Замзам асари зарбати пойи Ҷабраил ва обе аст, ки Худованд барои Исмоил падид овард».

Савол 763: Ҳазрати Ибни Аббос (р) ҳангоме, ки оби Замзам менӯшид, кадом дуоро мехонд?

Ҷавоб 763: Ибни Аббос (р) ҳангоме, ки оби Замзам менӯшид, чунин дуо мекард: **«Аллоҳумма асъалука илман нофиан ва ризқан восиан ва шифоан мин кулли доин».** «Парвардигоро! Аз ту илми нофеъ ва ризқи васеъ ва аз тамоми дардҳо шифо масъалат дорам».

Савол 764: Фарқ байни мусулмонон ва мунофиқон дар нӯшидани оби Замзам дар чист?

Ҷавоб 764: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Оят ва нишона (фарқ) байни мо ва байни мунофиқон дар он аст, ки онҳо аз оби Замзам шикамсерӣ наменӯшанд».

Савол 765: Оё Паёмбари Худо (с) оби Замзамро дар ҳолати рост истода менӯшиданд ё дар ҳолати нишаста?

Ҷавоб 765: Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) аз оби Замзам нӯшиданд, дар ҳоле, ки рост истода буданд.

Савол 766: Оё оби Замзамро ба дигар ҷойҳо бурдан ва ҳамл намудан, савоб дорад?

Ҷавоб 766: Аз Оиша (р) ривоят шудааст, ки ӯ аз оби Замзам ҳамл менамуд ва хабар дод, ки Расули Худо (с) аз оби Замзам мебурд. Аз ин ривоят чунин бармеояд, ки ба ҷои дигар бурдани оби Замзам суннат мебошад.

Савол 767: Паёмбар (с) оби Замзамро бурда чӣ кор мекарданд?

Ҷавоб 767: Аз Оиша (р) ривоят аст, ки Расули Худо (с) оби Замзамро дар зарфҳо ва машкҳо ҳамл мекард ва бар бадани беморон мепошид ва ба онҳо менӯшонид.

Савол 768: Нигоҳ кардан ба оби Замзам чӣ ҳикмат дорад?

Ҷавоб 768: Фокеҳӣ аз Паёмбари Худо (с) овардааст, ки фармуд: «Нигоҳ кардан ба Замзам ибодат аст ва гуноҳонро маҳв ва нобуд мекунад».

Савол 769: Сер нӯшидан аз оби Замзам чӣ ҳикмат дорад?

Ҷавоб 769: Ёқути Ҳамавӣ аз Ибни Аббос (р) нақл мекунад, ки фармуд: «Сер нӯшидан аз оби Замзам сабаби дури аз нифоқ аст, оби Замзамро барои ҳар мақсаде, ки бинӯшанд судманд аст».

Савол 770: Замзам дар куҷо воқеъ шудааст?

Ҷавоб 770: Чоҳи Замзамдар шарқи Ҳаҷарулаcвад ва ҷануби мақоми Иброҳими кунунӣ воқеъ шудааст.

Савол 771: Паёмбари Худо (с)-ро бо оби Замзам чӣ кор карданд?

Ҷавоб 771: Бухорӣ аз Абӯзар (р) нақл мекунад, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Сақфи утоқе, ки дар он будам шикофта шуд, ман дар Макка будам ва Ҷабраил фуруд омад ва синаамро шикофт ва баъд онро бо оби Замзам шӯст, сипас ташти тиллоии пур аз ҳикматро оварда, онро дар синаам холӣ кард ва онро баст, сипас дастамро гирифт ва ба осмони дунё уруҷ кард».

Савол 772: Қиссаи ислом овардани Абӯзарро нисбат ба оби Замзам шарҳ диҳед?

Ҷавоб 772: Муслим аз Абдуллоҳ ибни Сомит аз Абӯзар (р) дар қиссаи Ислом овардани ӯ ривоят мекунад. Дар ин ривоят зикр гардидааст, ки Паёмбар (с) ба Абӯзар гуфт: «Аз чӣ вақт ин ҷо (Макка) будаед? Гуфтам: Ҳудуди байни сиву як шабу рӯз, Паёмбар (с) гуфт: Чӣ касе шуморо хӯрок медод? Гуфтам: Ҷуз оби Замзам моро хӯроке набуд, фарбеҳ шудам ва шикамам лоя – лоя бар рӯи ҳам савор шуд ва эҳсоси заъфу лоғарӣ накардам. Паёмбар (с) фармуд: Оби Замзам пурбаракат ва ғизои гуворо аст.

Савол 773: Беҳтарин об дар рӯи замин кадом об аст?

Ҷавоб 773: Беҳтарин об дар рӯи замин оби Замзам аст ва он хӯроки хуштамъ ва гуворо буда, шифо аз беморӣ дар он ёфт мешавад.

Савол 774: Оё бо оби Замзам ғусл кардан ё вузӯ гирифтан ё либос шустан ҷоиз аст ё не?

Ҷавоб 774: Оби Замзам бо вуҷуди ин, ки оби муборакe аст, монеъе дар вузӯ гирифтан ва ғусл намудан ва либос шустан дар он вуҷуд надорад.

Савол 775: Далелаш чист?

Ҷавоб 775: Паёмбари Худо (с) дар Муздалифа бо оби Замзам таҳорат карданд.

Савол 776: Паёмбари Худо (с) бо оби Замзам нисбати Ҳасану Ҳусайн чӣ амал нишон доданд?

Ҷавоб 776: Паёмбари Худо (с) бо оби Замзам Ҳасану Ҳусайнро амали таҳник анҷом доданд, яъне даҳонашонро шустушӯ доданд.

Савол 777: Ҳикмати рост истода нӯшидани оби Замзам нисбати нишаста нӯшидан, дар чист?

Ҷавоб 777: Барои нӯшидани оби Замзам рост истодан ва бо се нафас нӯшидан мустаҳаб аст. Ғараз аз рост нӯшидан дар он аст, ки тазаллӯъ (шикамсерӣ нӯшидан) аст. Ин амал дар ҳолати нишаста комил ба анҷом намерасад, барои ҳамин рост менӯшанд, ки ташнагӣ рафъ шавад ва тамоми дохили бадан аз об истифода кунад. Барои ҳамин ҳазрати Паёмбар (с) бе ҳикмат рост истода об нанӯшидаанд, зеро ҳар як амали Паёмбари Худо (с) муъҷиза ва ҳикмати худро дорад.

Савол 778: Оби Замзам афзал аст ё оби Кавсар?

Ҷавоб 778:  Нисбати фазли оби Замзам бар оби Кавсар миёни олимон ва фуқаҳо баҳс аст. Яке мегӯяд, ки Замзам  афзалтарин ва дигаре мегӯяд, ки Кавсар афзалтарини об аст. Аммо олимон ба ин иттифоқ омаданд, ки  Замзам афзалтарин об дар дунё аст ва оби Кавсар афзалтарин  об дар охират аст.

Савол 779: Шоҳидоне ҳастанд, ки бо нӯшидани оби Замзам ба мақсадҳояшон расидаанд, оё ин дуруст аст?

Ҷавоб 779: Бале, шоҳидон бисёранд. Масалан: Имом Абӯҳанифа (раҳ) оби Замзамро ба нияти илм ва фиқҳ нӯшидааст ва Имом Шофеъӣ ба нияти илм ва нияти римоят (тирандозӣ) нӯшидааст. Қозиюлқуззот Шаҳобиддини Асқалонии Шофеъӣ ба нияти илми ҳадис нӯшидаанд ва ҳама ба мақсадаҳояшон расидаанд.

Савол 780: Об додани (сиқоят) ҳоҷиёнро пеш аз ислом, ки ба уҳда дошт?

Ҷавоб 780: Абдулмутталиб бузурги Қурайш буд ва сиқояти (об додан) ҳоҷиёнро ба уҳда дошт ва аз чоҳҳои атрофи Макка бо шутурони худ об меовард ва ба зоирони Хонаи Худо менӯшонид.

Савол 781: Сабаби хушк шудани чоҳи Замзам дар даврони ҷоҳилият дар чӣ буд?

Ҷавоб 781: Сабаби хушк шудани чоҳи Замзам ҷангу ҷидол байни қабилаҳои Ҷурҳум ва Хузоъа буд.

Савол 782: Оби Замзам чӣ хел хушк шуд?

Ҷавоб 782: Ҷурҳумиҳо баъди ҳуҷуми қабилаи Хузоъа оҳу ва шамшерҳои тиллоиро дар чоҳи Замзам пинҳон карданд ва аз болояш хоку сангу қум рехтанд ва дар натиҷа чоҳи Замзам хушк шуд.

Савол 783: То чанд муддат оби Замзам хушк буд?

Ҷавоб 783: То даврaи Абдулмутталиб чоҳи Замзам хушк буд. Бо ташаббуси Абдулмутталиб дубора оби Замзам ҷӯш зада баромад.

Савол 784: Пас аз Абдулмутталиб сиқояти Замзам ба дасти ки афтод?

Ҷавоб 784: Пас аз Абдулмутталиб фарзанди ӯ Аббос (р) сиқояти (об додани) зоиронро ба даст гирифт.

Савол 785: Одоби нӯшидани оби Замзам чӣ хел аст?

Ҷавоб 785: Ибни Аббос (р) гуфтааст, ки барои ошомидани оби Замзам, бояд ба шаш чиз таваҷҷуҳ дошт: 1. Рӯ ба қибла истодан, 2. Бисмиллоҳ гуфтан, 3. Се бор нӯшидан, 4. Сероб шудан, 5. Ҳамди Худо пас аз ошомидан, 6. Он гоҳ ин дуоро хондан: **«Аллоҳумма иннӣ асъалука илман нофиан ва ризқан восиан ва шифоан мин кулли доин»,** «Парвардигоро! Аз ту илми судманд ризқи фаровон ва аз тамоми бемориҳо шифо талаб дорам».

Савол 786: Оё аз оби Замзам дар асри ҷадид (муосир) ягон нафар шифо ёфтааст ё не?

Ҷавоб 786: Соли 1985 хонум *Лайлӣ* аз кишвари Мағриб ба Порис барои табобати саратони сина ба пизишкон муроҷиат намуда, вале табибон аз табобати он даст кашида гуфтаанд, ки баъде се моҳ ба

ҳалокат мерасӣ. Баъди ин хонум Лайлӣ ба сафари Умра рафта дар Маккаи мукаррама аз оби Замзам зиёд истеъмол намуда шифо меёбад.

Савол 787: Оё ягон нафари дигареро мисол оварда метавонед, ки аз оби Замзам шифо ёфтааст?

Ҷавоб 787: Воқеае, ки соли 2013 ба вуқӯъ пайваст ва тамоми расонаҳои Арабистони Саъудӣ иттилоъ доданд ва мо низ шоҳиди ҳол будем, ки хонуми Судоние баъди ҳашт соли нобиноӣ аз оби Замзам шифо ёфтааст.

Савол 788: Хусусиятҳо ва маводҳои кимиёвии оби Замзам аз оби оддӣ чӣ фарқ дорад?

Ҷавоб 788: Дуктур Зағлул Наҷҷор мегӯяд: Дар як литр оби Замзам маводҳо ва элементҳои кимиёвии зиёде мавҷуд буда, дар маҷмӯъ 2000 (ду ҳазор) мг-ро дар бар мегирад. Дар як литр оби оддӣ бошад, ҳамагӣ фақат 260 мг маводҳои кмиёвӣ вуҷуд дораду халос.

Савол 789: Шайхулислом Сироҷиддин Балқинӣ нисбати фазилати оби Замзам, чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 789: Шайхулислом Сироҷиддини Балқинӣ гуфтааст, ки оби Замзам аз оби Кавсар афзал аст, зеро ки бо оби Замзам синаи Паёмбари Худо (с) шуста шуд. Барои ҳамин синаи Паёмбар (с) бо беҳтарин об шуста мешавад.

Савол 790: Агар касе ба оби Замзам истинҷо кунад, чӣ мешавад?

Ҷавоб 790: Агар касе бо оби Замзам истинҷо кунад, ба гуфти баъзе аз уламо ба касалии бавосир (геморой) дучор мешавад. Мегӯянд ин таҷриба шудааст.

Савол 791: Аз одамони машҳур дар тӯли таърих ҷасади киро бо оби Замзам ғусл намудаанд?

Ҷавоб 791: Асмо духтари Абӯбакри Сиддиқ (р) фарзандаш Абдуллоҳ ибни Зубайрро баъди марг ҷасадашро бо оби Замзам ғусл намуданд.

Савол 792: Маънои Рифода ва Сиқояро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 792: Рифода ба маънои таом додани ҳоҷиён ва Сиқоя ба маънои об додани ҳоҷиён мебошад.

Савол 793: Аввалин бор амали рифода ва сиқояро, кӣ анҷом дод?

Ҷавоб 793: Аввалин бор ҳардуи ин амалро Қусай анҷом дод.

## Нисбати таърих ва бинои масҷид

Савол 794: Аввалин масҷиде, ки дар рӯи замин бино шудааст, кадом масҷид аст?

Ҷавоб 794: Аввалин масҷиде, ки дар рӯи замин бино шудааст, масҷиди Байтулҳаром аст.

Савол 795: Далели Қуръониаш чист?

Ҷавоб 795: Далели Қуръониаш ин оят аст. «Ба дурустӣ, аввалин Хонае, ки барои (ибодати) мардум муқаррар карда шуд, ҳамон аст, ки дар Макка бувад, муборак ва барои оламиён ҳидоят аст».

Савол 796: Далели ҳадисиашро биёред?

Ҷавоб 796: Аз Абӯзар (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Паёмбари Худо (с) пурсидам: Эй Расули Худо (с): Аввалин масҷиде, ки дар рӯи замин сохта шудааст, кадом масҷид аст? Фармуданд: Масҷиду-л-Ҳаром, пурсидам: Баъд аз он кадом масҷид? Фармуданд: Масҷиди Ақсо, пурсидам: Байни ин ду масҷид чанд сол фосила буд? Фармуданд: Чиҳил сол.

Сипас ҳар куҷо намоз фаро расид онро иқома намоед, фазилат ва баракат дар он аст.

Савол 797: Дуввумин масҷид дар рӯи замин кадом масҷид бино шудааст?

Ҷавоб 797: Дуввумин масҷид дар рӯи замин масҷиди Байтулмуқаддас бино шудааст.

Савол 798: Аввалин бор Хонаи Каъбаро кӣ бино кард?

Ҷавоб 798: Аввалин бор Хонаи Каъбаро малоикаҳо бино карданд, пас ҳазрати Одам (а) бино кард.

Савол 799: Ҳазрати Одам (а) Хонаро ба чӣ чиз бино кард?

Ҷавоб 799: Ҳазрати Ҷабраил (а) аз биҳишт хаймае овард ва онро ҳазрати Одам (а) дар макони Каъба насб кард.

Савол 800: Ҳазрати Иброҳим (а) Хонаро кай бино кард?

Ҷавоб 800: Ҳазрати Иброҳим (а) Хонаро баъди тӯфони Нуҳ бино намуданд.

Савол 801: Дар замони ҳазрати Иброҳим (а) Хона чанд дар дошт?

Ҷавоб 801: Дар замони ҳазрати Иброҳим (а) Хона ду дар дошт. Як дар аз тарафи мағриб ва дари дигаре аз тарафи машриқ буд. Ин ду дар ҳамкафи замин буданд.

Савол 802: Кай ва дар кадом замон Хонаро ба як дар табдил намуданд?

Ҷавоб 802: Дар замони 35-солагии ҳазрати Паёмбар (с) Қурайшиён Хонаро ба як дар табдил намуданд.

Савол 803: Нахустин ҳоҷӣ аз аҳли осмон кӣ буд ва аз аҳли замин кӣ буд?

Ҷавоб 803: Нахустин ҳоҷӣ аз аҳли осмон ҳазрати Ҷабраил (а) буд ва аз аҳли замин бошад, ҳазрати Одам (а) буд.

Савол 804: Оё паёмбарони баъди ҳазрати Одам (а) низ ҳаҷ мекарданд ё хайр?

Ҷавоб 804: Баъд аз ҳазрати Одам (а) паёмбарони дигар низ ҳамагӣ ҳаҷгузор буданд.

## Ҳаҷҷи даврони ҷоҳилӣ

Савол 805: Оё дар даврони ҷоҳилият низ мушрикин ҳаҷро анҷом медоданд?

Ҷавоб 805: Бале, дар даврони ҷоҳилият низ ҳаҷҷи Хона бо ихтилот бо маросимӣ ҷоҳилӣ бо омезае аз бутпарастӣ ҳамроҳ будааст.

Савол 806: Дар даврони ҷоҳилӣ аъроб аз ҳаҷ чӣ бардошт мекарданд?

Ҷавоб 806: Дар даврони ҷоҳилӣ аъроб аз ҳаҷ такфири гуноҳонро бардошт мекарданд, ҳамон мафҳуме, ки баъдҳо дар фарҳанги исломӣ низ бардошт мешуд.

Савол 807: Оё мардумони замони ҷоҳилият дар ҳаҷҷи худ ба Худои воҳид таваҷҷуҳ мекарданд ё ба бутҳо?

Ҷавоб 807: Мардумони замони ҷоҳилият дар ҳаҷҷи худ ба Худои ягона таваҷҷуҳ намекарданд, балки таваҷҷуҳашон ба бутҳое буд, ки мепарастиданд.

Савол 808: Оё дар даврони ҷоҳилият мардум дар рӯзҳои ҳаҷ умра анҷом медоданд ё не?

Ҷавоб 808: Дар рӯзҳои ҳаҷ анҷоми умраро гуноҳи бузург мешумурданд ва бар ҳасби эътиқоди ҷоҳилӣ онро бас нобахшиданӣ медонистанд.

Савол 809: Мушрикон дар даврони ҷоҳилият умраро чӣ хел ва кай анҷом медоданд?

Ҷавоб 809: Мушрикон умраро ба сурати дастаҷамъӣ ва монанди ҳаҷҷи фарзӣ анҷом медоданд ва низ бисёрӣ онро дар моҳи раҷаб ба ҷой меоварданд.

Савол 810: Оё Қурайшиён дар мавсими ҳаҷ ба Арафот мерафтанд ё не:

Ҷавоб 810: Чун ҳоҷиён дар Арафот қарор мегирифтанд, вале Қурайшиён дар атрофи Ҳарам вуқуф мекарданд ва шомгоҳон ба Муздалифа мерафтанд ва мегуфтанд, ки мо аҳли Ҳарамем, набояд аз Ҳарам берун равем, зеро Арафот аз Ҳарам берун буд.

Савол 811: Ҳумсиён дар анҷоми ҳаҷ чӣ одат доштанд?

Ҷавоб 811: Ҳумсиён дар анҷоми ҳаҷ одати хосе доштанд, ки дар ҳангоми қасди ҳаҷ аз дари хона хориҷ намешуданд, балки аз сӯрохиҳое, ки дар пушти боми хонаҳояшон дуруст карда буданд, берун меомаданд ва ба ҳангоми бозгашт низ аз онҳо дохил мешуданд.

Савол 812: Оё Қуръони карим ин амали онҳоро наҳй кардааст, ё не?

Ҷавоб 812: Бале. Қуръони карим ин амали онҳоро дар ояти зер наҳй кардааст. ***«Ва лайса-л-бирру биан таътул буюта мин зуҳуриҳо ва локинна албирра мани-т-тақо ваъту-л-буюта мин абвобиҳо»***

بِأَنْ تَأْتُوْاْ الْبُيُوتَ مِن ظُهُورِهَا مَنِ اتَّقَى وَأْتُواْ الْبُيُوتَ مِنْ أَبْوَابِهَا
وَلَيْسَ الْبِرُّ وَلَـكِنَّ الْبِرَّ

*«ва некӯкори он нест, ки (дар ҳоли эҳром) аз пушти хонаҳо ворид шавед, балки некӯкор касе аст, ки тақво пеша кунад ва ба хонаҳо аз дарҳояшон ворид шавед».*

Савол 813: Ҳумсиён Каъбаро чӣ хел тавоф мекарданд?

Ҷавоб 813: Дигар аз одоти Ҳумсиён ин буд, ки Каъбаро бараҳна тавоф мекарданд, зеро метарсиданд, ки либосҳояшон олуда бошад.

Савол 814: Ислом ба ин амали онҳо чӣ хел бархӯрд нишон дод?

Ҷавоб 814: Ислом тавофи бараҳнаро дар ҳар сурате манъ кард ва бар Қурайш ва дигарон либосро воҷиб эълом намуд.

Савол 815: Талбияи даврони ҷоҳилӣ чӣ хел буд?

Ҷавоб 815: Ҳаҷҷи ҷоҳилиён бо талбия ҳамроҳ будааст, лекин дар ин маврид ҳам бо омезае аз ширк ва дар талбияашон ин ширк комилан падидор аст.

Савол 816: Калимот ва намунаи талбияи даврони ҷоҳилиро биёред?

Ҷавоб 816: ***«Лаббайкаллоҳумма лаббайк лаббайка ло шарика лака лаббайк илло шарикун ҳува лака тамликуҳу ва мо малака»***

Савол 817: Дар даврони ҷоҳилият саъй байни Сафову Марва ё қурбонӣ низ будааст ё не?

Ҷавоб 817: Дар даврони ҷоҳилият ба ҷои тавоф даври Каъба дар Сафо ва Марва ду бут насб карда буданд, ки бар даври онҳо тавоф ва истилом (масҳ ба даст) мекарданд ва қурбониро ба пойи ин бутҳо анҷом медоданд.

Савол 818: Оё дар Мино низ бутҳо вуҷуд дошт?

Ҷавоб 818: Оре, ҳафт бутро дар наздикиҳои ҷамароти сегона мениҳоданд, то ҳоҷиён пас аз он ба онҳо таъзим кунанд. Қурбонгоҳи Мино пур аз ансоб буд, ки мушрикон хуни қурбониро бар он мемолиданд.

Савол 819: Оё Қуръони карим нисбати ин амали онҳо чизе гуфтааст?

Ҷавоб 819: Бале. Қуръони карим чунин гуфтааст: «Гӯшти қурбониҳову хуни онҳо ба Худо намерасад, валекин ба Вай аз шумо парҳезгорӣ мерасад».

Савол 820: Онҳо маросими ибодиро ба чӣ табдил медоданд?

Ҷавоб 820: Онҳо маросими ибодиро бо каф задан, ҳуштак кашидан ва маросим ҷашну пойкӯбӣ ва ишрат табдил медоданд.

Савол 821: Оё Қуръони карим ин амали онҳоро маҳкум кардааст ё хайр?

Ҷавоб 821: Бале. Қуръони карим дар ояти зер чунин фармудааст: **«Ва намози онҳо назди Каъба ба ҷуз сафир (ҳуштак) кашидан ва кафкӯбӣ кардан чизе нест. Пас, ба сабаби кофир шудани худ азобро бичашед».**

## Маълумот дар бораи намоз хондан дар дохили Каъба

Савол 822: Намоз хондан дар дохили Каъба, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 822: Хондани намоз барои касе, ки бидуни дарди сар ва азият бароящ муяссар гардад, мустаҳаб аст.

Савол 823: Ба кадом далел мустаҳаб аст?

Ҷавоб 823: Ба далели ин, ки Паёмбари Худо (с) дар рӯзи фатҳи Макка вориди Каъба шуд ва ду ракъат намоз хонданд.

Савол 824: Кадом навъи намозро дар дохили Каъба бояд хонд?

Ҷавоб 824: Ин истеҳбоб марбут бувад ба намози нафл, аммо дар ҷавози хондани намози фарз дар дохили Каъба миёни аҳли илм ихтилоф аст.

Савол 825: Оё хондани намоз дар Ҳиҷри Исмоил ҳамчун хондани намоз дохили Каъба аст ё не?

Ҷавоб 825:Хондани нмоз дар ҳиҷри Исмоил ҳамчун хондани намоз дохили Каъба аст, зеро Ҳиҷр ҳам қисмате аз Каъба аст.

Савол 826: Далелашро ба ҳадис метавонед исбот кунед?

Ҷавоб 826: Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки фармуданд: «Дӯст доштам, ки вориди Хона шавам дар он намоз бихонам, Паёмбар (с) дастамро гирифт маро дохили Ҳиҷр бурд ва ба ман гуфт: Ҳар гоҳ хостӣ дохили Каъба намоз бихонӣ дар Ҳиҷр намоз бихон, зеро Ҳиҷр қитъае аз Каъба аст ва локин қавми ту

вақте Каъбаро сохтанд дар он кӯтоҳӣ карданд ва онро аз Хона хориҷ намуданд».

Савол 827: Барои чӣ Ҳиҷр мегӯянд?

Ҷавоб 827: Ҳиҷр ба касри «ҳо» ва сукуни «ҷим» қисмати нимдоирашакл аст, ки дар шимоли Каъба воқеъ аст ва ҷузъе аз Каъба мебошад ва чун Қурайш вақте, ки Каъбаро бино намуданд дар масолеҳи молӣ кам оварданд ва бинои он бар тибқи қавоиди Иброҳим (а) комил нагашт ва бар мавоқеи аслии Иброҳим маҳдуд гашт ва ба ин хотир ба он Ҳиҷр (маҳдуд) гуфтаанд.

Савол 828: Паёмбари Худо (с) нисбати Ҳиҷр ба ҳазрати Оиша (р) чӣ гуфтанд?

Ҷавоб 828: Паёмбари Худо (с) ба Оиша (р) гуфт: «Қавми ту аз сохтани Хона ба иллати камбуди ҳазина биноро комил нанамуданд ва агар навмусулмон намебуданд он чиро, ки тарк намудаанд бармегардондам ва агар баъд аз ман хостанд онро бисозанд биё то ба ту нишон диҳам он чиро, ки тарк ва боқӣ гузоштаанд ва ба ӯ нишон дод ҳудуди ҳафт зироъ буд».

Савол 829: Паёмбари Худо (с) соли фатҳи Макка дар ҳоли тавоф дар даст камон ва ба бутҳо мезаду чӣ мегуфтанд?

Ҷавоб 829: Расули Худо (с) дар ҳоли тавоф бо камон ба бутҳо мезад ва онҳо рӯ ба замин меафтиданд ва Паёмбар (с) мегуфт: **«Ҷоа-л-ҳаққу ва заҳақа-л-ботил инна-л-ботила кона заҳуқо»**. «Ҳақ фаро омад ва ботил нобуд гашт, ки ботил нобуд шуданӣ аст».

Савол 830: Оё Паёмбари Худо (с) дар фатҳи Макка дар ҳоли тавоф эҳром доштанд ё надоштанд?

Ҷавоб 830: Паёмбари Худо (с) дар ҳоле тавоф мекард, ки бар шутур нишаста ва эҳром надоштанд.

Савол 831: Калиди Каъба он замон дар дасти кӣ буд?

Ҷавоб 831: Он замон калиди Каъба дар дасти Усмон ибни Талҳа буд.

Савол 832: Паёмбари Худо (с) соли фатҳи Макка бо ҳамроҳии киҳо дохили Каъба шуданд?

Ҷавоб 832: Аз ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) бо ҳамроҳии Усома ибни Зайд, Усмон ибни Талҳа ва Билол ибни Раббоҳ дохил шудаанд.

Савол 833: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дохили Каъба шуданд дар он ҷо чиро мушоҳида карданд?

Ҷавоб 833: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ба Хонадохил шуд ва дар он тасвире аз ҳазрати Иброҳим (а) ва Исмоил (а) дид, ки бо тирҳои чӯбӣ қуръа мекашиданд. Фармуд: «Худоятон бикушад ба Худо,

ки он ду ҳеҷ гоҳ бо тир қуръа накашидаанд». Ҳамчунин тимсоли кабӯтаре аз чӯби идон (навъе чӯби хушбӯ) мушоҳида фармуд, ки онро ба дасти хеш шикаст ва фармуд то тасвирҳои деворҳо маҳв шуд. (Азлом иборат аз чӯбҳое буд, ки дар баъзе аз онҳо навишта шуда буд «бикун» ва дар баъзе аз онҳо навишта шуда буд «накун» ва касе, ки мехост ба коре иқдом варзад, яке аз он чӯбҳоро бармедошт ва мувофиқ ба он амал мекард).

Савол 834: Паёмбари Худо (с) дар дохили Каъба дар куҷо намоз хонданд?

Ҷавоб 834: Ҳангоме, ки ҳазрати Паёмбар (с) ва Усома ва Билол ба Хона ворид шуданд, он гоҳ дари Хона баста шуд. Паёмбар (с) ба деворе, ки муқобили дар буд рӯй ниҳод ва ба фосилаи се зироъ аз он чунон истод, ки ду сутун дар самти чап ва сутуне дар ҷониби рост ва се сутун дар пушти сараш қарор гирифт. Дар он замон Байтуллоҳ бар шаш сутун устувор буд. Он гоҳ ба намоз истод, сипас дар Хона гардише карду дар тамоми завоёи (кунҷҳои) Хона такбир гуфт ва Худойро ба ягонагӣ сутуд, он гоҳ дари Хонаро боз кард.

Савол 834: Фазилати дохил шудани Байтро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 834: Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Касе, ки дохили Хона шавад, дар ҳасанот дохил шудааст ва аз бадиҳо дар ҳолати омурзидашуда хориҷ шудааст».

Ва дар ҳадисе омадааст, ки дохил шудан дар Каъба дохил шудан аст ба раҳмати Худо ва берун омадан аз Байт берун омадан аст аз гуноҳон ва сабаб ин аст, ки Худованди олам нигоҳ медорад ӯро аз гуноҳон дар бақияи умр ва гуноҳони гузаштаро меомурзад.

Саҳобаи бузурге гуфтааст, ки ба дохил шудани Хона дили мурда зинда мешавад.

Савол 835: Ҳасани Басрӣ дар Рисолаи худ нисбати дохили Каъба чӣ фармудаанд?

Ҷавоб 835: Ҳасани Басрӣ дар рисолаи машҳури худ гуфтааст: Расули Худо (с) фармудаанд: «Ҳар кас, ки дар Каъба дарояд дар раҳмати ҳаққ азза ва ҷалла дарояд ва дар амни ӯ ва чун берун ояд омурзида барояд».

Савол 836: Паёмбари Худо (с) назди сутунҳо чӣ амал нишон доданд?

Ҷавоб 836: Паёмбари Худо (с) вориди Хона шуданд ва дар дохили Хона шаш сутун мавҷуд буд ва назди ҳар сутун истода дуо менамуданд.

Савол 837: Ибни Умар (р) аз Билол чӣ пурсиданд?

Ҷавоб 837: Ибни Умар (р) фармуданд: Ҳангоме, ки Билол (р) аз Хона баромаданд аз ӯ пурсидам: Расули Худо (с) он ҷо чӣ амал анҷом доданд? Фармуданд: Ду сутун дар тарафи чап ва як сутун тарафи рост ва се сутун дар қафояш  намоз гузориданд.

Савол 838: Ҳазрати Ҳасан (р) ва Муовия (р) нисбати намози дохили Хона чӣ фармуданд?

Ҷавоб 838:  Муовия ибни Абисуфён (р) баъди анҷоми ҳаҷ вориди Хона шуданд. Фокеҳӣ аз ибни Ато ривоят намудааст, ки гуфт: Ду ракъат намозе, ки дохили Хона мехонам дӯстдоштанитар аст назди ман аз он, ки чаҳор ракъат дар Масҷидул ҳаром намоз хонам. Ва боз Фокеҳӣ ривоят намудааст, ки  ҳазрати Ҳасан (р) фармуданд: Як намоз дар дохили Каъба баробари сад ҳазор намоз мебошад.

Савол 839: Одоби даромадан ба дохили Каъбаро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 839: Дар он чанд чиз мустаҳаб аст:

1-Ғусл кардан ба ҷиҳати дохил шудани Хона.

2-Дохил шудан бо пойи рост бо сакина (оромиш) ва бо ниҳояти дараҷаи хушӯъ ва гирякунон ва бе ниҳоят бо виқор ва хориҷ шудан бо пойи чап.

3-По бараҳна дохил шудан ва мулоҳиза намудани тамоми лавозими одоби бандагиро, ки ба маҳзари султони қодир ҳозир мешавад.

4-Пеш аз духул ин дуоро бихонад: **«Аллоҳумма инна-л-байта байтука ва-л-ъабда абдука ва қад қулта ва ман дахалаҳу кона оминан фааминнӣ мин азобика ва аҷирнӣ мин сахатика».** (Парвардигоро ба дурустӣ Хона Хонаи Туст ва банда бандаи Туст ва ба таҳқиқ фармудӣ , ки касе дохили Хона гардад дар амон аст, пас маро аз азобат дар амон бидор ва аз ғазабат дар паноҳат нигаҳ дор).

5-Ҳаминки дохили Хона шуд бигӯяд: **«Аллоҳумма иннака қулта фи китобика ва ман дахалаҳу кона оминан фааминнӣ мин азоби-н-нори»** (Парвардигоро ба таҳқиқ дар китобат фармудӣ , ки касе дохили Хона гардад дар амон аст, пас маро аз азоби оташ дар амон нигаҳ дор). Ва бо дуоҳои маъсураи дигар низ дуо кунад.

6-Ду ракъат намози нафл адо кунад ва дуову дуруду салавот ба Расули Худо бифиристад. Кӯшиш кунад намозро дар он ҷое, ки Паёмбар (с) хондааст, бихонад. (тавсифаш гузашт).

7- Ҳангоме, ки дохил шуд сарашро боло ба тарафи осмон накунад ба қасди хондани он навиштаҷоте, ки дар боло нақш шудааст ё ашёҳои муаллақе ба монанди қандил ва ғайраҳо насб шудаанд.

8- Баъди адои намоз ба назди кунҷҳои чаҳоргона омада ҳамду ситоиши Худои таоло, тасбеҳу таҳлилу такбир гуфта ва ба Паёмбар (с) дуруду салавот фиристода, пас барои волидайнаш барои тамоми муъминону муъминот дуо кунад ва ин дуоро бихонад: **«Ва қур раббӣ адхилнӣ мудхала сидқин вахриҷнӣ мухраҷа сидқин ваҷъал лӣ мин ладунка султонан насиро».**

(Ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман, маро ба ваҷҳи писандида дохил кун ва маро ба ваҷҳи писандида берун ор; ва барои ман аз назди Худ қуввати ёридиҳанда бидеҳ!» (Исро:80) Ва муҳимтарин дуо ин талаби беҳисоби ҷаннат аз Худои таоло намудан аст.

9- Аз изо ва азияти мардум дар ҳолати дохил шудан иҷтиноб бикун, зеро дохил шудани Хона мустаҳаб буда ва азият додани мардум ҳаром аст.

10- Ришва додан барои дохил шудани Каъба ҷоиз нест, мардуми Қурайш вақте, ки Каъбаро таҷдиди бино карданд замини дохили Каъбаро боло бурданд ва аз ду дар якеро дар қисмати боло қарор доданд, ки бидуни нардбон духул душвор гардид ва ба ин тартиб хостанд ин кор дар ихтиёри онҳо бошад касеро, ки хоста бошанд дохил баранд ва касеро, ки нахоста бошанд нагзоранд.

Савол 840: Ашёи дохили Каъбаро номбар кунед?

Ҷавоб 840: Ҳозир дар дохили Каъба се сутун мавҷуд буда байни сутунҳо 2,35 метр аст ва инчунин меҳробе аст, ки Паёмбар (с) дар он намоз хондааст. Боби Тавба низ воқеъ буда бо парда музайян аст. Дар дохили Каъба пардаҳои абрешимии сабз кашол буда дар он навиштаҷотҳои ***Ло илоҳа иллаллоҳ...*** ... ***Инна аввала байтин вузиъа ли-н-носи лаллази бибаката муборакан ва ҳудал лил оламин.***

إِنَّ أَوَّلَ بَيْتٍ وُضِعَ لِلنَّاسِ لَلَّذِي بِبَكَّةَ مُبَارَكًا وَهُدًى لِّلْعَالَمِينَ {آل عمران/96}

Ба дурустӣ, аввалин хонае, ки барои [ибодати] мардум муқаррар карда шуд, ҳамон аст, ки дар Макка бувад, муборак ва барои оламиён ҳидоят аст.

Инчунин дар дохили Каъба сандуқи бузурги чӯбине мавҷуд аст, ки ҳадяҳои мулук дар он ҷо нигоҳ дошта мешавад. Ва инчунин чоҳи Каъба (Биъру-л-Каъба) мавҷуд аст. Дар давраи ҳазрати Иброҳим Хонаи Каъба ду дар дошт, ғарбӣ ва шарқӣ дарвозаи дуюмро қавми Тубаъ қуфл заданд ва Қурайш ин дарвозаи дуюмро бастанд ва дари аввалро боло бардоштанд то ин, ки ҳар кас дохил шуда натавонад.

Савол 841: Дарвозаи Каъба аз чӣ сохта шудааст?

Ҷавоб 841: Дарвозаи ҳозир аз чӯб сохта шуда бо 180 кг тилло сохтакорӣ шудааст ва дарвоза аз замин 2,25 см баланд аст.

Савол 842: Дар калиди Каъба кадом оят навишта шудааст?

Ҷавоб 842: Дар калиди Каъба ояти **«Яъмурукум амоната ило аҳлиҳи»** навишта шудааст ва дар дасти банӣ Шайба қарор дорад.

Савол 843: Дари Каъба ба кадом тараф кушода мешавад?

Ҷавоб 843: Дари Каъба ба тарафи дарун кушода мешавад.

Савол 844: Дохили Каъбаро дар як сол чанд бор тоза ва назофат мекунанд?

Ҷавоб 844: Дохили Каъбаро дар як сол ду бор бо атри Уд ва оби Замзаму дигар атрҳои хушбӯй аз ҷониби ходимони Ҳарам тоза ва назофат карда мешавад.

Савол 845: Либоси Каъба чанд метр ва чанд кг мебошад?

Ҷавоб 845: Либоси Каъба 658-метр аз абрешими сиёҳ буда ҳама сола дар таърихи 9-ӯми Зулҳиҷҷа либосро табдил менамоянд ва вазни абрешим 670 кг мебошад.

Савол 846: Мизоб (новдони) Каъба аз чӣ сохта шудааст?

Ҷавоб 846: Мизоби (новдон) Каъбаи мушаррафа аз чӯб сохта шуда ва аз берун бо оби тилло рӯкаш карда шудааст.

Савол 847: Оё назар кардан ба Хонаи Каъба савоб дорад ё не?

Ҷавоб 847: Бисёре аз саҳобагон ба монанди Ибни Аббос (р), Муҷоҳид (р), Сайид ибни Мусайяб (р) ва ғайраҳо фармудаанд, ки назар кардан ба Каъба ибодат аст. Сайид ибни Мусайяб мегӯяд, ки «Касе аз рӯи имон ва тасдиқ ба дил ба Каъба назар кунад аз хатову гуноҳ хориҷ мегардад ба монанди рӯзе, ки аз модараш таваллуд шудааст».

Ва Ато (р) ривоят кардааст, ки назар кардан ба Хона муодули (баробари) як сола ибодат аст.

Савол 848: Нисбати назар кардан ба Каъба Ибни Абисоиби Маданӣ чӣ фармудааст?

Ҷавоб 848: Ӯ фармудааст: «Касе, ки бо имон ва яқин Каъбаро нигоҳ кунад гуноҳонаш ҳамчун барги хушкидаи дарахтон фурӯ резад ва касе, ки дар масҷиди шариф нишаста ва ба Каъба нигоҳ кунад, агарчанде машғули намозҳои нафлӣ набошад аз касе, ки дар хонаи худ намози нафл мехонад афзал аст».

Нигоҳкунандаи Каъба ба манзалаи касе аст, ки шаброба бедор ва рӯзро рӯза мегирад ва монанди

муҷоҳид дар роҳи Худо ва тавбакунанда ба Худо мебошад.

Савол 849: Оё дар фазилати тавофи Хонаи Каъба ягон ҳадис ворид шудааст?

Ҷавоб 849: Бале, ҳадисҳо ворид шудаанд. Имом Тирмизӣ ривоят кардааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ҳанӯз қадамеро набардошта ва қадами дигариро бар замин нагузошта, магар ин ки Худои таъоло хатоҳои ӯро маҳв карда ва ба ӯ ҳасанот навишта мекунад».

Савол 850: Оё санги сиёҳ аз ҷаннат фуруд омадааст?

Ҷавоб 850: Бале, Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳаҷарuласвад аз биҳишт нозил шуд ва аз шир сафедтар буд, гуноҳони банӣ одам онро сиёҳ кард».

Савол 851: Оё санги сиёҳ рӯзи қиёмат шаҳодатӣ медиҳад?

Ҷавоб 851: Расули Худо (с) фармуданд: «Қасам ба зоти Худо рӯзи қиёмат Худованд (ҷ.ҷ) санги сиёҳро меоварад дар ҳоле ки ду чашм дорад мебинад ва забон дорад нутқ мекунад, гувоҳи медиҳад ба нафъи касе, ки онро ба ҳақ бӯса додааст».

Савол 852: Оё дар ҳоли истиломи Ҳаҷаруласвад ягон дуои маснуна вуҷуд дорад?

Ҷавоб 852: Бале, дуои ин аст: **«Аллоҳумма имонан бика ва тасдиқан бикитобика ва вафоан биаҳдика».** Яъне, «Эй Аллоҳ бар ту имон овардам ва китобатро тасдиқ кардам ва ба аҳдат вафо намудам».

Савол 853: Мултазам чӣ маъно дорад?

Ҷавоб 853: Ба хотири ин, ки мардум сару сина ба он мечаспонанд, мултазам гӯянд.

Савол 854: Оё дар бораи Мултазам Паёмбари Худо (с) ягон ҳадис ривоят кардааст?

Ҷавоб 854: Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Мултазам ҷое аст, ки дуо мустаҷоб мешавад ва ҳеҷ бандае дар он ҷо дуо нахоҳад кард, магар Худованд онро қабул фармояд». Яъне, кадом бандае, ки он ҷо дуо кунад, Худои таъоло онро қабул мекунад.

Савол 855: Оё санги сиёҳ дорои ягон хусусияти хосе мебошад ё не?

Ҷавоб 855: Хусусияти хосси санги сиёҳ дар он аст, ки дар ҳарорати бисёр баланд гарм намешавад ва дар об таг наменишинад.

## Фазилати ҳаҷ, ҳоҷӣ ва умракунанда

Савол 856: Ҳоҷӣ ва умракунанда дорои чӣ шаъну фазилат мебошанд?

Ҷавоб 856: Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳоҷӣ ва умракунанда меҳмони Худоянд, чун бихоҳанд бидиҳад ва агар талаби мағфират кунанд, онҳоро бибахшад».

Савол 857: Сабаби қабулияти дуои ҳоҷӣ ва умракунанда дар чист?

Ҷавоб 857: Дар ривояте омадааст, ки ҳоҷӣ ва умракунанда меҳмони Худоянд, ҳарчи бихоҳанд ато кунад ва дуояшон қабул гардад ва ҳар он чи дар ин роҳ харҷ кунанд ивази онро дарёфт кунанд.

Савол 858: Оё ҳоҷиён назди аҳли Макка ягон ҳаққе доранд?

Ҷавоб 858: Аҳли Макка агар бидонанд, ки ҳоҷиён бар онҳо чӣ андоза ҳақ доранд, ҳангоми вуруд ба пешвози онҳо рафта саворихояшонро бӯса диҳанд, зеро ҳоҷиён меҳмони Худованданд.

Савол 859: Оё ҳаҷ ва умра фақру гуноҳро аз байн бурда метавонад ё хайр?

Ҷавоб 859: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳаҷ ва умраро пушти сари ҳам қарор диҳед, зеро он ду фақр ва гуноҳро ҳамчун кураи оташ, ки зангори оҳан, тилло ва нуқраро бизудояд, аз байн мебарад».

Савол 860: Оё ҳаҷ ва умра ҷиҳод шуда метавона?

Ҷавоб 860: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҷиҳоди пиронсол, заъиф (хурд) ва зан ҳаҷ ва умра аст».

Савол 861: Оё ҳоҷӣ шафоат мекунад ё не?

Ҷавоб 861: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Ҳоҷиён 400-нафар аз мардум ё хонаводаи худро шафоат хоҳад кард ва ҳоҷӣ баъд аз ҳаҷ аз гуноҳонаш ҳамчун тифлӣ навзод пок мегардад».

Савол 862: Оё зиёрат ва мулоқоти ҳоҷӣ савоб дорад ё не?

Ҷавоб 862: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Чун ба мулоқоти ҳоҷӣ ноил омадӣ ӯро салом гуфта, мусофаҳа (даст ба даст салом кардан) кун ва қабл аз ин, ки ӯ ба манзилаш бирасад, тақозои дуо кун, зеро ба хотири ӯ бахшида мешавад».

Савол 863: Оё дар ҳаҷ шитоб ва саросемагӣ кунад ё хайр?

Ҷавоб 863:  Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар кас қасди ҳаҷ дорад ҳарчи зуд биравад». Дар адои фарз таъҷил (шитоб) бояд кард, маълум нест андаке баъд чӣ мешавад.

Савол 864: Оё касе ба қасди ҳаҷ ва умра сафар кунад ва дар роҳ бимирад, савоби ҳаҷ ва умра ба ӯ мерасад ё не?

Ҷавоб 864: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Касе, ки ба қасди ҳаҷ сафар кунад ва бимирад савоби ҳаҷ ба ӯ то қиёми қиёмат мерасад ва касе, ки ба қасди умра сафар кунад ва бимирад аҷру савоби умракунандагон то қиёми қиёмат ба ӯ мерасад».

Савол 865: Оё ҳаҷ гуноҳон ва аъмоли зиште, ки пеш аз ҳаҷ инсон анҷом додааст нобуд ё аз байн мебарад ё не?

Ҷавоб 865: Ибни Шимоса мегӯяд: Мо назди Амр ибни Ос (р) расидем, ҳол он ки ӯ дар сакароти марг буд. Ӯ ба гиря афтод ва идома доду гуфт: Чун Худои таъоло лутф фармуд нури исломро дар дилам ниҳод. Ба ҳузури Расули Худо (с) расидам ва арз кардам ё Расулаллоҳ (с) дастатро дароз кун то бо ту байъат кунам, чун Расули Худо (с) дасти муборакро дароз намуд ман дастам бигрифтам. Фармуд: Эй Амр туро чӣ шуд? Арз кардам, мехоҳам шарт кунам. Фармуд: Чӣ мехоҳӣ шарт кунӣ? Арз кардам ин, ки гуноҳонам бахшуда шавад. Фармуд: Оё намедонӣ, ки Ислом, ҳиҷрат ва ҳаҷ ҳар он чӣ қабл аз онҳо буда нобуд мегардонад.

Савол 866: Агар ҳоҷӣ бо моли ҳаром иқдом ба ҳаҷ намояд, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 866: Дар ривоят омадааст, ки агар ҳоҷӣ бо моли ҳаром иқдом ба ҳаҷ кунад сафараш дар роҳи

Худо нахоҳад буд ва чун бар саворӣ нишаста **лаббайк** гӯяд, малак дар ҷавоб **ло лаббайк ва ло саъдайк** гӯяд. Молат ҳаром, либосат ҳаром, саворият ҳаром, тӯшаат ҳаром дар ҳоле бармегардӣ, ки бар ту вубол ва ҳалокат аст. Боз Худованд мефармояд ҳаҷат мардуд аст.

## Нисбати таърихчаи Каъба ва бозсозии он

Савол 867: Дар даврони кӣ дар дохили Каъба се сутун насб шуд?

Ҷавоб 867: Дар бозсозии даврони ҷавонии Паёмбари Худо (с) Каъбаро мусаққаф намуданд ва шаш сутун барои нигоҳдории сақф дохили он насб карданд. Дар бозсозии баъдӣ тавассути Абдуллоҳ ибни Зубайр теъдоди се сутун дохили Каъба насб шудааст, ки то ҳол ин се сутун боқист.

Савол 868: Дар садри Ислом Масҷидулҳаром доройӣ чанд дар буд?

Ҷавоб 868: Масҷидулҳаром дар садри Ислом дорои сӣ (30) дар буда ва дар ин замон доройӣ аз наваду чор зиёд дари кӯчаку бузург аст?

Савол 869: Оё аз ҷониби Худованд ба тавофкунандагон, намозгузорон ва назаркунандагони Хонаи Каъба раҳмат мерасад ё не?

Ҷавоб 869: Ҳамоно саду бист раҳмати Худованд дар атрофи Каъба аст, шаст раҳмат барои тавофкунандагон ва чиҳил раҳмат барои намозгузорон ва бист раҳмат барои касоне аст, ки ба Каъба нигоҳ мекунанд.

Савол 870: Ҳаҷаруласвад то ҳол чанд бор аз ҷониби киҳо дар ҷои худ насб гардидааст?

Ҷавоб 870: То кунун чандин бор Ҳаҷаруласвад бо ҳодисаҳои табиъӣ ва ғайри табиъӣ рӯ ба рӯ шуда ва муҷаддадан дар ҷои худ насб гардидааст.

Бархе аз ҳодисаҳо иборатанд аз:

1.Қабл аз беъсати Паёмбари Худо (с), ки Каъба ба воситаи сел хароб шуд, пас аз таҷдиди бино барои насби Ҳаҷаруласвад миёни қабилаҳои мухталифи Макка ихтилоф ба вуҷуд омад ва қарор шуд, аввалин касе, ки вориди Масҷидулҳаром мешавад, доварӣ кунад. Аз қазо Муҳаммад (с), ки дар он замон ҷавони 35-сола буд, вориди Масҷидулҳаром шуд ва фармуд: Абое оварданд ва сангро миёни он ниҳоду бузургони ҳар қабила гӯшаи аборо (порча) гирифта ба маҳалли насби он оварданд ва худи ҳазрати Муҳаммад (с) сангро бардошту дар ҷояш қарор дод.

2.Дар пайи шӯриши Абдуллоҳ Ибни Зубайр дар замони ҳукумати Язид, лашкаре ба дастури Язид барои саркӯби вай, ки ба Каъба паноҳанда шуда буд,

ҳамла кард ва Каъбаро ба оташ кашид ва хароб кард, ки тавассути худи Абдуллоҳ ибни Зубайр таъмир шуд ва санг дар ҷояш насб шуд.

3.Пас аз ҳамлаи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ ба Макка ва кушта шудани Абдуллоҳ ибни Зубайр, ки Хона ба дастури Абдулмалик ибни Марвон бозсозӣ шуд ва Ҳаҷаруласвад ба дасти Имом Зайналобиддин дар ҷои худ насб шуд.

4.Пас аз қарни саввум бархе аз мулҳидин ва Қаромита, ки яке аз фирқаҳои Исмоилия буданд ба Макка юриш бурданд ва Хонаи Худоро вайрон карда Ҳаҷаруласвадро (санги сиёҳро) аз ҷои худ канданд ва бо худ бурданд. Ҳангоме, ки Ҳаҷаруласвад баъди 23-сол бозгардонда шуд тавассути нафаре дар ҷои худ насб гардид.

Савол 871: Дари дуввуми Хонаи Каъба дар замони кӣ масдуд (баста) шуда ва дари дигари аз замин боло бардошта шуда ва аз тарафи киҳо сохта шуданд?

Ҷавоб 871: Дар даврони ҷавонии Паёмбари Худо (с), ки Каъба бозсозӣ шуд, барои аввалин бор дари чӯбӣ тавассути Қурайш барои Каъба дар маҳалли феълӣ, ки болотар аз замин қарор дорад, насб гардид ва даргоҳи пушти Каъба масдуд (баста) шуд.

Савол 872: Аз тарафи кӣ дари дуввум боз аз сари нав кушода шуд?

Ҷавоб 872: Дар як бозсозии дигар Абдуллоҳ ибни Зубайр онро ҳамсатҳи замин қарор дод ва дари дигарро, ки пушти Каъба қарор дошт, гушуд ва Каъба муҷаддадан дорои ду дар шуд.

Савол 873: Дар даврони кӣ бори дигар дари пушти Каъба масдуд (баста) шуд?

Ҷавоб 873: Дар бозсозии баъд, ки дар даврони Абдулмалик ибни Марвон сурат гирифт, дари пушти Каъба масдуд шуд ва дари аввалӣ дар ҷои худ, яъне болотар аз сатҳи замин дар макони феълӣ қарор гирифт.

Савол 874: Маҳалли Мустаҷор дар куҷои Каъба воқеъ шуда буд?

Ҷавоб 874: Маҳалле, ки пештар дари пушти Каъба дар он ҷо буд, яъне каме монда ба рукни Ямониро «Мустаҷор» мегӯянд.

Савол 875: Шозарвон дар куҷои Хонаи Каъба воқеъ шудааст?

Ҷавоб 875: Шозарвон , баромадагии шебдори кӯтоҳе аст, ки дар қисмати поёнии девори Каъба, ба ҷуз тарафи Ҳиҷри Исмоил вуҷуд дорад. Ин нишонае аст, ки пештар деворҳои Каъба рӯи он қарор дошта ва дар таҷдиди (бозсозии) бинои Каъба миқдори деворҳо аз дохил поягузорӣ шудааст.

Савол 876: Қабристони Ҳаҷун ё қабристони Абӯтолиб дар куҷои Макка воқеъ шудааст?

Ҷавоб 876: Ин қабристон дар канори пули (купрук) Ҳаҷун воқеъ аст. Маҳалли дафни бисёре аз бузургони дин ва аҷдоди Паёмбари Худо (с) ва хонадони банӣ Ҳошим мебошад, ки маъруфтарини онҳо иборатанд аз:

1.Қусай ибни Килоб

2.Абдулмутталиб ҷадди Паёмбари Худо (с)

3.Абӯтолиб амаки гиромии Паёмбари Худо (с)

4.Ҳазрати Хадиҷа (р) ҳамсари гиромии Паёмбари Худо (с)

5.Қосим фарзанди Расули Худо (с)

6.Абдуллоҳ ибни Умар (р) ва ғайра. Ин қабристон ҳоло ба Ҷаннату-л-Муалло машҳур аст.

Савол 877: Зодгоҳи Паёмбари Худо (с) дар куҷои Макка воқеъ аст?

Ҷавоб 877: Зодгоҳи Паёмбари Худо (с), яъне хонаи Омина бинти Ваҳб, канори шиъби Абӯтолиб буда, ки дар ин замон дар қисмати поёнии муқобили Сафо ва Марва аст, ки маҳалли истгоҳи автобусҳо аст. Илова бар ин ҳоло китобхонаи хурде дар он ҷо бино шудааст ва таблое (навиштаҷоте) бар сари он насб шудааст, ки рӯи он ин ҷумла бо хатти арабӣ навишта шудааст.

## Мактабаи Маккаи мукаррама.

Савол 878: Кӯҳи Савр дар кадом минтақаи Маккаи мукаррама воқеъ шудааст?

Ҷавоб 878: Кӯҳи Савр бар сари роҳи Тоиф дар шарқӣ Макка воқеъ шуда ва дар ҷиҳати мухолифи масири Мадина аст. Дар қисмати болоӣ ва шарқии ин кӯҳ ғори «Савр» ҷойгир аст. Ин ғор се шабонарӯз мизбони Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакри Сиддиқ (р) будааст.

Савол 879: Қиссаи ғори Саврро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 879: Дар соли сездаҳуми беъсат вақте, ки сарони Қурайш нақшаи қатли Паёмбар (с)-ро кашиданд Худованд ҳазратро аз ин нақшаи шум огоҳ сохт ва дар шаб ҳазрати Алӣ (р)-ро дар бистари хеш хобонид ва худ ҳамроҳи Абӯбакри сиддиқ (р) дар ин ғор махфӣ шуд ва пас аз се шабонарӯз, ки душманон аз таъқиби Паёмбари Худо (с) маъюс шуданд ба Мадина ҳиҷрат карданд.

Ҳангоме, ки Паёмбар (с) ва Абӯбакр (р) дар ғор ба сар мебурданд, душманон дар талош барои ёфтани он ҳазрат буданд ва барои ёфтани эшон сад шутур ҷоиза таъйин карданд ва коршиносонро барои пайдо кардани радди пойи Паёмбар (с) ба кор гирифтанд. Яке аз онҳо радди пойи он ҳазратро

шинохт ва душманро то наздикии дари ғор роҳнамоӣ кард, вале диданд, ки торҳои анкабут бар даҳонаи ғор танида ва кабӯтарон дар он ҷо тухм гузоштаанд, ба ҳамин ҷиҳат яқин карданд, ки касе дохили ғор нест.

Савол 880: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) ва Абӯбакри Сиддиқ (р) дар дохили ғор буданд, кадом оят нозил шуд?

Ҷавоб 880: Ҳангоме, ки сару садои душман ва гуфтугӯи онҳо дар беруни ғор ба гӯши Паёмбар (с) ва Абӯбакр (р) расид ваҳшат ва изтироб Абӯбар (р)-ро фаро гирифт, лизо ҳазрат ба ӯ фармуд: **«Ло таҳзан инналлоҳа маъано».** «Гамгин машав Худои таъоло бо мост» ин оят нозил шуд.

Савол 881: Кӯҳи Савр чанд метр баландӣ дорад?

Ҷавоб 881: Кӯҳи Савр 748-метр баландӣ дорад.

Савол 882: Кӯҳи Нур ва ғори Ҳиро дар куҷои Макка воқеъ шудааст?

Ҷавоб 882: Кӯҳи Нур дар шарқи Макка воқеъ аст ва ғори Ҳиро дар болои он қарор дорад.

Савол 883: Дар ғори Ҳиро кадом сура нозил шудааст?

Ҷавоб 883: Дар ғори Ҳиро аввалин сураи Қуръон Алақ нозил шудааст. **«Иқра бисми роббика-л-лазӣ халақа. Халақа-л-инсона мин алақ».** Паёмбар (с), ки дарс нахонда буд, гуфт: Ман хонда наметавонам.

Фариштаи ваҳй он ҳазратро фишурду гуфт: Бихон, пас аз се бор такрор Паёмбар (с) эҳсос кард, метавонад бихонад. Он гоҳ он оётро тиловат кард.

Савол 884: Масҷиди Ҷин дар куҷои Макка ҷоёгир шудааст?

Ҷавоб 884: Дар ин макон, ки Паёмбар (с) ин оётро **«Қул увҳия илайя аннаҳу-с-тамаъа нафарун мина-л-ҷинни фақолӯ инно самиъно қуръонан аҷабан».** Яъне, Бигӯ: «Ба сӯи ман ваҳй фиристода шуд, ки гурӯҳе аз ҷин гӯш ниҳоданд, пас, гуфтанд: Ба дурустӣ ки мо Қуръоне аҷиб шунидем»,

тиловат мекард, теъдоде аз ҷинниён бо шунидани садои Қуръон мутаваққиф шуданд ва бо истимоъи ин оёт ба Паёмбар (с) имон оварданд ва сипас оётро ба соири (ҳамаи) ҷинниён низ расонданд. Бинобар нақле, Худованд оёти сураи Ҷинро дар ин макон бар Паёмбар (с) нозил кард. Аз он ҷиҳат, ки ин макон маҳалли иҷтимоъи посдорони ислом буда, онро масҷиди Ҳарас (Ҳирс) низ хондаанд. Ин масҷид бо фосилаи каме аз пули Ҳаҷун ба самти Масҷидулҳаром ва дар канори хиёбон воқеъ шудааст.

Савол 885: Масҷиди Танъим дар куҷои Маккаи мукаррама ҷойгир шудааст?

Ҷавоб 885: Ин масҷид дар ибтидои маҳдудаи Ҳарам воқеъ шуда, ки бо таваҷҷуҳ ба тавсеъаи шаҳри

Макка дар ҳоли ҳозир ҷузви шаҳри Макка маҳсуб мешавад. Ҳангоме, ки аз Мадина ё Ҷидда вориди Макка мешавем, дар самти чапи хиёбон ва дар мадхали (вуруди) шаҳри Макка, сохтмони масҷид ба чашм мехӯрад. Ин масҷид яке аз миқотҳо аст ва касоне, ки дар Макка бошанд, ҷиҳати эҳроми умра ба ин масҷид меоянд ва дар он муҳрим мешаванд.

Имом Абӯҳанифа (раҳ) низ барои адои умра ҳамин миқотро тавсия додааст. Ин масҷид инчунин бо номҳои Оиша ва Умра машҳур аст. Фосилаи масҷиди Танъим то Масҷидулҳаром шаш километр аст.

## Номҳои Маккаи мукаррама

Савол 886: Номҳои Маккаи мукаррама дар Қуръони карим чанд бор зикр шудааст?

Ҷавоб 886: Номҳои Маккаи мукаррама дар Қуръони карим зиёда аз ҳашт бор бо номҳои гуногун зикр шудааст:

1.Бакка: **Инна аввала байтин вузиъа линноси лаллазӣ би бакката муборакан**. «Ба дурустӣ, аввалин Хонае, ки барои ибодати мардум муқаррар карда шуд, ҳамон аст, ки дар (Бакка) Макка бувад».

2.Макка: **«Ва ҳуваллазӣ каффа айдияҳум анкум ва айдиякум анҳум би батни Макката»,** «Ва Ӯст Он (Худой), ки дар миёни Макка дасти онҳоро аз шумо ва дасти шуморо аз онҳо боздошт».

3.Ал-Балда**: Иннамо умирту ан аъбуда рабба ҳозиҳи-л-Балда.** (Бигӯ:) «Ҷуз ин нест, ки ба ман фармуда шуд, ки Парвардигори ин шаҳрро ибодат кунам».

4.Ал-Балад: **«Ло уқсиму биҳоза-л-Балад»,** яъне «Қасам мехӯрам ба ин шаҳр».

5.Ал-Қаря: **«Ва зараба-л-Лоҳу масалан Қарятан»,** яъне «Ва Худо масали деҳеро баён кард».

6.Умму-л-Қуро: **«Ва казолика авҳайно илайка Қуръонан арабиян литунзира умма-л-Қуро»,** яъне, «Ва ҳамчунин Қуръони арабиро ба сӯи ту ваҳй фиристодем, то аҳли Макка ва касонеро, ки гирдогирди он ҳастанд, битарсонӣ».

7.Маъод: **«Инна-л-лазина фараза алайка-л-Қуръона лароддука ило Маъодин»,** яъне «Ба дурустӣ, Он, ки (таблиғи) Қуръонро бар ту фарз кард, албатта, туро ба сӯи ҷои бозгашт бозгардонанда аст».

8.Ал-Водӣ: **«Раббано иннӣ асканту мин зурриятӣ би Водин ғайри зи заръин инда байтика-л-муҳаррами»,** яъне «Эй парвардигори мо,

ҳамоно ман баъзеи авлоди худро ба Водии бекишт, назди Хонаи муҳаррами Ту сокин сохтам».

Савол 887: Он номҳое, ки дар Қуръони карим зикр нашудаанд, чандто мебошанд?

Ҷавоб 887: Он номҳое, ки дар Қуръони карим зикр нашудаанд, ададашон зиёд аст. Мисол.1. Макка, 2- Бакка, 3- Балад, 4- Қаря, 5- Уммулқуро, 6- Балда, 7- Баладуламин, 8- Салоҳ, 9- Боса, 10- Басоса, 11- Носа, 12- Насоса, 13- Ҳотима, 14- Раъс, 15- Кусо, 16- Арш, 17- Ариш, 18- Урш, 19- Қодис, 20- Қодисия, 21- Сабуҳа, 22- Ҳаром, 23- Баладу-л-Ҳаром, 24-Масҷиду—Ҳаром, 25- Муъатташа, 26- Барраҳ, 27- Ратоҷ, 28- Умм, 29- Раҳм, 30- Умми Раҳм, 31- Умму-р-Раҳма, 32- Умми Кусо, 33- Амина, 34- Умму-с-Сафо, 35- Марвия, 36- Умму-л-Машоир, 37- Мутахафа, 38- Баладу-л-Марзуқа, 39- Тиҳома, 40- Ҳиҷоз, 41- Тайиба, 42- Мадинату-р-Рабб, 43- Оқир, 44- Форон.

Савол 888: Маккаи мукаррама дорои кадом хасоис мебошад?

Ҷавоб 888: Аз хасоиси Маккаи мукаррама ин аст, ки агар касе дар Маккаи мукаррама ҳамеша ба хӯрдани гӯшт ва нӯшидани об мувозабат (кӯшиш) намояд ба ӯ бар ботинаш зараре намерасад. Баръакси маконҳои дигар, ки ба ӯ зарар мерасад.

Савол 889: Ҳангоме. ки Паёмбари Худо (с) дар Маккаи мукаррама иқомат ва зиндагӣ мекард, оё намозро ба тарафи Байтулмуқаддас мехонд?

Ҷавоб 889: Ҳангоме, ки Паёмбари Худо (с) дар Маккаи муаррама иқомат ва зиндагӣ мекард, намозҳоро ба тарафи Каъба мехонд.

Савол 890: Паёмбари Худо (с) кай ва кадом вақт ба тарафи Байтулмуқаддас намоз хонданд?

Ҷавоб 890: Паёмбари Худо (с) баъди ҳиҷрат ба Мадинаи мунаввара барои майл кунондани дилҳо ва илтифоти яҳуд ба тарафи Байтулмуқаддас намоз мехонданд.

Савол 891: Паёмбари Худо (с) дар Мадинаи мунаввара чанд муддат қарор доштанд, ки қибла ба тарафи Маккаи мукаррама таҳвил гашт?

Ҷавоб 891: Баъди 16-17-моҳи иқомат дар Мадинаи мунаввара қибла аз ҷониби Байтулмуқаддас ба тарафи Каъба таҳвил гашт.

Савол 892: Дар кадом сол, дар кадом масҷид ва дар кадом намоз ва дар кадом ракъат қибла ба тарафи Каъба таҳвил (баргашт) шуд?

Ҷавоб 892: Дар соли дуввуми ҳиҷрӣ, дар масҷиди Қиблатайн, дар намози пешин ва дар ракъати сеюм Паёмбари Худо (с) бо ҳамроҳии намозгузорон ба

тарафи Каъба давр заданд ва масҷид бо номи Қиблатайн (дорои ду қибла) ном гирифт.

Савол 893: Аввалин нафаре, ки Каъбаро мураббаъ бино кард, кӣ буд?

Ҷавоб 893: Аввалин нафаре, ки Каъбаро мураббаъ бино кард, Ҳумайд ибни Зуҳайр буд.

Савол 894: Аввалин имоме, ки Ҳаҷаруласвадро пеш аз намоз ва баъди намоз истилом мекард, кӣ буд?

Ҷавоб 894: Аввалин имоме, ки Ҳаҷаруласвадро пеш аз намоз ва баъди намоз истилом мекард, Абдуллоҳ ибни Зубайр буд.

Савол 895: Ҳангоме, ки Қарматиҳо санги сиёҳро аз ҷояш канда бурданд ва то расидан ба ватанашон чанд шутур дар роҳ дар зери санг мурда ва чанд шутури дигар ҳангоми баргаштан мурд?

Ҷавоб 895: Ҳангоме, ки Қарматиҳо санги сиёҳро аз ҷояш канда бурданд ва то расидан ба ватанашон дар зери санги сиёҳ (ҳангоми ҳамли санг) 40- шутур мурд ва ҳангоми баргардондани санги сиёҳ баъди 23-сол ба сӯи Маккаи мукаррама як шутури лоғар давон-давон омада ва то ба Маккаи мукаррама расидан, фарбеҳ шуд.

Савол 896: Оё масҳи Санги сиёҳ (Ҳаҷаруласвад) хатоиҳоро маҳв ва дур мекунад ё не?

Ҷавоб 896: Аз Ибни Умар (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Масҳи Санги сиёҳ ва рукни Ямонӣ хатоҳоро маҳв ва дур мекунад».

Савол 897: Оё Санги сиёҳ ба Паёмбар (с) салом додааст?

Ҷавоб 897: Оре. Дар ривоят омадааст, ки Санги сиёҳ пеш аз мабъус шудани Паёмбар (с) ба ӯ салом додааст.

Савол 898: Фазилати Рукни Ямониро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 898: Рукни Ямонӣ фазилатҳои бисёре дорад. Аз Ибни Аббос (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Кадом вақте, ки аз назди рукни Ямонӣ мегузаштам малоикаро медидам, ки омин-омин нидо мекард. Ҳангоме, ки аз он ҷо мегузаред, бигӯед: **Раббано отино фи дунё ҳасана ва фи-л-охирати ҳасана  ва қино азоба-н-норӣ».** Инчунин Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки рукни Ямонӣ даре аз дарҳои ҷаннат аст. Муҷоҳид гуфтааст, ки нест инсоне, ки гузорад дасташро дар рукни Ямонӣ ва дуо кунад, дуояш қабул мешавад, зеро аз замони халқи Хона байни рукни Ямонӣ ва Ҳаҷаруласвад 70-ҳазор малоика ҳамеша он ҷо дуо мекунанд.

Савол 899: Сари ҳазрати Одам (а)-ро баъди ҳаҷ кӣ тарошид?

Ҷавоб 899: Сари ҳазрати Одам (а)-ро баъди ҳаҷ ҳазрати Ҷабраил (а) ба ёқуте аз ёқутҳои ҷаннат тарошид.

Савол 900: Сабаби аз сари нав бино кардани Каъбаро аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Зубайр дар чист?

Ҷавоб 900: Ҳангоме, ки Ҳусайн ибни Нумайр бо лашкари анбӯҳе аз ҷониби Язид ибни Муовия ба Маккаи мукаррама барои қатли Абдуллоҳ ибни Зубайр омаданд. Лашкари Ҳусайн бо Манҷаниқҳо ба Каъба тир партоб намуданд ва дар натиҷа Каъба, ки дар даврони Қурайш бо чӯби Соч сохта шуда буд ва инчунин либоси Каъба оташ гирифт ва Хона хароб шуд. Он замон шамоли сахте низ мевазид. Абдуллоҳ ибни Зубайр Хонаро ба тарзи бинои ҳазрати Иброҳим (а) сохта ва дарҳои машриқ ва мағрибро кушода ҳамсатҳи замин сохт.

Савол 901: Сабаби аз нав бино кардани Каъба ва тағйири Каъба аз ҷониби Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф дар чӣ буд?

Ҷавоб 901: Баъди қатли Абдуллоҳ ибни Зубайр Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф бо амри Абдулмалик ибни Марвон бинои Абдуллоҳ ибни Зубайрро хароб карда ва дари ғарбиро баста ва Ҳиҷри Исмоилро ба ҳолати даврони бинои Қурайш бино намуданд. Сабабаш ин

буд, ки Абдуллоҳ ибни Зубайр бинои даврони ҳазрати Паёмбар (с)-ро тағйир додааст.

Савол 902: Тавоф афзал аст ё Умра анҷом додан?

Ҷавоб 902: Аз Анас ибни Молик пурсиданд: Тавоф афзал аст ё умра? Дар посух гуфт, ки тавоф афзал аст, агар такрор ёбад, дар ғайри ин сурат як тавоф дар умра мавҷуд аст.

## Маълумот дар бораи ба ҷиҳати Каъба намозхонии кишварҳо

Савол 903: Сокинон ва намозгузорони кишварҳои Миср, Искандария ва Троблус (Триполӣ) ва кишварҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом ҷиҳати қибла намоз мегузоранд?

Ҷавоб 903: Намозгузорони сокинони кишварҳои номбурда ба самти кунҷи ғарбӣ ва Мизоб (новдон) намоз мегузоранд.

Савол 904: Намозгузорони кишварҳо ва минтақаҳои Шоми ғарбӣ, васати Ғазза, Рамла, Байтулмуқаддас, Мадинаи мунаввара, Димишқ, Фаластин ва минтақаҳои он тараф ба кадом ҷиҳати қибла (Каъба) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 904: Намозгузорон ва сокинони кишварҳо ва минтақаҳои номбурда ба самти Мизоби (новдон) Каъба каме моил ба рукни ғарбӣ намоз мегузоранд.

Савол 905: Намозгузорони тамоми минтақа ва кишварҳои Шом аз ҷумла Ҳимс, Ҳамо, Ҳалаб ва соҳилҳои Рум ва минтақаҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом самти Каъба (қибла) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 905: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ҷиҳати мобайни Мизоб (новдон) ва рукни Шомӣ намоз мегузоранд. Мавқифашон мавқифи аҳли Мадина ва Димишқ аст, вале каме моил ба тарафи чап намоз мегузоранд.

Савол 906: Намозгузорони минтақаҳои Раҳо, Мувсал, Санҷор ва Диёрбакр ва минтақаҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом самти қибла намоз мегузоранд?

Ҷавоб 906: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба самти Рукни Шомӣ то мусаллои Одам намоз мегузоранд.

Савол 907: Намозгузорони минтақаҳои Кӯфа, Бағдод, Қодисия, Ҳамадон, Рай, Нишопур, Хуросон, Марв, Хоразм, Бухоро, Фарғона, Шош (Чоч) ва минтақаҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом ҷиҳати Каъба (қибла) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 907: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба самти мусаллои Одам (а) то қарибии дари Каъба намоз мегузоранд.

Савол 908: Намозгузорони минтақаҳои Басра, Аҳвоз, Кирмон, Исфаҳон, Сиистон, шимоли кишвари Чин ва минтақаҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом ҷиҳати Каъба (қибла) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 908: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба тарафи дари Каъба то Ҳаҷаруласвад намоз мехонанд.

Савол 909: Намозгузорони минтақаҳои васати кишвари Чин,Ҳинд. Кобул, Муғулистон ва минтакаҳое, ки дар он самт қарор доранд, ба кадом ҷиҳати Каъба (қибла) намоз мехонанд?

Ҷавоб 909: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба тарафи кунҷи Санги сиёҳ то мусаллои Набӣ намоз мехонанд.

Савол 910: Намозгузорони минтақаҳои Яман, Ҳазрамавт, Санъо, Уммон, Сабо ва минтақаҳое, ки дар он самт ҷойгиранд, ба кадом ҷиҳати Каъба (қибла) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 910: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба ҷиҳати ҳафт зироъ тарафи рукни Ямонӣ намоз мехонанд.

Савол 911: Намозгузорони минтақаҳои Ҳабаша (Эфиопия) ва аксари кишвари Судон, Алҷазоир ва кишварҳое, ки дар он минтақа зиндагӣ мекунанд, ба кадом ҷиҳати Каъба (қибла) намоз мехонанд?

Ҷавоб 911: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба самти рукни Ямонӣ то сеяки девор, ки он ҳамон маконе аст, ки дар баста шудааст, намоз мехонанд.

Савол 912:Намозгузорони баъзе минтақаҳои Африқо, васати Мағриб то баҳри Муҳит, ки тарафи Ҷидда мебошанд, ба кадом тарафи Каъба (қибла) намоз мегузоранд?

Ҷавоб 912: Намозгузорони минтақаҳои номбурда ба самти сеяки девори рукни Ғарбӣ намоз мегузоранд.

## Масоили мутаффариқа

Савол 913: Паёмбари Худо (с) фармуданд, ки назар кардан ба 5-чиз ибодат аст: Ин 5-чиз кадомҳоянд?

Ҷавоб 913: Ин 5-чиз инҳоянд: 1. Назар кардан ба Мусҳаф (Қуръон), 2. Назар кардан ба Каъба 3. Назар кардан ба волидайн 4. Назар кардан ба оби Замзам, ки хатоҳоро маҳв мекунад 5. Назар кардан ба рӯи олим.

Савол 914: Аҳли кадом кишвар ба ҳаҷ мерафтанд ва зоду роҳила бо худ намегирифтанд ва мегуфтанд, ки мо таваккалкунандагонем?

Ҷавоб 914: Аҳли кишвари Яман ба сафари ҳаҷ мерафтанд ва бо худ зоду роҳила намегирифтанд ва мегуфтанд, ки мо меҳмони Худо ҳастем ва ба Худо таваккал мекарданд. Пас Худои таъоло ин оятро нозил кард. **«Ва тазавваду фаинна хайра-з-зоди тақво».**

Савол 915: Дӯстдоштдатарин замин назди Худо кадом сарзамин аст?

Ҷавоб 915: Дӯстдоштдатарин замин назди Худованд сарзамини Макка аст. Назди Худо на хоке аз хоки он маҳбубтар аст, на санге аз санги он, на дарахте аз дарахти он, на кӯҳе аз кӯҳи он ва на обе аз обҳои он.

Савол 916: Аломати ҳаҷҷи мабрур (қабулшуда) кадомҳоянд?

Ҷавоб 916: Аломатҳои ҳаҷҷи қабулшуда инҳоянд:

1.Ҳоли одамӣ баъд аз ҳаҷ беҳтар аз собиқ гардад

2.Аз аломати қабули ҳаҷ, тарки маъсиятҳо аст, ки собиқ мекард

3.Бадал кардани ҳамнишинони бадро бо ҳамнишинони хуб ва маҷолиси лаҳв ва ғафлатро бо маҷлисе, ки дар он ёди Худо мешавад.

Савол 917: Дар дохили Каъба кадом оят нозил шудааст?

Ҷавоб 917: Дар дохили Каъба ин оят нозил шудааст: **«Инналлоҳа яъмурука ан туаддуламоноти ило аҳлиҳо»,** яъне «Аллоҳ ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонаш бозпас диҳед».

Савол 918: Аввалин намози ҷумъаи Паёмбар (с) дар Мадина, дар куҷо буд?

Ҷавоб 918: Аввалин намози ҷумъаи Паёмбар (с) дар Мадина дар миёни қабилаи банӣ Солим ибни Авф, ҳозир масҷиди Ҷумъа аст.

Савол 919: Чӣ касе буд, ки пинҳон ба ҳаҷ рафт?

Ҷавоб 919: Холид ибни Валид буд.

Савол 920: Кадом шаҳр модари ҳамаи шаҳрҳост?

Ҷавоб 920: Маккаи мукаррама.

Савол 921: Калимаи «Ясриб» дар кадом ояти Қуръон омадааст?

Ҷавоб 921: Дар сураи Азҳоб ояти 13 омадааст.

Савол 922: Рӯзи фатҳи Макка кӣ бар рӯи Каъба азон гуфт?

Ҷавоб 922: Билол ибни Раббоҳ азон гуфт.

Савол 923: Паёмбари Худо (с) рӯзи фатҳи Макка калиди Каъбаро ба дасти кӣ супурд?

Ҷавоб 923: Ба дасти Усмон ибни Афвон (р) супурд.

Савол 924: Паёмбари Худо (с) дар хутбаашон дар Арафот нисбати занҳо, чӣ фармуданд?

Ҷавоб 924: Паёмбар (с) дар суханронии рӯзи Арафа ба он таъкид ва суфориш намуданд, масъалаи занон аст, ки бояд ҳуқуқи онҳо муроот шуда ва рафтори нек ва писандида бо онҳо сурат гирад. Паёмбар (с) чунин афзуданд: «Аз Худованд дар мавриди занон битарсед, зеро шумо онҳоро ба амонати илоҳӣ гирифта ва ҳаққашон бар шумо ин аст, ки ба гунаи писандида либос ва хӯрокашонро таҳия кунед».

Савол 925: Рӯзаи рӯзи Арафот чӣ савоб дорад?

Ҷавоб 925: Рӯзаи рӯзи Арафа гуноҳони соли гузашта ва ояндаро мебахшад.

Савол 926: Оё ҳаҷ баъди хуруҷи Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ давом меёбад ё не?

Ҷавоб 926: Аз Абӯсаъиди Худрӣ (р) ривоят шудааст, ки Паёмбар (с) фармуданд: «Баъди хуруҷи Яъҷуҷу Маъҷуҷ хонаи Худо ҳаҷ ва умра карда мешавад».

Савол 927: Пеш аз қиёми қиёмат хонаи Каъба аз тарафи кӣ хароб карда мешавад?

Ҷавоб 927: Пеш аз қиёми қиёмат хонаи Каъба аз тарафи марди ҳабашие хароб карда мешавад.

Савол 928: Далелаш чист?

Ҷавоб 928: Далелаш ин ҳадиси Паёмбар (с) аст, ки фармуданд: «Каъба аз ҷониби марди ҳабашие, ки соқҳои пояш борик аст, хароб карда мешавад».

Савол 929: Ҳангоми дуо кардан дар Арафот нишаста дуо кардан афзал аст ё рост истода?

Ҷавоб 929: Дар Арафот рост истода ва рӯ ба тарафи қибла намуда дуо кардан афзал аст, зеро қиём аз нишастан дар Арафот ҳангоми дуо афзал аст.

Савол 930: Дар Арафот кадом намуди дуоҳо афзал аст?

Ҷавоб 930: Дуоҳои маъсурае, ки аз Паёмбари Худо (с) ва салафи солеҳ омадааст, афзал аст.

Савол 931: Оё ягон дуои маъсурае мисол оварда метавонед?

Ҷавоб 931: Бале. Дуо бисёр аст, мисол: **Аллоҳумма-ҷ-ъал фӣ самъӣ нуран ва фӣ басари нуран ва фӣ қалби нуран. Аллоҳумма-ш-раҳ лӣ садри ва яссир лӣ амри...** ва зикрҳои зерин **«Субҳоналлоҳ»-**100-бор, **«Алҳамдулиллоҳ»** 100-бор, **Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи** 100-бор ва истиғфор, яъне **«Астағфируллоҳ»** 100-бор ва ғайра бихонад.

Савол 932: Оё дар ҳолати сар тарошидан ягон дуое ҳаст ё не?

Ҷавоб 932: Бале, ҳаст. Дар ҳолати сар тарошидан ин дуоро мехонад:

**«Аллоҳумма ало мо ҳадоно ванъам алайно вақзӣ анно маносикано, Аллоҳумма ҳозиҳи носияти биядика фа-ҷ-ъал лӣ бикулли шаъратин нуран явмал қиёмати вамҳи анни биҳо сайиатан варфаъ лӣ биҳо дараҷатан, Аллоҳумма борик фи нафсӣ ва тақаббал миннӣ, Аллоҳумма-ғ-фир лӣ ва ли-л-муҳаллиқина ва-л-муқассирина ё восиъал мағфира, омин».**

Савол 933: Зани ҳоиз ва ё нуфасо дар тавофи видоъ дохили масҷид шуда наметавонад, чӣ бояд кунад?

Ҷавоб 933: Дар тавофи видоъ зани ҳоиз ё нуфасо агар тавонад назди дари масҷид омада дуо кунад, агар тавонад миқдоре садақа бидиҳад, агар натавонад ҳеҷ боке надорад.

Савол 934: Агар аз ҷониби касе  ҳаҷ ё умра куне моё савобаш ба он нафар мерасад ё не?

Ҷавоб 934:  Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки ӯ аз Расули Худо (с) пурсид: Эй Расули Худо (с),  мо ба мурдагонамон садақа мекунем ва аз ҷониби онҳо ҳаҷ мекунем ва барои онҳо дуо мекунем, оё инҳо ба онҳо мерасад? Фармуданд: «Бале, ба онҳо мерасад ва онҳо

хурсанд мешаванд, чӣ хеле, ки ба якеи шумо агар табақе ҳадя дода шавад, хурсанд мешавед».

Савол 935: Замоне, ки Абдураҳмон ибни Абӯбакр (р) бо ҳамроҳии ҳазрати Оиша (р) аз Танъим умра анҷом доданд, оё Абдураҳмон эҳром дошт ё не?

Ҷавоб 935: Дар он ҳангом ҳазрати Оиша (р) муҳрим буд ва Абдураҳмон ибни Абӯбакр (р) эҳром надошт.

Савол 936: Агар касе қудрати ҳаҷ кардан надошта бошад ва камбағал бошад, чӣ кор кунад, ки савоби ҳаҷ ё умраро дарёбад?

Ҷавоб 936: Дар ривоят омадааст, ки агар касе намози бомдодро дар масҷиди маҳаллаи худ бо ҷамоат адо карда ва баъди намоз то баромадани офтоб бо зикру дуову салавот ба Паёмбар (с) машғул шуда ва баъд ду ракъат намози Зуҳҳо хонад, савоби ҳаҷ ва умраро дармеёбад.

Савол 937: Масҷиди Амир Ҳамза дар куҷои шаҳри Макка воқеъ шудааст?

Ҷавоб 937: Ин масҷид мансуб ба ҳазрати Ҳамза (р) аст ва дар минтақаи Масфала, дар наздикии хиёбони Иброҳим (а) ва хиёбони Ҳамза (р) қарор дорад.

Савол 938: Масҷиди Абӯбакри Сиддиқ (р) дар куҷои шаҳри Макка воқеъ шудааст?

Ҷавоб 938: Ин масҷид низ дар минтақаи Масфала, дар наздикии масҷиди Ҳамза (р) қарор дорад ва роҷеъ ба он гуфтаанд, ки Расули Худо (с) ва Абӯбакр (р) дар шабе, ки ба самти ғори Савр ҳиҷрат карданд, аз он ҷо ҳаракати худро оғоз намуданд.

Савол 939: Оё қатъ кардани дарахти Арок ва чидани барги Санои Макка дар Ҳарам рухсат аст ё не?

Ҷавоб 939: Қатъ кардани дарахти Арок ва чидани барги гиёҳи Санои Макка рухсат аст, зеро бо навдаи дарахти Арок мисвок мекунанд ва барги гиёҳи Санои Маккаро ҳамчун дорӯ ва чой истеъмол мекунанд.

Савол 940: Аввалин нафаре, ки бо овози баланд дар Макка Қуръон хонд, кӣ буд?

Ҷавоб 940: Аввалин нафаре, ки дар Макка бо овози баланд Қуръон хонд, Абдуллоҳ ибни Масъуд (р) буд.

Савол 941: Аввалин нафаре, ки дар Макка азон гуфт, кӣ буд?

Ҷавоб 941: Аввалин нафаре, ки дар Макка азон гуфт, Билол ибни Раббоҳ дар рӯзи фатҳи Макка буд.

Савол 942: Аввалин нафаре, ки сафҳоро гирди Каъба доирашакл сохт, кӣ буд?

Ҷавоб 942: Холид ибни Абдуллоҳи Ал-Қасро буд.

Савол 943: Аввалин нафаре, ки дар болои минбар дар Макка хутба хонд, кӣ буд?

Ҷавоб 943: Муовия ибни Абӯсуфён (р) буд.

Савол 944: Аввалин нафаре, ки пушти мақоми Иброҳим (а), ки дар мавзеъи ҳозирааш гузошта шуд, кӣ намоз хонд?

Ҷавоб 944: Абдуллоҳ ибни Соиби Оизӣ намоз хонд.

Савол 945: Аввалин касе, ки дар Макка хутба хонд ва баъди хутбааш аммо баъд гуфт, кӣ буд?

Ҷавоб 945: Каъб ибни Ливо буд.

Савол 946: Аввалин кӯҳе, ки дар рӯи замин халқ шуд, кадом кӯҳ аст?

Ҷавоб 946: Кӯҳи Абӯқубайс аст, ки дар ибтидои кӯҳи Сафо қарор дорад.

Савол 947: Аввалин нафаре, ки Қуръонро дар пушти мақоми Иброҳим хатм намуд, кӣ буд?

Ҷавоб 947: Усмон ибни Афвон (р) буд.

Савол 948: Аввалин нафаре, ки намози кусуфро дар Макка хонд, кӣ буд?

Ҷавоб 948: Ибни Аббос (р) дар суффаи Замзам хонд.

Савол 949: Аввалин нафаре, ки мақоми Иброҳимро аз ҷояш таҳвил дод, кӣ буд?

Ҷавоб 949: Умар ибни Хаттоб (р) буд.

Савол 950: Аввлин нафаре, ки атрофи масҷиди Ҳаромро девор кард, кӣ буд?

Ҷавоб 950: Усмон ибни Афвон (р) буд.

Савол 951: Аввалин нафаре аз хулафои рошидин намозро дар Мино пурра (тамом) хонд, кӣ буд?

Ҷавоб 951: Усмон ибни Афвон (р) буд, зеро ӯ дар Макка издивоҷ намуд.

Савол 952: Аввалин нафаре, ки ҳазрати Иброҳим (а) бо дасташ дар назди Хона мусофаҳа (салом) кард, кӣ буд?

Ҷавоб 952: Иброҳим (а) бо Зулқарнайн дар назди Хонаи Каъба вохӯрданд ва бо дасташ салом намуданд.

Савол 953: Аввалин касе, ки байни Сафо ва Марва саъй намуд, кӣ буд?

Ҷавоб 953: Модари Исмоил (а), Ҳоҷар буд.

Савол 954: Аввалин нафаре, ки дар Макка таом ва сарид (як навъи таом) ба ҳуҷҷоҷ медод, кӣ буд?

Ҷавоб 954: Ҳошим ибни Абдуманоф буд.

Савол 955: Аввалин нафаре, ки дар Макка оби Замзамро дар ҳолати мусулмон шудан нӯшид, кӣ буд?

Ҷавоб 955: Абӯзари Ғифорӣ буд.

Савол 956: Аввалин нафаре , ки Каъбаро сӯзонд, кӣ буд?

Ҷавоб 956: Дар замони Абдуллоҳ ибни Зубайр, Ҳусайн ибни Нумайр буд.

Савол 957: Аввалин нафаре, ки рӯзи Ақаба ба Паёмбар (с) байъат намуд, кӣ буд?

Ҷавоб 957: Абӯлҳайсам Молик ибни Тайҳон буд.

Савол 958: Аввалин нафаре, ки дар замони ҷоҳилият барои дохил шудани Каъба пояфзолашро кашид, кӣ буд?

Ҷавоб 958: Валид ибни Муғира буд.

Савол 959: Аввалин нафаре, ки дар Ислом Каъбаро хароб кард ва дубора бино кард, кӣ буд?

Ҷавоб 959: Абдуллоҳ ибни Зубайр буд.

Савол 960: Аввалин нафаре, ки ба Макка ҷуйбори (канали) об овард, кӣ буд?

Ҷавоб 960: Зубайда ҳамсари Ҳорунрашид буд, пас аз он Маъмун буд.

Савол 961: Аввалин нафаре, ки ҳудуди Маккаро сохт, кӣ буд?

Ҷавоб 961: Убайдуллоҳ ибни Абимулайка буд.

Савол 962: Аввалин нафаре, ки дар замони Ислом дари Каъбаро тиллокорӣ кард, кӣ буд?

Ҷавоб 962: Абдулмалик ибни Марвон буд.

Савол 963: Аввалин нафаре, ки шутурҳоро ба Макка тақдим кард, кӣ буд?

Ҷавоб 963: Ҳазарати Алӣ (р) буд.

Савол 964: Аввалин нафаре, ки назди Замзам ва байни Сафо ва Марва чароғ гузошт, кӣ буд?

Ҷавоб 964: Холид ибни Қасро буд.

Савол 965: Аввалин нафаре, ки дар масҷиди Ҳаром нишаста занҳо ва мардҳоро ҷудо мекард, кӣ буд?

Ҷавоб 965: Алӣ ибни Ҳасани Ҳошимӣ буд?

Савол 966: Шуҳадои Фах киҳо буданд ва дар куҷои Макка воқеъ аст?

Ҷавоб 966: Мазори шуҳадои Фахх  дар наздикии Танъим воқеъ аст. Дар замони хилофати Ҳодӣ Аббосӣ Ҳусайн ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Абитолиб (р) (ки пас аз шаҳодат ба шаҳиди Фахх машҳур шуд) дар Мадина даст ба қиём зад ва пас аз тасарруфи Мадина ба самти Макка ҳаракат кард. Дар мадхали вурудии Макка (маҳалли кунунии масҷиди Танъим), ки ба номи водии Фах низ маъруф аст, бо сипоҳиёни то дандон мусаллаҳи Аббосиён рӯ ба рӯ шуд ва ҳамроҳи ҷамъе аз ёрон ва бастагонаш дар соли 169 ҳиҷрӣ-қамарӣ ба шаҳодат расид.

## Мадинаи мунаввара

Савол 967: Зиёрати марқади муттаҳари Набии акрам (с) дар Мадинаи мунаввара, чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоб 967: Бисёрии имомон ва уламои бузурги Ислом, монанди Қозӣ Аёз, Имом ибнил Ҳумом, Имом Нававӣ ва аллома фақеҳи Синдӣ ва ғайра гуфтаанд: «Иҷмои уммат бар он аст, ки зиёрати марқади набавии шариф суннат буда аз фазоили аъмол аст».

Савол 968: Дар бораи зиёрати қабри Расули Худо (с) муло Алӣ Қорӣ чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 968: Муло Алӣ Қорӣ аз машҳуртарин уламои ислом, фақеҳ ва муҳаддисӣ ҳанафӣ-мазҳаб мегӯяд, илова аз чанд нафар, ки ихтилофашон аз эътибори чандоне бархӯрдор нест, дигар ҳамаи уламои Ислом муттафақул қавланд, ки зиёрати қабри Расули Худо (с) аз беҳтарин ва муқаррабтарин некиҳо ва ибодот мебошад ва барои расидан ба дараҷоти улё (баланд) беҳтарин васила ва муҳимтарин дастовез мебошад.

Савол 969: Баъзе аз уламо ба ҷои нияти зиёрати қабри муборак нияти масҷиди шарифро афзал гуфтаанд, инро чӣ хел фаҳмид?

Ҷавоб 969: Имомони чаҳоргона (раҳ) муттафақанд, ки нияти қабри Расули Худо (с) мустаҳаб аст.

Савол 970: Оё ягон далели ҳадисӣ оварда метавонед?

Ҷавоб 970: Дар аҳодис омадааст, ки ҳар кас ҳаҷ кард ва сипас қабри маро зиёрат кард, гӯё маро дар зиндагӣ зиёрат кард, аз ин хабар маълум аст, ки ин масъала назди имомони чаҳоргона муттафақун алайҳи мебошад.

Савол 971: Аҳодисе дигаре низ барои зиёрати қабри Паёмбари Худо (с) оварда метавонед?

Ҷавоб 971: Бале, Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар кас қабри маро зиёрат кунад шафоати ман барояш воҷиб гардад».

Расули акрам (с) фармуданд: «Ҳар кас маҳзи зиёрати ман бидуни ин ки кор ва барномаи дигаре дошта бошад ба Мадина ояд, ҳақ аст бар ман, ки ӯро шафоат кунам».

Расули акрам (с) фармуданд: «Касе, ки баъд аз мавт ба зиёрати ман ояд, гӯё маро дар ҳоли ҳаёт зиёрат намудааст».

Савол 972: Одоби зиёрати масҷиди Набавии Шарифро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 972: Мустаҳаб аст, ки шахс баъд аз расидан ба Мадинаи Мунаввара ва таҳияи ҷой барои буду бош, дар сурати муяссар будан ғусл намуда, баъд аз пӯшидани либосҳои пок ва назиф бо виқор ва тамкин ба масҷиди Набавии шариф рафта, ду ракъат намози

таҳияи масҷидро дар равзаи шарифа ва ё дар ҷои дигари масҷиди Набавии шариф адо намояд.

Савол 973: Одоби салом гуфтан бар Набии карим (с)-ро нишон ва шарҳ диҳед?

Ҷавоб 973: Баъд аз адои намози таҳияи масҷид барои салом гуфтан ба Набии карим (с) ба тарафи марқади мутаҳҳар рафта, бо камоли адаб ва виқор, ба тавре ки гӯё ба маҳзари Набии карим (с) дар ҳоли ҳаёташон истодааст, салом бигӯяд:

Ассалому алайка ё расулаллоҳ,
Ассалому алайка ё набияллоҳ.
Ассалому алайка ё халилаллоҳ,
Ассалому алайка ё ҳабибаллоҳ.
Ассалому алайка ё хайра халқиллоҳ,
Ассалому алайка ё саййида-л-мурсалин.
Ассалому алайка ё имома-л-муттақин,
Ассалому алайка ё шафиъа-л-музнибин.
Ассалому алайка ё хотама-н-набиййин,
Ассалому алайка ё расула Рабби-л-оламин.
Ассалому алайка ё набия-р-раҳмати,
Ассалому алайка ё шафиъа-л-уммати.

Ассалому алайка ё ман васафаҳуллоҳу азза ва ҷалла би қавлиҳи «Ва иннака лаъало хулуқин азим».

Ассалому алайка ва ало соири-л-анбиёи ва-л-мурсалин.

Ассалому алайка ва ало аҳли байтика-т-таййибина-т-тоҳирин.

Ассалому алайка ва ало азвоҷика-т-тоҳироти уммаҳоти-л-муъминин.

Ассалому алайка ва ало асҳобика аҷмаин.

Ассалому алайя ва ало ибодиллоҳи-с-солиҳин.

Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.

Ва ашҳаду аннака расулаллоҳи. Қад баллағта-р-рисолата ва аддайта-л-амоната ва насаҳта-л-уммата ва ақамта-л-ҳуҷҷата ва даъавта ило сабили раббика би-л-ҳикмати ва-л-мавъизати-л-ҳасанати ва ҷоҳадта филлоҳи ҳаққа ҷиҳодиҳи ва абадта раббака ҳатто атока-л-яқин фасалаллоҳу алайка касиран афзала ва акмала ва атяба мо салло ало аҳадин мина-л-халқи аҷмаъин ва-л-ҳамдулиллоҳи рабба-л-оламин.

Савол 974: Одоби салом гуфтан бар ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р)-ро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 974: Баъд аз салом гуфтан бар Набии карим (с) андаке ба тарафи рост ҳаракат намуда, дар назди марқади ҳазрати Абӯбакри сиддиқ (р) истода бар он ҳазрат салом бигӯяд:

Ассалому алайка ё халифата расулиллоҳ.

Ассалому алайка ё соҳиба расулуллоҳи фи-л-ғор.

Ассалому алайка ё рафиқа расулиллоҳи фи-л-асфор.

Ассалому алайка ё амина расулиллоҳи ала-л-асрор.

Ассалому алайка ё сония иснайни из ҳумо фи-л-ғор.

Ассалому алайка ё ман анфақа молаҳу куллуҳу фи ҳуббиллоҳи ва ҳубби расулиҳи ҳатто тахаллала би-л-абои.

Ассалому алайка ё ман қола фи ҳаққика расулуллоҳи (с) «Ё Абобакр анта атиқуллоҳи мина-н-нори». Ҷазокаллоҳу ан уммати расулаллоҳи (с) хайра-л-ҷазои. Аллоҳумма-р-зи анҳу варфаъ дараҷатаҳу ва акрим мақомаҳу ва аҷзил савобаҳу бифазлика ва карамика ё арҳама-р-роҳимина.

Савол 975: Одоби салом гуфтан бар ҳазрати Умар ибни Форуқ (р)-ро шарҳ диҳед?

Ҷавоб 975: Ва баъд аз он қадре ба тарафи рост ҳаракат намуда дар назди марқади ҳазрати Умари форуқ (р) биистад ва салом бигӯяд:

Ассалому алайка ё амира-л-муъминина Умара-б-нал-Хаттоби.

Ассалому алайка ё музҳира-л-исломи.

Ассалому алайка ё нотиқан билъадли ва-с-саввоби.

Ассалому алайка ё ман қола фи ҳаққика расулаллоҳи (с) «Умару-бну-л-Хаттоби сироҷу аҳли-л-ҷаннати».

Ассалому алайка ё або-л-фуқарои ва-з-зуъафои ва-л-аромили ва-л-айтоми. Фалақад насарта-л-ислома ва-л-муслимина ва кафалта-л-айтома ва васалта-л-арҳома ва қаввия бика-л-исломy, фақад кунта лилмуслимина имоман марзиян, ва ҳодиян маҳдиян ҷамаъта шамлаҳум ва ҷабарта касраҳум ва рафаъта шавкатаҳум фа-с-салому алайка ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

Савол 976: Ҳангоме, ки ба назди дари масҷиди Набӣ (с) расид, чӣ бигӯяд?

Ҷавоб 976: Ҳангоме, ки ба назди дари масҷид расид ин дуоро бихонад: **«Аузу биллоҳи-л-азим ва биваҷҳиҳи-л-карим ва султониҳи-л-қадим мина-ш-шайтони-р-раҷим, бисмиллоҳи ва-л-ҳамдулиллоҳи, аллоҳумма салли ало муҳаммаддин ва ало оли муҳаммаддин ва саллим. Аллоҳумма-ғфир лӣ зунубӣ вафтаҳ лӣ абвоба раҳматика».**

Савол 977: Ҳангоми дохил шудан ба масҷид ва хориҷ шудан аз масҷид чӣ мегӯяд?

Ҷавоб 977: Ҳангоми дохил шудан ба масҷид бо пойи росташ дохил шуда ин дуоро бихонад: **«Аллоҳумма-ф-таҳ лӣ абвоба раҳматика»** ва ҳангоми хориҷ шудан аз масҷид ин лафзро мегӯяд: **«Аллоҳумма-ф-таҳ лӣ абвоба фазлика»** ва бо пойи чапаш аз масҷид хориҷ мешавад.

Савол 978: Агар аз дур шаҳри Мадинаи мунаввара ё масҷиди Набӣ (с) намудор шуд, зиёраткунанда чӣ бигӯяд?

Ҷавоб 978: Дар ин ҳолат бар зиёраткунанда лозим меояд, ки бисёр саломму дуруд бар Паёмбар (с) фиристад ва тезтар ҳаракат кунад.

Савол 979: Далелаш чист?

Ҷавоб 979: Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки ҳангоме ки Расули Худо (с) аз сафаре меомад ва ба деворҳои Мадина назар мекард ва маркабашро тезтар меронд ва ҳаракат медод.

Савол 980: Паёмбари Худо (с) масҷиди Набавиро дар куҷо бино кард ва замини масҷидро аз кӣ харидорӣ кард?

Ҷавоб 980: Ҳангоме, ки Паёмбар (с) аз Қубо ба Мадина омаданд, замине, ки аз ду ятими ансорӣ, ки он ҷо қабристони куҳнае ва макони хурмо хушккунӣ буд ва номи он ду ятим Саҳл ва Суҳайл буд, харидорӣ намуд. Он заминро он ду ятим ба Паёмбар (с) ҳамин

хел туҳфа додани будданд, аммо Расули Худо (с) ба онҳо даҳ динор доданд.

Савол 981: Баъди бинои масҷид, масҷид дорой чанд дар буд7

Ҷавоб 981: Масҷид дорой се дар буд.

1.Дари якум дар ҷануби масҷид (ҷиҳати қиблаи имрӯза)

2.Дари дуюм, дари Отика (дари Раҳмат) аз ҷиҳати мағриб

3.Дари сеюм, ҷиҳати машриқ ва ба номи дари Усмон (дари Ҷабраил) шинохта мешавад.

Савол 982: Дар масҷиди Паёмбар (с) аввал қибла кадом тараф буд?

Ҷавоб 982: Дар масҷиди Паёмбар (с) қибла аввал ба тарафи Байтулмуқаддас буд.

Савол 983: Баъди таҳвили қибла ба тарафи Каъба дари ҷанубиро (тарафи қибларо) чӣ кор карданд?

Ҷавоб 983:  Ҳангоми таҳвили қибла ба тарафи Каъба Расули Худо (с) аз ҷониби шимол даре кушода ва дари тарафи ҷанубиро маҳкам карданд.

Савол 984: Меҳробе, ки ҳазрати Умар (р) дар даврони хилофаташ сохтанд, дар куҷои масҷид воқеъ шудааст?

Ҷавоб 984: Ин меҳроб байни меҳроби Набавӣ ва меҳроби Усмонӣ ҷойгир шудааст.

Савол 985: Абӯлӯълуӣ маҷусӣ (Фирӯз) ҳазрати Умар (р)-ро дар куҷо ва дар кадом намоз ба қатл расонд?

Ҷавоб 985: Абӯлӯълуӣ маҷусӣ ҳазрати Умар (р)-ро дар намози бомдод, рӯзи чаҳоршанбе дар таърихи чаҳоруми Зулҳиҷҷа соли 23-и ҳиҷрӣ дар ҳамин меҳроби худаш ба қатл расонд.

Савол 986: Айни замон имоми масҷиди Набавӣ намозро дар кадом меҳроб мехонад?

Ҷавоб 986: Айни замон имоми масҷид намозро дар масҷиди Набавӣ дар меҳроби Усмонӣ мехонад.

Савол 987: Сутуни ҳазрати Оиша (р) дар куҷои масҷид қарор дорад?

Чавоб 987: Сутуни ҳазрати Оиша (р) қарибтарин сутун ба меҳроби Паёмбар (с) аст. Инчунин ин сутунро сутуни муҳоҷирин меноманд, зеро муҳоҷирони Қурайш назди ин сутун ҷамъ мешуданд. Паёмбар (с) пеш аз таҳвили қибла тарафи ин сутун намоз мехонд.

Савол 988: Сутуни Тавба дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 988: Сутуни Тавба наздикии ҳуҷраи шариф воқеъ аст. Фазилаташ дар он аст, ки ҳангоми эътикоф Паёмбар (с) фирошашро дар паси ин сутун паҳн мекард ва инчунин тавбаи Абӯлубоба ин ҷо қабул шуда буд.

Савол 989: Устувона ё сутуни Сарир дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 989: Сутуни Сарир низ дар наздикии ҳуҷраи шариф воқеъ аст. Барои он сутуни Сарир мегӯянд, ки Паёмбар (с) бар он такя мекарданд.

Савол 990: Сутуни Ҳирс дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 990: Ин сутунро сутуни ҳазрати Алӣ (р) меноманд, зеро Алӣ (р) он ҷо намоз мехонд ва Паёмбар (с)-ро посбонӣ менамуд.

Савол 991: Сутуни Вуфуд дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 991: Сутуни Вуфуд дар шимоли сутуни Ҳирс воқеъ буда он ҷо намояндагон (меҳмонон) менишастанд.

Савол 992: Суфа дар куҷои масҷид воқеъ аст?

Ҷавоб 992: Суфа дар пушти ҳуҷраи шариф воқеъ аст.

Савол 993: Асҳоби Суфа киҳоро мегӯянд ва аз чанд нафар иборат буданд?

Ҷавоб 993: Аҳли Суфа нафароне буданд, ғариб, фақир ва бекас, он ҷо хоб мерафтанд. Ададашон аз 70-нафар зиёд буд. Дарозии Суфа 12-метр, паҳноияш 8-метр ва аз замин ним метр баланд мебошад.

Савол 994: Дарҳое, ки аз самти ғарбии масҷид мавҷуданд, кадомҳоянд?

Ҷавоб 994: Дарҳо инҳо мебошанд:

1.Боби (дари) Салом. Аввалин дар аз тарафи ғарб мебошад.

2.Боби (дари) Абӯбакри Сиддиқ (р) мебошад.

3.Боби (дари) Раҳмат ва боз дари Отика ном дорад.

4.Ду дари дигаре, ки ҳазрати Умар (р) дар вақти тавсеа карданаш кушодааст.

Савол 995: Дарҳое, ки аз тарафи шарқии масҷид қарор доранд, кадомҳоянд?

Ҷавоб 995: Дарҳо инҳо мебошанд:

1.Боби (дари) Бақиъ. Аввалин дар аз тарафи шарқ аст.

2.Боби (дари) Ҷабраил (а).

3.Боби (дари) Нисо (Занҳо).

4.Боби (дари) Олӣ Абдуллоҳ ибни Умар (р).

Савол 996: Меҳроби Сулаймонӣ дар куҷои масҷид воқеъ шудааст?

Ҷавоб 996: Ин меҳроб дар даврони давлати Усмонӣ бино шуда дар тарафи чап, ҳангоми дохил шудан аз дари Салом воқеъ шудааст.

Савол 997: Агар касе ба Паёмбар (с) салом гӯяд, оё саломи ӯро ҷавоб мегӯяд?

Ҷавоб 997: Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар кас назди қабри ман

омада бар ман салом гӯяд, Худованд рӯҳи маро баргардонад ва ман саломи ӯро ҷавоб диҳам».

Савол 998: Аввал зиёрати қабри Паёмбар (с) беҳтар аст ё ҳаҷ?

Ҷавоб 998: Ибни Ҳаҷар мегӯяд: Аксари машоих бар инанд, ки аввал ҳаҷ кунад, аммо ин матлаб муваҷҷеҳтар аст, ки агар дар вақти гунҷоиш бошад, ки битавонад бо оромиши кофӣ ба зиёрат пардозад аввал Мадина рафта бо итминон зиёрат кунад, сипас ҳаҷ анҷом диҳад, яъне зиёратро муқаддам, мабодо баъд аз ҳаҷ мушкил ва мусибат пеш ояд ва натавонад ба Мадина сафар кунад. Албатта, агар дар вақт вусъат нест ҳаҷро ҳатман муқаддам дорад.

Савол 999: Ҳангоме, ки ба масҷид дохил мешавед дар ду ракъати таҳияи масҷид кадом сураҳоро хонад?

Ҷавоб 999: Дар ду ракъати таҳияи масҷид дар ракъати аввал сураи **қул ё айюҳал кофирун** ва дар ракъати дуввум сураи **қул ҳуваллоҳу аҳадро** бихонад, зеро дар сураи аввал нафй ширк ва дар сураи дуввум исботи тавҳид ва сифоти ҳақ таоло аст.

Савол 1000: Аввалин касе, ки атрофи масҷиди Набӣ (с)-ро сангфарш кард, кӣ буд?

Ҷавоб 1000: Аввалин касе, ки атрофи масҷиди Набӣ (с)-ро сангфарш намуд, Муовия ибни Абӯсуфён (р) буд ва баъди ӯ Абдулмалик ибни Марвон буд.

Савол 1001: Оё дар бораи кӯҳи Уҳуд Паёмбари Худо (с) ягон ҳадисе ривоят кардааст?

Ҷавоб 1001: Аз Анас ибни Молик (р) нақл шудааст, ки барои Расули Худо (с) кӯҳи Уҳуд падидор гашт, пас фармуд: «Ин кӯҳе аст, ки моро дӯст дорад ва мо онро дӯст дорем».

Аз Анас ибни Молик (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Уҳуд бар даре аз дарҳои биҳишт аст, чун бар он гузар мекунед аз дарахтон ва буттаҳои он бихӯред, ҳарчанд буттаи хор бошад».

Савол 1002: Ҳангоме, ки Паёмбар (с) бар болои кӯҳи Уҳуд баромад ва кӯҳ ларзид, Паёмбар (с) хитоб ба Уҳуд чӣ гуфт?

Ҷавоб 1002: Паёмбар (с) фармуданд: «Уҳуд собит бош!, зеро дар болои ту Набӣ аст ва Сиддиқ аст ва ду шаҳид аст».

Савол 1003: Барои чӣ ин кӯҳ Уҳуд ном гирифтааст?

Ҷавоб 1003: Чун ин кӯҳ мутаввaҳид ва мустақил аз кӯҳҳои дигар аст, Уҳуд хонданд.

Савол 1004: Нисбати Ҳарам будани Мадинаи мунаввара Паёмбар (с) чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 1004: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Мадина аз Ир то Савр Ҳарам аст». Савр кӯҳест дар пушти кӯҳи Уҳуд қарор гирифтааст.

Савол 1005: Ҷабали (кӯҳи) Румот дар куҷо воқеъ аст?

Ҷавоб 1005: Кӯҳи Румот (Айнайн) кӯҳи пасте аст, ки байни кӯҳи Уҳуд ва масҷиди Набавӣ, ки одамон болои он мебароянд, воқеъ аст. Иблис болои ин кӯҳ баромада дод зад, ки Муҳаммад (с) кушта шуд.

Савол 1006: Машҳуртарин қуббаҳои масҷиди Набавӣ чандто ҳастанд?

Ҷавоб 1006: Машҳуртарин қуббаҳои масҷиди Набавӣ 4-то мебошанд.

1.Қуббаи (гунбази) сабз

2.Қуббаи маҷорид

3.Қуббаи меҳроби Усмонӣ

4.Қуббаи боби Салом

Савол 1007: Қуббаи (гунбази) сабз аз кай боз ин рангро гирифт?

Ҷавоб 1007: Соли 1228-и ҳиҷрӣ Султон Маҳмуди Сонӣ қуббаро ранги сабз кард ва ба қуббаи (гунбази) сабз машҳур гашт.

Савол 1008: Ҷасади Паёмбари Худо (с)-ро киҳо ва кадом сол хостанд бидузданд?

Ҷавоб 1008: Дар аҳди давлати Аббосиён соли 557-ҳиҷрӣ ду нафар аз насоро хостанд ҷасадро бидузданд.

Савол 1009: Ҷасадҳои Абӯбакри Сиддиқ (р) ва Умар (р)-ро киҳо хостанд бидузданд?

Ҷавоб 1009: Алавиён соли 411 хостанд тавассути нақб ҷасадҳои Абӯбакр ва Умар (р)-ро аз Ҳарам бидузданд, аммо он ҳангом ҳаво чунон торик ва раъду барқ шуд, ки онҳо натавонистанд бидузданд ва ба Равза паноҳ бурданд. Баъди равшан шудани ҳаво онҳоро ба қатл расониданд.

Савол 1010: Дар масҷиди Қубо Паёмбар (с) чанд рӯз намоз хонданд?

Ҷавоб 1010: Дар масҷиди Қубо Паёмбар (с) рӯзҳои душанбе, сешанбе, чаҳоршанбе ва панҷшанбе намоз хонданд. Рӯзи ҷумъа намози ҷумъаро дар масҷиди Ҷумъа барпо намуданд.

Савол 1011: Оташи бузурге (Вулкон), ки Паёмбар (с) пешакӣ хабар дода буд, кай ба вуқӯъ пайваст?

Ҷавоб 1011: Ин оташи бузург (вулкон) соли 654-ҳиҷрӣ ба вукӯъ пайваст. Сангҳои сиёҳе, ки ҳоло дар наздикии Мадинаи мунаввара мебошад, осори он оташ аст.

Савол 1012: Паёмбари Худо (с) дар бораи водии Ақиқ чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 1012: Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: Расули Худо (с) ҳангоме, ки дар водии Ақиқ буд, фармуданд: «Имшаб фариштае аз ҷониби парвардигорам назди ман омад ва гуфт: Дар ин водии муборак намоз бихон ва бигӯ: Ин умрае дар ҳаҷ аст».

Умар ибни Хаттоб (р) гуфт: Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармояд: «Ақиқ водии муборак аст».

Савол 1013: Чоҳҳое, ки Паёмбар (с) аз он об нӯшидаанд, кадом чоҳҳоанд?

Ҷавоб 1013: Чоҳҳои машҳури Мадинаи мунаввара инҳо мебошанд:

1.Чоҳи Бузоа, Паёмбар (с) дар ин чоҳ оби даҳон андохт.

2.Чоҳи Рувма дар водии Ақиқ мебошад.

3.Чоҳи Ҳо

4.Чоҳи Суқё

Савол 1014: Оё Даҷҷол ба Мадинаи мунаввара дохил мешавад ё не?

Ҷавоб 1014: Умрон ибни Ҳусайн гуфт: Бо Расули Худо (с) мерафтем, ки ба Уҳуд расидем, бар Уҳуд боло рафтем ва Расули Худо (с) рӯ ба Мадина истоду фармуд: «Вой бар ин шаҳр! Сокинонаш онро дар беҳтарин вазъе, ки дорад вомегузоранд! Се бор ин суханро фармуд-Даҷҷол оҳанги даромадан ба ин шаҳр мекунад, аммо наметавонад ба он дарояд. Ӯ бар ҳар даррае аз дарраҳои атрофи шаҳр фариштае нигаҳбон мебинад, ки шамшер баркашидааст».

Дар ҳадиси дигаре омадааст, ки Даҷҷол ва касалии Тоъун (Вабо) ба Мадина дохил шуда наметавонад.

Савол 1015:Чанд муддате, ки дар Мадинаи мунаввара мемонад, чӣ кор карданаш афзал аст?

Ҷавоб 1015: Дар муддати истодан дар Мадинаи мунаввара ҳарчи мумкин аст вақти худро дар масҷиди шариф бигзаронад. Ҳадди ақал як хатми Қуръонро дар масҷиди шариф анҷом диҳад ва агар эътикоф нишинаду насибаш гардад, чӣ беҳтар. Дар шабҳо ҳарчи ба ибодат бигзарад беҳтар аст, зеро шабҳои муборак чун шабҳои Мадина кучо пайдо мекунад. Тиловати Қуръони маҷид ва идомаи зикрро маъмул дорад ва хуб дуруду салом арз кунад ва шабҳоро бедор буда саъй кунад то андак вақте зоеъ ва аз даст наравад.

Савол 1016: Оё зиёрати Ҷаннату-л-Бақиъ фазилат дорад ё не?

Ҷавоб 1016: Имом Нававӣ мегӯяд: Ҳар рӯз ҳузур дар Бақиъ мустаҳаб аст, билхусус дар рӯзи ҷумъа ва ин ҳозирӣ баъд аз ҳузур ба дарбори Расули Худо (с) бошад ва дар Бақиъ ба зиёрати қабрҳои маъруфи он бипардозад. Монанди қабрҳои ҳазрати Усмон (р), Иброҳим писари Расули Худо (с), ҳазрати Аббос (р), ҳазрати Ҳасан (р), ҳазрати Зайналобиддин, Имом Боқир, Имом Ҷаъфар, Сафия аммаи Расули Худо (с), азвоҷи мутаҳҳарот, духтарони тайиботро зиёрат

кунад. Фазилати зиёрати Бақиъ дар ривоёт ба касрат омадааст.

Савол 1017: Паёмбари Худо (с) нисбати имон дар Мадина, чӣ фармуданд?

Ҷавоб 1017: Расули Худо (с) фармуданд: «Имон паноҳ мебарад ба Мадина чунонки мор ба сӯрохи худ паноҳ мебарад ва ҷамъ мешавад».

Савол 1018: Паёмбари Худо (с) нисбати баракат дар Мадина, чӣ фармудаанд?

Ҷавоб 1018: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Аллоҳ дар Мадина баракати Маккаро ду баробар гардон».

Савол 1019: Касе, ки мардуми (аҳолии) Мадинаро фиреб диҳад ба чӣ ҷазо гирифтор мешавад?

Ҷавоб 1019: Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Қасди фиреб намекунад бо аҳли Мадина касе, магар чун намак дар об завб (ҳал) мегардад, яъне ҳалок мешавад».

Савол 1020: Паёмбари Худо (с) нисбати хоки Мадинаи мунаввара чӣ гуфтааст?

Ҷавоб 1020: Аз ҳазрати Оиша (р) ривоят шудааст, ки гуфт: Агар касе бемор мешуд ё ҷароҳат бармедошт Расули Худо (с) бо ангушти худ чунин мекард. Ровии ҳадис Суфён ангушташро дар замин гузошт ва ангушташро бардошт ва Расули Худо (с) фармуданд:

«Ба номи Худо, ба хоки замини мо ва ба оби даҳони якеи мо бемории моро шифо бахш ба изну иҷозаи Парвардигори мо».

**«Бисмиллоҳи, турбату арзино, бириқати баъзино, юшфо биҳи сақимуно, биизни раббино».**

Савол 1021: Расули Худо (с) нисбати хоки водии Бутҳон, чӣ фармудааст?

Ҷавоб 1021: Аз падари Собит ибни Қайс ибни Шаммос ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) ба назди Собит ибни Қайс омад ва ӯ бемор буд, пас Паёмбари Худо (с) фармуданд: «Эй Парвардигори одамиён бемориро аз Собит ибни Қайс ибни Шаммос дур кун, пас хоке аз Бутҳон гирифту дар қадаҳе андохт, пас каме об бар қадаҳ рехт ва бар ӯ пошид».

Савол 1022:Аввалин нафаре, ки дар масҷиди Набӣ (с) дар Мадинаи мунаввара равшанӣ ихтироъ кард ва шамъ гузошт, кӣ буд?

Ҷавоб 1022: Аввалин нафаре, ки дар масҷиди набавӣ равшанӣ ва шамъ гузошт, Тамими Дорӣ буд. Ҳангоме, ки Расули Худо (с) бо асҳобашон намози шом ё хуфтанро дар масҷид адо намуданд, пас аз масҷид хориҷ шуданд ва диданд, ки берун равшанӣ мекунад. Пурсиданд: Инро кӣ анҷом додааст, гуфтанд: Тамими Дорӣ, эй Расули Худо (с), пас фармуд: Исломро нуронӣ кардӣ ва Худои Таъоло

туро дар дунё ва охират нуронӣ гардонад. Аммо агар духтар медоштам ба ту никоҳ карда медодам.

Навфал ибни Ҳорис гуфт: Эй Расули Худо (с) ман духтар дорам бо номи Муғира бинти Навфал, пас бо ин духтар чӣ нияте дорӣ анҷом бидеҳ. Пас ӯро ба Тамими Дорӣ никоҳ карда доданд.

Аммо аввалин нафаре, ки шамъҳо ва қандилҳоро ба масҷид овезон намуд, Умар ибни Хаттоб (р) буд. Замоне, ки мардумро дар намози таровеҳ бар як имоми воҳид ҷамъ карда буд.

Савол 1023: Саҳобае, ки дар таърихи Ислом бо номи кабӯтари Ҳарам машҳур аст, кӣ буд?

Ҷавоб 1023: Ин саҳоба Абдураҳмон ибни Авф (р) буд.

Савол 1024: Нисбати чиҳил намоз дар масҷиди набавӣ ягон ҳадисе омадааст ё не?

Ҷавоб 1024: Аз Анас (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳар кас дар масҷиди ман чиҳил намоз бихонад, ки ҳеҷ намозе аз ӯ фавт нашавад, барояш бароат аз дузах ва наҷот аз азоб навишта мешавад ва аз нифоқ барӣ (дур) мегардад».

Савол 1025: Паёмбдари Худо (с) нисбати касе, ки аз хонааш ба нияти намоз хондан ба масҷиди набавӣ меояд, чӣ фармудааст?

Ҷавоб 1025: Аз Абӯҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд: «Ҳангоме, ки нафаре аз шумо аз хонааш ба нияти  масҷиди ман хориҷ мешавад як пояш ҳасаноташро менависад ва пойи дигараш бадиҳояшро маҳв мекунад».

## Манобеи истифодашуда

Дар таҳияи ин китоб аз мароҷеъ ва манобеи зиёде истифода шудааст, ки муҳимтарини онҳо инҳо мебошанд:

1. Қуръони Карим: Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе «ЭР-граф» 2011

2. 15- Тафсири Сафвату-т-тафосир: Муаллиф Муҳаммад Алии Собунӣ: Тарҷумаи Муҳаммад Тоҳири Ҳусайнӣ- Теҳрон, Эҳсон-1382.

**А.Кутуби ҳадис:**

1. «Саҳеҳ»-и Бухорӣ».Таълифи Имом Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ бо шарҳи он «Фатҳу-л-Борӣ». Бейрут-Лубнон.

2. «Саҳеҳ»-и Муслим». Таълифи Имом Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи Қушайрӣ. Миср-Қоҳира.

3. «Сунан»-и Абӯдовуд». Таълифи Сулаймон ибни Ашъаси Сиҷистонӣ. Ҳимс-Сурия.

4. «Сунан»-и Насоӣ». Таълифи Аҳмад ибни Шуъайби Насоӣ. Бейрут-Лубнон.

5. «Сунан»-и Тирмизӣ. Таълифи Абӯисо Муҳаммад ибни Исои Тирмизӣ. Миср-Қоҳира.

6. «Сунан»-и Ибни Моҷа». Таълифи Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Язиди Қазвинӣ. Бейрут-Лубнон.

7. «Ал-Муснад». Таълифи Имом Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал. Бейрут-Лубнон.

8. Ал-Мустадрак ала-с-Саҳеҳайн.Таълифи Имом ҳофиз Аби Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳокими Нишопурӣ. Бейрут- Лубнон.

9. «Ал- Мусаннаф». Таълифи Абибакри Абдураззоқ ибни Ҳаммоми Санъонӣ. Бейрут-Лубнон.

10. Муаттаи Имом Молик.

**Б.Кутуби фиқҳ:**

1. «Мабсут».Таълифи Имом Шамсиддини Сарахсӣ. Дору-л-маъри- фат . Бейрут-Лубнон.

2.«Фатҳу-л-қадир». Таълифи Камолиддин ибни Ҳумом. Алматбаату-л-Кубро. Миср.

3.«Радду-л-Мухтор».Таълифи Аллома ибни Обиддин. Алматбаъа- ту-л- Мустафа-л- боби Ҳалабӣ. Миср.

4.«Ал-Фатово-л-ҳиндия» машҳур ба «Фатовои оламгирӣ». Таълифи мавлоно Низом ва гурӯҳе аз уламои бориз ва машҳури Ҳинд. Матбаату-л- Кубро би Булоқ. Миср.

5. «Фатовои Асъадия». Таълифи Сайид Асъади Маданӣ.

6. «Баҳру–р-роиқ». Таълифи Ибни Наҷими Ҳанафӣ. Миср.

7. «Кашфу-л-ҳақоиқ. Шарҳи канзу-л-дақоиқ». Таълифи Шайх Абдулҳакими Афғонӣ. Матбаату-л-адабия. Миср.

8. «Ҳошияи Таҳовӣ бар китоби Радду-л-Мухтор». Таълифи Аллома Аҳмади Таҳовӣ. Дору-л- маърифат. Бейрут-Лубнон.

9. «Маносик»-и Мулло Алӣ Қорӣ бо шарҳи он «Иршоди Сорӣ». Дору-л- маорифи Нуъмония. Лоҳур-Покистон. Маккаи мукаррама.

10.Китоби «Ҳаҷ ва Умра». Таълифи Нуриддин Атр. Муассисаи «Рисола»-и Бейрут..

11. Аҳком ва маносики ҳаҷ ва умра. Нависанда: Дуктур Абдураҳим Фирӯз.

12. Фалсафа ва аҳкоми ҳаҷ ва умра. Муаллиф Муҳаммад Барфӣ. 1347.

13.Тасҳили Ҳидоя. Таълифи Мавлоно Шоҳ Файсал Фозил. Пешовар-Покистон.

14. Субҳи Нурӣ шарҳи форсӣ. Мухтасари Қудурӣ. Таълифи Мавлоно Муҳаммад Ҳаниф Фозили Девбанд. Пешовар- Покистон.

15. «Ҳидоя» Имом Бурҳониддин Абӯҳасан Алӣ ибни Абӯбакри Марғелонӣ. Муқаддима, такмили

матни тоҷикӣ, шарҳу тавзеҳот ва тахриҷи аҳодис аз Маъруф Раҳимов. Душанбе-2010.

16. Ал-Муғнӣ фи-л-ҳаҷ ва-л-умра. Саъид ибни Абдулқодир Бошинфар. Бейрут-Лубнон.

17. Маҷмуаи фазоили ҳаҷ ва роҳнамоии ҳуҷҷоҷ. Таълифи Мавлоно Муҳаммад Закариё.

**В. Кутуби таърих:**

1. Таърихи Макка. Таълифи Абӯлвалид Азрақӣ. Маккаи мукаррама.

2. Ахбори Макка. Таълифи Имом Абӣ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Аббос Фокеҳӣ Маккӣ. Маккаи мукаррама.

3. Фусул мин торихи-л-мадинати-л-мунаввара. Таълифи Алӣ Ҳофиз. Ҷидда.

4. Ал-Мадинату-л-мунаввара фазоил ва маъолим. Таълифи Доктор Абӯмуҷоҳид Муҳаммад Шамсиддин Хӯҷа. Мадинаи мунаввара 1434.

5. Таърихи Мадинаи мунаввара. Таълифи Абӯзайд Умар ибни Шаббаҳи Нумайрӣ. Теҳрон.

6. Ҳаҷҷату-л-вадоъ ва ҷузъ умароти набӣ. Таълифи Шайх Муҳаммад Закариё кондеҳлавӣ. Бейрут-Лубнон 1997.

7. Ҷомеъу-л-латиф фи фасли макка ва аҳлуҳо ва бинои-л-байти-ш-шариф. Муаллиф Мавлоно Ҷамолиддин Муҳаммад Ҷоруллоҳ. 1979.

8. Муъҷизоти шифо бо оби Замзам. Таълифи Мустадраки Ҳоким ва Доруқутнӣ

9.«Замзам, таърих ва фазилат». Таълифи Достор Аҳмад Муҳаммад Шаъбон-2011

10. Олиҷ нафсака бимои замзам. Таълифи Холид Ҷор. Мансура –Миср.

11. «Замзам, таому туъмин ва шифоу суқмин». Таълифи Муҳандис Яҳё Ҳамза. Мадинаи мунаввара 1403- ҳиҷрӣ.

## МУНДАРИҶА


1. Сарсухан
2. Аҳкоми Ҳаҷ
3. Фарзҳо, воҷибот ва сунатҳои Ҳаҷ
4. Миқотҳо ва Эҳром
5. Он чӣ дар эҳром манъ шудааст
6. Дохил шудан ба Макка ва тавофи қудум
7. Рамал ва изтибоъ
8. Намози тавоф
9. Саъй дар миёни Сафо ва Марва
10. Рафтан ба Мино ва Арафот
11. Ҳаракат ба сӯи Муздалифа
12. Ҳаракат ба сӯи Мино
13. Тавофи зиёрат
14. Рамӣ ҷамарот
15. Тавофи видоъ
16. Масоили мутафарриқа
17. Умра
18. Қирон
19. Таматтуъ
20. Моҳҳои Ҳаҷ
21. Чӣ касе наметавонад дар миёни ду нусук ҷамъ
22. намояд?
23. Ҷиноёт (хилофварзиҳо) ва ҷазои онҳо
24. Пӯшидани либоси дӯхташуда
25. Пӯшидани сару рӯй
26. Хушбӯии либосу бадан
27. Гирифтани нохунҳо
28. Тарошидани мӯй

**29.** Ҳукми маъзур

**30.** Ҷимоъ ва ангезаҳояш

**31.** Иртикоби мамнуъот дар Ҳаҷ

**32.** Тавоф дар ҳоли ҷиноят ё бевузӯӣ

**33.** Тарки воҷиб дар афъоли Ҳаҷ

**34.** Ба ҳам задани тартиб

**35.** Ҷиноятҳои умра

**36.** Шикор кардан дар эҳром

**37.** Ҳукми қорин дар иртикоби мамнуъот

**38.** Убур (гузаштан) аз миқот бидуни эҳром

**39.** Ҷиноёти Ҳарам

**40.** Эҳсор

**41.** Фавти вуқуфи Арафа

**42.** Ҳадй ё қурбонӣ

**43.** Масоили мутафаррица

**44.** Масоили мутаффарица

**45.** Маълумот дар бораи Муздалифа

**46.** Маълумот дар бораи сангзанӣ

**47.** Маълумот дар бораи ҳадй

**48.** Маълумоти иловагӣ дар бораи қорин, мутамат

**49.** тиъ ва ғайра

**50.** Ҷиноёт, хун, садақа ва иода (такрор)

**51.** Дар бораи Арафот

**52.** Маълумоти изофӣ дар бораи саъй байни Сафо ва

**53.** Марва

**54.** Маълумоти иловагӣ дар бораи ҷамарот

**55.** Маълумот дар бораи сартарошидан
**56.** Маълумот дар бораи Ҳудайбия
**57.** Умраи Қазо
**58.** Умраи Ҷеърона
**59.** Ҷиноёт
**60.** Масоили мутаффариқа (наёбат)
**61.** Маълумоти иловагӣ оиди тавоф
**62.** Дар бораи Ҳарам ва ҳудуди он
**63.** Дар бораи либоси Каъба
**64.** Маълумот дар бораи Замзам
**65.** Нисбати таърих ва бинои масҷид
**66.** Ҳаҷҷи даврони ҷоҳилӣ
**67.** Маълумот дар бораи намоз хондан дар дохили
**68.** Каъба
**69.** Фазилати ҳаҷ, ҳоҷӣ ва умракунанда
**70.** Нисбати таърихчаи  Каъба ва бозсозии он
**71.** Номҳои Маккаи мукаррама
**72.** Маълумот дар бораи  ба ҷиҳати Каъба намозхо
**73.** нии кишварҳо
**74.** Масоили мутаффариқа
**75.** Мадинаи мунаввара



1025
Саволу ҷавоб дар аҳкоми
ҳаҷ ва умра

Kurbonov Abdulvadud
Islamic Institute, after Imam Abu Hanifa.
Dushanbe, Tajikistan

Қурбонов Абдулвадуд
Донишкадаи Исломӣ ба номи
Имоми Аъзам Абӯҳанифа
Душанбе, Тоҷикистон